САИДАЛӢ САИД

# НИЁИШНОМАИ ПИРИ ҲИСОР

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2021

**ТКБ 84тоҷик 7-5**
**С – 20**
**ТДУ 891.550-1**

Мушовирон
Ҳоҷӣ Исмоил ПИРМУҲАММАДЗОДА
ва Саидвалӣ ӮЗБЕКОВ

Муҳаррир Раҳмат НАЗРӢ

Мураттибон
Иброҳими НАҚҚОШ ва Афсар САРМАД

**С – 20 Саидалӣ САИД. Ниёишномаи Пири Ҳисор** (*маҷмӯаи шеърҳо*). – Душанбе: «Адиб» 2021. – 352 саҳ.

Хонандагони азиз, дар ин маҷмӯаи шеърҳое, ки дар ихтиёр доред, ашъори ирфонии солҳои охир эҷодкардаи шоир аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирд оварда шудаанд. Инчунин, дар ин китоб меҳрнома ва сӯгномаҳои дӯстон низ замима гардидаанд.

**ISBN 978-99947-2-686-8**

**© Саидалӣ Саид, 2021**



## ЗИСТНОМАИ МУХТАСАР

Саидалӣ Саид (Саидалӣ Ӯзбеков) 10-уми январи соли 1959 дар маҳаллаи Белайдӯзи шаҳри Ҳисор дар хонаводаи шоир ва ҳофизи мардумӣ Саид Ӯзбеки Сарихосорӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Соли 1976 мактаби таҳсилоти ҳамагонии №11 ноҳияи Ҳисорро ба итмом расонида, донишҷӯи техникуми савдои шӯравӣ мешавад. Баъди хатми он ба аскарӣ рафта, солҳои 1979-1981 дар шаҳри Смоленски Федератсияи Россия дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Шӯравӣ адои хизмат дошт.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ УДТ ба номи Ленин)-ро соли 1993 бомуваффақият хатм мекунад.

Саидалӣ Саид мутахаллис ба Пири Ҳисор, нависанда, шоир, мутарҷим ва муфассири Қуръони маҷид буда, муаллифи китобҳои қиссаҳову ҳикояҳои «Сафинаи умед» (1993), «Лолаҳои арғувонӣ» (1994), «Вақте ки марг ҳам фаро мерасад» (1995), инчунин, ҳафт ҷилди тарҷума ва тафсири манзуми сураҳои

Қуръони карим, таҳти унвони «Тафсири Зарнигори Валӣ» аст. Романи «Ману оҳанги шайтонӣ», повесту ҳикояҳо ва маҷмӯаи ашъори «Розҳои вараҳи куҳнакитоб» ба қалами Саидалӣ Саид тааллуқ дошта, намунаи шеърҳояш дар маҷмӯаи дастаҷамъонаи «Баёзи панҷгона» чоп шудаанд.

Бештари ашъораш ирфонӣ буда, солҳои охир дар телевизиони «Тоҷикистон» барномаи тафсири ирфонии шеърҳои Ҳофиз ва Бедилро пахш мекард.

Аз соли 1993 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва соли 1996 Лауреати Мукофоти адабии ҷавонони Тоҷикистон мебошад.

## ХОТИРАИ ШИКАСТА...

*Ман намурдаам...*
*Маро биҷӯед аз мисраҳои шеъри тарам*
*Ва аз сафҳаҳои «Тафсири зарнигор».*
*Маро биҷӯед зи нури офтоб*
*Дар ёлаҳои зарнисори Ҳисор...*
*Ман намурдаам... Дил мезанам ҳанӯз...*

Устоди зиндаёд Ҳоҷӣ Саидалӣ Саидро солҳои навадуми асри пешин тавассути китоби ирфонияшон «Тафсири Зарнигори Валӣ» мешинохтам. Дертар аз барномаи фарҳангии «Сайди маънӣ», ки Устод ашъори Ҳофиз ва Бедилро тафсир мекарданд, баҳра бардоштаам.

Шиносоии ман бо Устод Саидалӣ Саид тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат гирифт ва мо гуфтугӯи телефонии зиёде низ доштем...

Устод соҳиби ҳусни хатти зебои ниёгон буданд ва дастнависҳояшон дар бойгонии наздиконашон маҳфуз аст. Андешаҳои дилорову лаҳни гуворое доштанд ва дорои дили бузурге буданд. Олимону орифонро ҳамеша азизу гиромӣ медоштанд ва доим аз фотиҳаю фатвои муршидонаи муҳтарам Ҳоҷӣ

Исмоил Пирмуҳаммадзода баҳравар мешуданд. Бо ҳамроҳии дигар адибони Ҳисор шеърҳои ба қалам овардаашонро бо иҷозати эшон дар маросимҳои Намози Ҷумъа ба мардум қироъат мекарданд, ки пораеро аз онро ин ҷо меорем:

*Нозам ҳамеша ман ба суханҳои пири хеш,*
*Мислаш дар ин замона сухандон намешавад.*

*Пири тариқатест дар ин минбар, эй азиз,*
*Бе ӯ вуҷуди даҳр фурӯзон намешавад.*

*Исмоиле дигар талабӣ, рав хамӯш бош,*
*Пайдо чунин гуле ба гулистон намешавад.*

Ба дӯстону шогирдон ва пайвандону фарзандони падар низ самимият ва эҳтироми хоса доштанд, хусусан бо бародарашон Саидвалӣ. Ҳатто ба хотири эшон китобашонро «Тафсири зарнигори Валӣ» номгузорӣ карда, ин байтҳои зеборо низ барои ин бародари арҷмандашон гуфтаанд:

*Вақте ки туро модари дилсӯз бизод,*
*Дунёи бародарӣ бароям биниход.*

*Аз ҷони падар нишонае сохт ба ман,*
*Як ҳамқадами ягонае сохт ба ман.*

*К-аз ҳастии ту маро ҷаҳон обод аст,*
*Дил аз алами ҳарду ҷаҳон озод аст.*

*Вақте, ки туро бубинам, эй додари ҷон,*
*Дидори падар бубинаму модари ҷон.*

*Мавлуди ту дода чун маро мӯътабарӣ,*
*Фархунда нишони модариву падарӣ!*

*Бигзор, ки ман зинда бароят бошам,*
*Як ҳамдами оянда бароят бошам.*

*Ман зиндаам аз бароят, эй додари ҷон,*
*Кай бе ту маро хуш аст ин кавну макон.*

*Гар зинда туӣ дар ин ҷаҳон, зинда манам,*
*Дар партави меҳри пок поянда манам.*

*Мавлуди ту, ҷони ман, муборак бодо,*
*Эй рӯҳу равони ман, муборак бодо!*

...Рӯзи 3-юми августи соли 2019 бо ҳамроҳии адибон Иброҳими Наққош, Хайрандеш ва Ибодуллоҳи Солеҳ бо Устоди зиндаёд Ҳоҷӣ Саидалӣ Саид дар маҳаллаи Яккачинори шаҳри Душанбе дидорбинии рафиқона оростем. Ин маҳфил зиёда аз шаш соат идома ёфт ва хеле хотирмон буд.

Устод Иброҳими Наққош пешниҳод карданд, ки китоби муштараки «Баёзи панҷгона» интишор диҳем ва ин иқдом аз ҷониби ҳамагон дастгирӣ ёфт. Устод Саидалӣ Саид хеле хурсанд буданд ва сидқан хоҳиш доштанд, ки ин гуна маҳфилҳоро зуд-зуд баргузор созем...

Зиндагӣ пешомади ногаҳонии бисёр дорад... Новобаста аз ин дар дил орзуву ормони зиёде мепарвариданд. Нақша мекашиданд, ки китобе бо номи «Ҳазор ғазали Пири Ҳисор» интишор диҳанд.

Мақсудашон ин буд, ки барои аҳли адаб ба монанди «Боғи Ҳирот» маҷмаае сохта, аҳли қаламро дар он ҷо сарҷамъ кунанд ва ин мавзеъро «Боғи Ҳисор» ном гузоранд, вале... умр бақо накард...

...Субҳи 10-уми августи соли 2019 ҳаво пурғубор буд. Пагоҳии барвақт ман ба Устод Саидалӣ Саид занг задам. Бо як самимияти хоса суҳбат мекарданд. Маслиҳат кардем, ки соати нуҳ ҳамроҳ ба маъракаи хурсандии яке аз дӯстонамон хоҳем рафт. Вале насиби дидор набудааст. Дар вақти ваъдагӣ телефонашон хомӯш буд...

Устод Саидалӣ Саид он субҳи козиб, ки лаҳзаҳои охирини ҳаёташон буд, ин байти Бедилро дар саҳифаи маҷозии худ ҷой дода буданд:

*Гудози дард тӯфон кард, даст аз мо бишӯ, Бедил,*
*Набурд ин сел агар имрӯз, фардо мебарад моро.*

Он рӯз замин ду маротиба ҷунбид. Хабари марги ногаҳонии Устод пайвандону дӯстон ва ҳаводоронашонро дар дохили кишвар ва берун аз он ба ларза овард.

Ёдашон ба хайр, равонашон шод ва манзили охираташон обод бод!

*Боди аҷале омаду ӯ аз бари мо рафт,*
*Нокарда видое ба алам сӯи Худо рафт.*

Рӯзу ҳафтаҳо ва моҳу солҳо пайи ҳам сипарӣ мешаванд ва дар китоби зиндагонӣ сафҳаҳои нав ба нав илова мегардад. Асарҳои Устод Саидалӣ Саид ва пандномаю ниёишномаҳои эшон барои насли оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳое боқӣ хоҳад монд.

**Афсар САРМАД**

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Ин саҳар дар хоби ғафлат будам, омад пири мо,
Пири зебое ба сони моҳи оламгири мо.

Гуфт: «Осон аст аз ин водӣ гузаштан, эй азиз,
Гар ту бо мо бошиву побастаи занҷири мо!

Меравӣ майхонаҳо, менӯшӣ аз ҳар соқие,
Ман туро май медиҳам аз косаи тақдири мо!»

Сад калиде доштаст он боргоҳи Лоязол,
Ҳалли мушкил нест инҷо бе дуои пири мо.

Ҳар чи моро дар хаёл омад, пашизе беш нест,
Нақши девори таре будаст ин тасвири мо.

Дасти моро боз гирад - қотеъона ваъда дод,
Дар фалак мулке аҷоиб мешавад тасхири мо!

Ё Раб, ин эълони Пири мо куҷо моро барад,
То нагардад хун аз он чӣ дод модар шири мо?!

Дар таваккул сина бикшоям ба он Пири Ҳисор,
То ки дил иншо кунад баҳри шумо тафсири мо!

* * *

Мушкил бувад кушодани он ақди бастаро,
Ё бозсозӣ кардани ҷоми шикастаро.

Оре, намозро ба қазо мекунӣ адо,
Чун мекунӣ гиреҳ нахи аз ҳам гусастаро.

Ҳушёр шав, ба нолаи булбул адаб гузор,
Оё дубора дидаӣ аз шоха ҷастаро.

Хоҳӣ назар кунӣ ба шаҳидони ин Ватан,
Бингар ту лолаҳои аз ин хок растаро.

Пешона то ба хоки сари раҳ намениҳӣ,
Кай бинӣ он ҷамоли ҷалоли хуҷастаро?!

Моро зиёрате, ки ба Пири Ҳисор ҳаст,
Бедору зинда мекунад ин ҷони хастаро.

* * *

Аз ман чӣ талаб мекунӣ собитқадамиро,
Ин зиндадили хокии роҳи адамиро?!

Ҳушёр куҷо дидаӣ аз аҳли харобот,
Мастанд нанӯшида ҳама, ҷоми Ҷамиро?!

Гар ҳавсала хоҳӣ ту бар даргоҳи малоик,
Бардор нахуст ин ҳамаи бори хамиро!

Дунё, ки бувад мазраъаи рӯзи қиёмат,
Пас, боядат ин ҷо ту чашӣ хушку намиро.

Ин хоки замин ҳаст чарогоҳи ду ҳайвон,
Бо худ чи кашӣ ишқаму ин бори дамиро?!

Бадбахт кас, обод агар мешавад аз пул,
Хушбахт кас, ар мекашад ин бедирамиро.

Гар бар ту набошад назари Ҳақ, ту чӣ донӣ,
Ин рақсу самоъу забару зеру бамиро?!

Ин базм, ки ороcт ба мо Пири Ҳисорӣ,
Ғайр аз ғами Ҳақ ғам нахӯрад бешу камиро!

* * *

Эй пастрафиқи бемудоро,
Бо таъна чӣ бингарӣ ту моро?!

Бо тинати бад наёбӣ асло
Аз минбару мансабат сафоро.

Донӣ, ки гунаҳ чу қатраи об,
Сӯрох кунад вуҷуди хоро?!

Пинҳон гунаҳат макун, ки гардад
Дар баҳси қиёмат ошкоро.

Пандест накӯ ба хонадорон,
Иброҳиму хулқи неки Соро!

Мурдан чи накӯ бувад ба марде,
Ойинакаш асту зиннаторо!

Некӯ сабақест Персиполис
Морову туро зи аҳди Доро.

Оне, ки фурӯхт мазҳаби хеш,
Некӯтар аз он бувад насоро!

Як зарра камоли худ наёбӣ
Бе мактабу ҳикмати Бухоро.

Роҳат ба касе, ки пайравӣ кард
Аъмолу ҳадиси Мустафоро!

* * *

По мазан, эй паҳлавон, марди ба хок афтодаро,
Чунки дар иқболи худ пӯшӣ дари бикшодаро!

Халқи олам орзуҳо парварад аз шавқи дил,
Кам касе дидам, ки пӯяд интиҳои ҷодаро.

Бӯсаи рӯи Китоби Ҳақ аҷоиб лаззатест,
Ин адаб бинмояд оқил мардумони содаро.

Иблис устоди малоик, ифтихори Арш буд,
Беадаб гардиду аз каф дод қурби додаро.

Эй зан, аз марди хиёбонӣ чӣ гардӣ бордор?
Мекунӣ дарди сари мардум ҳаромизодаро?!

Аз арақҳои чабини модарони тоҷик аст,
Бингар, акнун маснади Айниву Турсунзодаро!

Модари тоҷик агар шарму хаё боло барад,
Тифли вай рӯзе ҷазо бахшад Хуросондодаро.

Оре, оре, бахти миллат иттиҳоди миллат аст,
Боз меҳру оқибат он раҳбари озодаро!

Ин Ватан муфти ману ту нест, медонӣ чаро?
Бингарӣ бояд сари дар хоки он бинҳодаро!

* * *

Аз куҷо донӣ ту ҳоли ошиқони зорро,
Лаззати заҳри надиданҳои ҳусни ёрро?!

Ҳикмате ёбад ҳамон чашми саодатпешае,
Бас гадое бинад ин шӯру шари бозорро.

Шавқи қурбонӣ шудан андар биёбони Ҳарам,
Шаҳд созад баҳри уштур неши уштурхорро.

Гарчи неъматҳо зи касби хеш ёбад морбоз,
Мекунад охир мамоти хеш заҳри морро.

Наварӯсе кӯдаке хоҳад зи даргоҳи Худо,
Аз куҷо донад, ки ёбад душмани ғаддорро?!

Марги ёрони ҷавонӣ зиндаёронро балост,
То қиёмат мекашанд ин сӯзи оташборро.

Чашми сӯфӣ хушк ҳамчун шӯразорон гашт, лек
Бо сари доре харид ӯ зарраи асрорро.

Ранҷи по то пеши бедардон чаро бояд кашид,
Дидани мумсик балорез аст файзи корро.

Сабр кун, эй ҷони ман, ояд баҳоре баҳри ту,
Менапурсад аз туву пур мекунад анборро!

* * *

Оина аст ин дили шоирхаёли мо,
То арзаҳо кунад ба шумо тарзи ҳоли мо.

Ҳаргиз магӯ, ки ҳар нафасатро ҷавоб нест,
Сабт аст дар китоби қиёмат вуболи мо.

Касро зи кори хайр куҷо биму ларза аст,
Тарсам зи рӯзи ҳашру «ҷавобу саволи» мо.

Мо чун дарахти пири пур аз шоху бар шудем,
Зери табар, Худо, наравад навниҳоли мо!

Ёди азизи рафтарафиқон чи мушкил аст,
Мορост вохӯрӣ магар аз ин заволи мо?

Як сӯй мурдан асту ба як сӯ висоли дӯст,
Бе тухфа назди дӯст чи созад маҷоли мо?!

Сад борҳо ба шавқи висолаш адо шудам,
Рӯзам сияҳ назар накунад бар висоли мо!

Рӯзӣ ба вақти хеш, ки моро диҳад чи суд,
Аз ҷустуҷӯи сарвату аз ҷамъи моли мо?!

Асрор агар ҳамин бувад аз чи ба зиштиҳо,
Ризқат ҳаром созӣ зи нони ҳалоли мо?!

Бар мо ҳасад мабар, ту чи донӣ, ки фитнаҳост,
Дар пушти умри рафтаи фархундафоли мо?!

* * *

Гар ту ошиқ нестӣ, кай донӣ оҳи зорро?
Аз ҷароҳатдида пурс аҳволи заҳри морро?!

Завқи ҷамъи моли дунё аз гадо ҳам дур нест,
Кам надонад аз Ҳарам дарвозаи бозорро.

Минбари зоти Муҳаммад паллааш се тахта буд,
Таърифи минбар кунам ё воизи маккорро?!

Рафт Мансур аз ҳақиқат гуфтанаш бар зери дор,
Аз чи созӣ зеби гардан ҳалқаҳои дорро?!

Аз ғурури хештан Иблис хору зор гашт,
Шарт мебояд, ки донӣ қиммати гуфторро.

Шуълаҳо дорад даруни синаи Пири Ҳисор,
Як зиёрат, марҳамат, ин қабри оташборро!

* * *

Рафтӣ, ҷавониям, нанамудӣ хабар маро,
Рафтӣ, накарда як хабари мухтасар маро.

Дар ҷустуҷӯи ёри худ андар фалак будам,
Аз ҳусни хок бехабарӣ буд басар маро.

Омад хабар, ки ходими маҳшар бувад Замин,
Равшан шуд он дақиқа ҳама ҳӯши сар маро.

Он ёр дар дилу мо бехабар, магар,
Аз шавқу шӯр кард басо дарбадар маро?!

Акнун, Худои ман, ба ман анвори худ намо
Ё, гӯ кашад ба кулбаи худ хоки тар маро!

Як шайх дар ҷавонӣ ишорат ба салла кард,
Гуфто: «Бидон кафан бувад он гирди сар маро!»

Гаштан шаҳиди роҳи Худо як нафас бувад,
Аммо хуш аст ошиқиву чашми тар маро.

Гуфтам ба Лайлӣ оҳ, нигар ошиқат, бигуфт:
«Ӯ бо Худову ҳеҷ насозад назар маро!»

Дар маҳфиле, ки шамъи вай аз шеъри Рӯдакист,
Сад бор кушта зинда кунад то саҳар маро.

* * *

Азроил он бувад, ки надонад баҳонаро,
Во мекунад ба як пуфи худ қуфли хонаро.

Паймона пур шавад, нахӯрад раҳми ҳеҷ кас,
Не шоҳу не гадову на тифли ягонаро.

Дунё асири соати мафҳуми Холиқ аст,
Бар кас нагуфт оқибати ин фасонаро.

Ҷони ҳама, ки мекашад Азроил аз бадан,
Сӯҳон чаро, ки бод кунад куҳнахонаро?!

Сӯрохи мағзи хора кунад қатра-қатра об,
Оташ чи сӯзад ин ҳамаи хону донаро?!

Бар хок захматест ба дастони одамӣ,
Барҳам чаро занад ҳамаи ин нишонаро?!

Пас, баҳри чист кина ба Азроил, эй рафиқ,
К-ин ҷо ҳақиқатест Худои ягонаро.

Бар дӯши хеш ҳар чи тавонӣ ҳамон бикаш,
Боз ин ки гир тахти назар ин замонаро.

Ҳар ҷо шунидаам, ки бузургони ақл ҳаст,
Побастаанд кунҷаки завлонахонаро.

* * *

Баҳри чӣ таъна мезанӣ аҳли шаробро,
Ҳоло ки худ надидаӣ ишқу азобро?!

Талх аст ашки дидаи мурғи кабоб, лек,
Оташ диҳад саодати лаззат кабобро.

Ҳар ҷо пур аст маъдани оҳан, вале ҳамон
Сайқал, ки дид рахна занад Офтобро.

Аз гарди домане, ки такид он Расули пок,
Бар шаҳри Макка кард равон ширу обро.

Нақши қудуми Ҳазрати Иброҳими Халил,
Шуд зина сӯи ишқи Худо изтиробро.

Майхона рав, бинӯш май аз дасти соқие,
К-он аз ту поку тоза кунад «хӯру хоб»-ро.

Сар дар бағал гузору нигаҳ кун ба чашми дил,
Арши Худо, фариштаву он печу тобро!

Сайре, ки дар мамолики дунё кунӣ, чи суд,
Беҳуда доғи рӯ набувад Моҳтобро?!

Моро магӯ: «Манӯш май, охир, зи по занӣ!»
Олудагӣ хуш аст, бубин ин туробро!

* * *

Ман чӣ созам дарди ишқи рӯз-афзуни туро?
Дӯст медорам ҳама авсофу мазмуни туро!

Маърифат дорам, ки ҳастӣ, ақлро гум кардаам,
Бо кӣ гӯям ин ҳадиси сеҳру афсуни туро?!

Дар фалак аҳли малак, дар хок фарзандони пок,
Чашми ҳайрат бурдаанд он «чуни бе чун»-и туро.

Соқии масту мани майхораву сӯфии пок,
Ҷумла раҳгумгаштаанд он дашту ҳомуни туро.

«Менабинӣ, – гуфт, Ҳотиф, – оpази гумкардаат,
То ба охир гар нарезад қатраи хуни туро!»

Зора кардам бар қаландар: «Дасти моро ҳам бигир!»
Бо умеди он ки донам рози Маҷнуни туро.

Кибриёи дидаам дар гарди роҳи мардум аст,
Баъд аз он фаҳмидам он асрору қонуни туро.

Аҳли Қуръон масти фатво, аҳли тақво масти ту,
Як назар, ё Раб, кун ин мадҳуши маҳзуни туро!

Қадри захри теғи ишқатро касе донад, ки он,
Дар шаби қадре кашид оҳи шабохуни туро.

Кӯчаҳо тангандy сангандозиҳои кӯдакон
Бештар созад муҳаббатҳои Маҷнуни туро!

* * *

Табибам, аз куҷо донӣ давои ғамбарориро,
Худо танҳо худаш донад илоҷи интизориро?!

Шариф аст одамӣ вақте ки бар худ касб месозад
Таманнову дуову нолаву афғону зориро.

Адаб чун пеши по зад хориҷ аз даргоҳ шуд Иблис,
Бубинад беадаб рӯзе азоби сангсориро.

Чи созад он падар вақте Худо аз қисмати шумаш,
Насибаш гар кунад ночор фарзанди қиморӣро?!

Аё, қотил, магӯ хуне, ки резӣ, хушк хоҳад шуд,
Худо рӯзи қиёмат хушк созад хуни ҷориро!

Зи хони нокасон ҳар луқмае дарди гулӯ дорад,
Раво баҳри чӣ медорӣ ба шаъни хеш хориро?!

Куҷо деҳқони оқил дар сари бозор бифрӯшад
Замину юғу испору ду ҷуфти гови кориро?!

Агар бо манну салво[1] ҳар саҳар субҳонае дорӣ,
Чашидан бояд, эй оқо, гаҳе нони ҷавориро!

Либоси одамӣ гӯёи аҳволи дарунаш нест,
Камоли зоҳиру ботин парастад хоксориро.

Биё, то қиблаи гумкардаро ёбӣ, иродат кун
Бузургони Сари Хосору Пирони Ҳисориро!

---

[1] Манна – ширинӣ, салво - бедона

* * *

Дил додаам он чӯҷаи зебои париро,
Дарёфтаам ҳикмати соҳибназариро.

Ҳаргиз нашавӣ хоҷаи ин водии узлат,
Азбар накунӣ то ғаму оҳи саҳариро.

Хоҳӣ, ки ба фаҳми ту расад сирри қаландар,
Аз худ бинамо қоидаи дарбадариро.

Бе арзи дуои падару модару устод
Охир бикашӣ заҳмати зеру забариро.

Аз хокраҳи мазҳаби бобоии худ бин
Дар синаи мо ҷилваи шамсу қамариро.

Баҳри чи занӣ таъна ту бар сустии пирон,
Ҳар шоха кашад оқибат ин бесамариро.

Чун охири корат ҳама як панҷаи хок аст,
Ҳайф аст кунӣ касби яқин шӯру шариро?!

Арвоҳи бузургонат агар хоҳӣ, наранҷад,
Помол макун погаҳу хони падариро!

Ҳусни ту базеб аст агар, духтари тоҷик,
Бигрез ба сад фосила домонитариро.

Чун фахр кунӣ, ҷони ман, аз шуҳрати Рустам,
Пас, хор макун анъанаи шеринариро!

Аз Рӯдакӣ то айни замон шеър биомӯз,
Он гаҳ бишунав кақбаи ин кабки дариро.

* * *

Ё Раб, аз чӣ кардаӣ афсона тақдири маро,
Ҷуз ту аз хобам намеёбанд таъбири маро?!

Гуфтам, аз пири тариқат пурсам аҳволам, вале
Кардаӣ девона акнун ҳазрати пири маро.

Пои ман ҳоло ба ҳар сӯ меравад беихтиёр,
Ку ҳамон шахсе, ки бандад боз занҷири маро?!

Умрҳо бигзашту шармам ояд аз камтоатӣ,
Дар қиёмат бигзар, эй бахшанда, тақсири маро!

Модарам дар хобам омад гуфт: «Ҳайфат, эй писар,
Аз чи мерезӣ ту дар хоки сияҳ шири маро?!»

Хонавайроне ба золим арз кард: «Аллоҳи ман,
Мезанад бар синаи ту оқибат тири маро!»

Дар куҷо дидӣ касе пок асту бе ҷурму гуноҳ,
Бас кун, эй беҳудагӯ, бо ханда таҳқири маро!

Бо тамасхур, эй такаббур, суратамро наҳ мазан,
Зоти наққошам кашида тарҳу тасвири маро!

Зоҳид, асбоби фиреб аз ояти Қуръон макун,
Барчин аз роҳам дигар он доми тазвири маро.

То нагуфтам: «ё Алӣ, шери Худо, дастам бигир!»
Ёри танҳо во накард ин қуфли тадбири маро.

* * *

Мехӯрам аз тоати кам доим афсуси туро,
Посбонам ин дили дар сина маҳбуси туро.

Соҳибони масҷиду дайранд мадҳуши баҳӯш,
Ҳар саҳар бонги азону занги ноқуси туро.

Сӯфиё, чун ошиқи ёри манӣ, покиза бош,
То ба кай созам ҳимоят нангу номуси туро?!

Шаб куҷо дар гирди номаш меравӣ рақсу самоъ,
То насозад равшан он маҳбуб фонуси туро?!

Боҳаё бош, андар ин маҳфил, ки соқӣ ногаҳон,
Мезанад барҳам камоли осмонбӯси туро!

Зоҳидо, ҳушёр шав, ин хок охир мехӯрад,
Ҷомаҳо аз пунбаву аз пашму сандуси туро!

Эй қаландар, меравӣ роҳи дароз, осуда бош,
То Худо шодӣ диҳад он қалби маъюси туро!

Мисли Қорун ҳирси дунёро макун асбоби дил,
Ҳирси дунё кӯр созад чашми олуси туро.

Эй ватанбезор, агар таъни Ватан созӣ, яқин
Таъни он бар дӯзах орад афти манҳуси туро!

Ман, ки асрори ту аз ҳар барги гул дуздидаам,
Раҳм кун ин шоиратро, балки ҷосуси туро!

Ё Раб, авлоди башар бояд, ки таъзим оварад,
Рудакии Панҷакат, Фирдавсии Тӯси туро!!!

* * *

Бар дари бозор дидам соқии афтодаро,
Як тараф майхонаву қуфли дараш бикшодаро.

Гуфтам акнун аз куҷо панде ба гӯшам мерасад,
Кист бар мо соф созад он майу он бодаро?!

Дард дил дорам ман аз ҳамсуҳбатони тангдил,
Аз куҷо ёбам ҳарими рози одамзодаро?!

Мекашӣ ҳар як нафас, дорад закоти бешумор,
Пурсиши рӯзи қиёмат ку закоти додаро?!

Ончи додӣ, дар биёбон оядат рӯзе ба даст,
Шарм мебояд кашидан пурсиши нододаро!

Ақлро чӯпони ҳирсу кибру сабру раъй соз,
Чунки чӯпон мебарад ҳар сӯ, ки хоҳад подаро.

Бо биёбонташнагон аз сидқ агар бошӣ, Худо
Баҳри ту чун оби Зам-зам мекунад шаббодаро.

Аз халалҳои муғелон дар дили мо тарс нест,
Чунки пири мо ба мо омӯхт дарси ҷодаро.

Нест мушкил шоиреро гуфтани ҳарфи қабеҳ,
Синапокиҳо бувад сарчашма ҳарфи содаро.

Бар Ҳисори нозанини мо гузар мебоядат,
Гар дилат хоҳад, ки бинад шоири озодаро.

Чунки аз ин хоки поку оби софаш додааст,
Миллати моро Худо Мирзои Турсунзодаро!

* * *

Чаро сар мекашӣ, эй ҷони ман, фармони карданро,
Ки ғавғои қиёмат ханҷари тез аст гарданро?!

Азиз аст он қадарҳо ҷони одам, лек, эй нодон,
Фаромӯш аз чи созӣ айни ҷони худ супурданро?!

На пайғамбар, на омиро надидам, к-ӯ халосӣ ёфт,
Аз он соат, ки маҷбуранд заҳри марг хӯрданро.

Ба ҳар кас мекунӣ хубӣ ҳамон ҷо аз хаёлат бар,
Ки дар ҷои ту ҳаст оне, ба ҷо орад шумурданро.

Камоли зиндагонӣ хидмати халқу Ватан бошад,
На ҳар кас мекашад сангинии ин бори бурданро.

Бад-он девори ҳамсоя чаро созӣ нигоҳи бад,
Ту пеш аз ин гунаҳ овар ба ёди хеш мурданро!

Агар бо сидқи дил номи азизамро нагирам ман,
Равад ақлу забонам гум кунад байте суруданро!

Маро дидам чу санги осиёб ин дарси некам дод:
«Ба чархи ин фалак бояд саре дар хок суданро!»

Ҳаёт аз ман ба зебоиш медуздад нафасҳоям,
Куҷо оне, ки омӯзад маро зебо рабуданро?!

Ду-се ҳарфе, ки мегӯям, зи пушти парда гӯяндам,
Мани беғайрат он донам фақат ҳарфе шунуданро.

Аз ин рӯ, гуфтан аз ҳарчи шунудан кори мо гардид,
Вале кори Шумо бошад аз он маъно кушуданро.

* * *

Бе амри Ҳақ зи ҳам наканӣ ҳеҷ риштаро,
Дигар намекунӣ хати Холиқ навиштаро.

Ҷонро раҳо кунӣ ту ба мардумфиребият,
Аммо куҷо тавон бифиребӣ фариштаро?!

Аз мардумон тавон бигирифт, ончи додаӣ,
Кас бозпас наёфта умри биҳиштаро.

Гар пойгоҳи хона насозӣ накӯву сахт,
Хоҳӣ ту хӯрд ҳасрати девори шиштаро.

Оре, барои банда Худо раҳмат оварад,
Шарми ту бод агар хӯрӣ дони накиштаро!

Ман хоки пои роҳи туам, зӯриям макун,
Айб аст позании ту хоки сириштаро!

* * *

Зи гул бояд бипурсӣ хори ғам дар пой бастанро,
Чи донад булбул аз хомӯшии гулҳо гиристанро?!

Дар ин водӣ далерони Ватан донанд, эй ғофил,
Шаҳидафтодану аз хуни худ фаввора ҷастанро!

Азиз аст он қадар ҷоне, ки дар ҷисмат асар дорад,
Куҷо марде, ки мехоҳад зи ҷони хеш растанро?!

Сари як ришта ҷони мо қадам бигзоштан дорад,
Накард ин ришта кай бо кас ҳамон кори гусастанро?!

Нахуст омӯхтан бояд каломи ишқ, эй воиз,
Аз он пас орзу бояд ба минбарҳо нишастанро!

Ба кас девонагӣ шояд, ки тан дар хуни худ молад,
Дусад ошиқ набитвонад ба сина неш хастанро.

Чи заҳматҳо ҳамебояд кашад устоди донишманд,
Ки омӯзад ба шогирде ду-се ҳарфе навистанро!

Ба гӯшам ҳотифе ин гуфт: «Зебо зиндагонӣ кун,
Макун як лаҳза ҳам шарманда ин қонуни зистанро!»

* * *

Одат макун ин феъли бади «мову манӣ»-ро,
Бар худ чи кунӣ фоҳиша дунёи даниро?!

Ҳаргиз набарӣ то лаҳад, эй ошиқи сарват,
Не лаъли бадахшӣ, на ақиқи яманиро.

Мақсуди худу қибла макун то нашавӣ ҳайф,
Ин маъмани беҳудаи барҳамзаданиро!

Нодида агар дил ту бубандӣ ба нигорат,
Гӯям, ки шиносӣ ту Увайси Қараниро.

Шукрона куну сабр, ки ин гардиши тақдир
Дигар накунад ҳеҷ қазои шуданиро.

Бинӣ зи азал ҳар чи навиштанд бароят,
Бовар макун он ҷодуву макри шаманиро.

Олуфтагарӣ касб чи созӣ, ки дар олам
Шоистаи гул кард Худо гулбаданиро.

Гар назм бувад духтари дӯшизаи зебо,
Ту ҳадя намо куртаи чити чаканиро.

Ин марг арӯсест, ки бе раҳмату шафқат
Бар хок барад ҷумлаи дарвешу ғаниро.

Устоди сухан гарчи диҳад дарси каломат,
Аз Бори Худо ёбӣ ту ширинсуханиро.

* * *

Тане бемору ҷоне хору теғи интизор ин ҷо,
Диле ғамбору ишқе зору аҳволе низор ин ҷо.

Нишоти салсабил, мастии дил бо занҷабил он ҷо,
Хаёле тору вазнин бору роҳе сангзор ин ҷо.

Қабои замҳарирy беназиру ҷӯи шир он ҷо,
Вуҷуд афгору заҳри мору гул дар пои хор ин ҷо.

Ҷамоли ҳуру кони нуру дастони булӯр он ҷо,
Саре бар дору ғамбемору оҳи бешумор ин ҷо.

На ранге зарду не номарду не ҷоне бадард он ҷо,
Чаман хуншору дилозору фарёди ҳазор ин ҷо.

Фараҳмандиву лабхандиву гулқандии тар он ҷо,
Ғалат бар кору ҳаҷри ёру сардии баҳор ин ҷо.

Сафои Кавсару Пайғамбару ҳусни назар он ҷо,
Суҷуди бебарору шубҳадору тарси нор ин ҷо.

Агарчи мардумон озодаҷону шодмон он ҷо,
Худо ёру мададгору ҳамин ду чашми чор ин ҷо.

* * *

Чӣ мағрурӣ, аё нодон, аз ин боло нишастанҳо,
Ки дорад, охир, ин болонишастанҳо шикастанҳо?!

Чаро часпидаӣ муҳкам дар ин шаҳди ҳаёт имрӯз,
Ки шаҳди он шавад захре, ки меорад ба растанҳо?!

Мапар боло, ки дар боло сари сахти ту мечархад,
Туро зери мағок орад ҳамин беҳуда ҷастанҳо.

Магӯ дар минбари воиз наёбад роҳи худ Иблис,
Ки онҷо дарс омӯзад туро зуннор бастанҳо.

Бирав бо аҳли дил биншин, ки дунё макрҳо дорад,
Чи суд орад пушаймонӣ чу ояд вақти растанҳо?!

Таноби умри одам онқадарҳо офате дорад,
Сари ҳар як нафас орад балое аз гусастанҳо.

Нафасҳоро ғаниматҳост, баргираш, ки дар охир,
Чӣ ҳосил бар даҳон ангушт аз он беҳуда хастанҳо?!

* * *

Гирифторӣ маро дорад азоби он тағофулҳо,
Ҷавониҳо, ки аз ман рафт бо мастиву ғул-ғулҳо.

Гуле чидам ба қурбонӣ, ки ёри ман ба хокаш зад,
Ҳазорон таъна бар гӯшам расид аз оҳи булбулҳо.

Аз он пас нола мекардам ҳамеша: «Ё Раб, ағфир ли!»
Гаҳе рози дили худро ҳамегуфтам ба сунбулҳо.

Ғанимат будааст, аммо надонистам дар ин манзил
Ҳама базмам ба ҳам резад ба сони май ба қул-қулҳо.

Чи ҳосил аз ман ин шабҳо, ки бо ҳасрат ҳаменолам:
«Тағофулҳо, тағофулҳо, тағофулҳо, тағофулҳо!»

* * *

Куҷо медонӣ, эй ғофил, ғами Маҷнуни шайдоро,
Шикастан, рехтан, бигдохтан аз ишқи Лайлоро?!

Биёбонгардро тӯфон ба кунҷе бахшад оромиш,
Надида Юсуфи зебо, кӣ бишносад Зулайхоро?!

Ҳадиси ошноиҳо чӣ медонад дили беғам,
Надонад ишқи Мавлонову он Шамси ҳувайдоро?!

Шабе бинӣ қаландарвор сайри кӯчаҳо дорам,
Рафиқи ман мапурс аз ман калиди ин муамморо!

Бирав бо тарбият бедор кун фарзанди некатро,
Ки созад ғарқ бо оби вузӯ Иблиси доноро!

Баҳои даҳ писар дорад, агар донӣ ту, як духтар,
Ба дӯши хеш рӯзе мекашад ин бори дунёро!

Мазан беҳуда занро гарчӣ хомӯшона мегиряд,
Ки меорӣ ту хашми Холиқи танҳои якторо.

«Зан андар тарбият оқил бувад, – Пири Ҳисорӣ гуфт,
Ҷигарпарварда донад хислати ҷону ҷигарҳоро!»

* * *

Эй ҷони ман, чаро шиканӣ ҷоми нобро,
Дар хоки тар чаро фиканӣ ин шаробро?!

Мастии он хабар диҳад аз ҳоли сӯфиён,
Рӯят сиёҳ гардаду бинӣ итобро.

Шармандагист гар ту на мастӣ зи ишқи ёр,
Сархуш ба зулф бингарӣ он печу тобро.

Беҳуда интихоб накард Одами Сафӣ,
Ин оламу ҷудоиву сӯзу иқобро.

Асрори ин зи ҷамъи хароботиён шунав,
Ҳар кас надиду нек нахонд ин китобро.

Фанди халоиқ аз чӣ кунӣ баҳри нафси хеш,
Нодидаӣ ту дӯзаху ҳоли кабобро!

Сарфи назар шавад ҳама аз дори зиндагӣ,
Аммо Худо зи кори ту пурсад ҳисобро.

Пушти зани касон чӣ ғалат мекунӣ нигоҳ,
Андеша кун зи духтарат, ин масти хобро!

Пири Ҳисори ман ба дуо бош, то кунанд
Гумкардагони қибла дуруст интихобро!

* * *

Бемори дилам, ку сабабе ин дили моро,
Занҷиркашӣ мекунад ин обилапоро?!

Эй зуҳранишин, кунгураи Арш набинӣ,
Дар хоки сияҳ гар накунӣ хонаву ҷоро!

Чашми дили мо сурма кашид аз ҷигари хок,
То аз қафаси сина кунад сайри саморо.

Шоҳон, ки ту бинӣ, сари тахтанд ба рифъат,
Шояд ки шуниданд гаҳе оҳи гадоро.

То зард нагардад рухат аз ишқи зари сурх,
«Лаббайк»-и ту оро надиҳад байти Худоро.

Аз хайру сахо буд, ки дами ҳазрати Исо
Дарёфт бар он Ҷамҷама «доруву даворо».

Ин ҳам ғазале буд, ки ба як бор навиштам,
Соқӣ ба намозаш диҳадам ҷоми дуоро.

* * *

Эй муғаннӣ, бар наво каш нолаи танбӯрро,
То тасаллое диҳӣ ин ошиқи маҳҷурро!

Як валӣ дидам, ки аз пирӣ чу кӯдак ҷисм дошт,
Бо дуое баст маҳкам аждаҳои зӯрро.

Ҳурмати пирони давр аз амри Аллоҳу Набист,
Эй ҷавон, аз худ намо ин ҳарфҳои нурро!

Сарбаландӣ мекунад навкиса бо нозу ғурур,
Бехабар з-он шӯрбои калла кирми гӯрро!

Хандаҳои кафши мо аз ҳарзагардиҳои мост,
Хок резад аз даҳан, ифшо кунад манзурро.

Санг ҳам дил дорад, аз рафтори по ҳушёр шав,
То Худо бар ту набахшад ҳоли зори кӯрро!

Тухми сунбулро нишон дар саҳнаи боғи Ирам,
Хор дорад зеби рақсу ҷилва хоки шӯрро.

Кай тасаввур сустимон кард пайдо лаҳзае,
Ҳазрати Мӯсову розу нолаҳои Турро?!

Ошиқ астӣ, пас ту беморӣ, аё Пири Ҳисор,
Бе табобат монӣ аз ҳастӣ дили ранҷурро!

* * *

Эй ҷунунафтода, нолон дам ба дам ойӣ, чаро?!
Бехудӣ дорӣ, вале бо дарду ғам ойӣ, чаро?!

Андаруни синаи ту Каъбае бинҳодаанд,
Гар ҳақиқат ин бувад, сӯи Ҳарам ойӣ, чаро?!

Ин ҳама девонагиҳо лутфи маҳбуб асту бас,
Гӯяд: «Андар пешатам, пушти дарам ойӣ, чаро?!»

Эй ки мегӯяд туро: «миммо разақно...юнфиқун!»
Сӯи ин аҳли мусибат бе карам ойӣ, чаро?!

Ман ку аз дарди ҷудоӣ рӯзу шаб дар нолаам,
Ҳамчу бедардони сар дарди сарам ойӣ, чаро?!

Суҳбате бояд маро аз ҳамдаме, ки ошиқ аст,
Назди ман бе чангу най, бе зеру бам ойӣ, чаро?!

Болу парҳо доштӣ, аммо ба ман метохтӣ,
Мон ки бе болу пар аз ту беҳтарам, ойӣ чаро?!

Нағз медонӣ, ки дарвешам, ту аҳли ҷоҳу мол,
Оқибат бо тақ-тақи худ бар дарам ойӣ, чаро?!

Волии ин водии хуррам бувад Пири Ҳисор,
Содагиро дӯст дорад, мҳтарам ойӣ чаро?!

* * *

Такопӯҳо кунад одам пайи асрорҷӯйиҳо,
Ки то рӯзи қиёмат мекунад ин ҷустуҷӯйиҳо.

Ғанимат кардаанд ин фасли зебои ҷавониро,
Бирав саҳро, ки даврон бигзарад аз мушкбӯйиҳо!

Ҷаҳонро бо сухан бунёди ҳастӣ дод, медонӣ?
Аё зоҳид, аз он минбар бирав бо хомгӯйиҳо!

Чаро дар худ ҳамепечӣ, ки айёми ҷавонӣ рафт,
Ки сар дар хок мемонӣ пас аз афтодамӯйиҳо?!

Ба сайронгоҳи ҷаннат меравад сӯфӣ, вале аввал
Ба оташҳои дӯзах медиҳандаш шустушӯйиҳо.

Табассум кун ба ҳар маҳфил агар ногоҳ хонандат,
Бисӯзад шамъи ҳар маҳфил ғуруру ранҷрӯйиҳо.

Ман аз мағзи тафаккурҳои Бедил нағз фаҳмидам,
Ки моро шарми рӯй монад аз ин беҳудагӯйиҳо.

«Ба дунё гоҳ машғул шав, – маро Пири Ҳисорӣ гуфт,
Вагарна гӯри танг аст он аз ин гумкардакӯйиҳо!»

* * *

То ба кай ин фиребу бозиҳо,
Фитнаву ҷабру нағмасозиҳо?!

Дар пайи кинаву бадӣ рафтан,
Чашми бадбину бенамозиҳо?!

Баъди зулме, ки мекунӣ, оранд
Гарданатро ба дорбозиҳо!

Саҷдаат кай шавад қабули Худо,
Бигзар аз наҳсу ғармизоҷиҳо.

Гӯр аз ту кунад саволи дигар,
На аз ин фахру сарфарозиҳо.

Сари бисёр мардҳо бишкаст,
Аз чунин кибру тохт-тозиҳо.

Файзи Парвардигор бисёр аст,
Бандаи кам бувад зи розиҳо.

Мешавад гавҳар одамӣ охир,
Гар кунад майли дилнавозиҳо.

«Сарбаланд аст, – гуфт Пири Ҳисор,
Ҳаркӣ мирад ба бениёзиҳо!»

* * *

Кучо донӣ ту рози булбули дар шоха нолонро?!
Шамими барги гул ё ҷилваи тарфи гулистонро?

Надида коми ту талхии май аз соғару мино,
Чи созӣ таъна дар хоки сияҳ афтода мастонро?

Сиришки абрҳои набаҳорон ҳикмате дорад,
Чи донӣ ин ғаниматҳои айёми баҳоронро?

Зи Аршу қоба қавсайн он чи мегӯӣ зи нофаҳмист,
Намебинӣ ба атрофат агар асҳоби Қуръонро!

Агар олудаи хоки раҳи мардум намегардӣ,
Кучо донӣ баҳову қимати фарзанди инсонро?!

Нигар бар гардиши айёму дарси охират омӯз,
Ки марг охир кашад дар коми худ дарвешу султонро!

* * *

Он рӯз, ки бишнидам лаҳни ту зи лаъли ноб,
Дар сина надорам дил, дар дида надорам хоб.

Сӯфӣ чу маро медид, месӯзаму месӯзам,
Гуфто, ки: «Бирав, менӯш, аз оби хуши Чангоб!»

Як бор маро Маҷнун ин гуна тасалло дод:
«Табрики ту ин саҳро дар ҳалқаи оҳантоб!»

Бо пири тариқат ман гуфтам, ки: «Чӣ бояд кард?»
Гуфто, ки: «Ҳавас бишкан аз рӯшании Маҳтоб!»

Гуфтам, ки: «Назар хоҳам бар чеҳраи Лайлоям!»
Гуфто, ки: «Чунин хобат бархезу бигӯ бар об!»

Гуфтам, ки: «Дар ин дунё бошам ба лаби Кавсар?!»
Гуфто, ки: «Бирав, биншин, як дам ба лаби Варзоб!»

Гуфтам, ки: «Зиёратгаҳ?» Гуфто: «ба Ҳисор, эй ҷон,
Ё Махдуми Аъзам, ё Мири Алии Кӯлоб!»

Гуфтам: «Зи куҷо ёбам як ламъаи нур аз он?»
Гуфто, ки: «Ба дил бингар, он ҷо назаре дарёб!»

Гуфтам, ки: «Ба риндӣ ман ӯро ба вафо хонам!»
Гуфто, ки: «Занад арбоб бар ҷони ту бо ҳар боб!»

Гуфтам, ки: «Чӣ бояд кард, озурдаву ранҷурам?!»
Гуфто, ки: «Бишин хомӯш ҳамчун ба даҳонат об!»

Гуфтам, ки: «Ҷамоли хеш он ёр киро тобад?»
Гуфто, ки: «Дар он маҳшар бар мардуми боодоб!

Саҳрои ҷунун бигзар то рӯзи висоли Ҳақ,
Он ҷо ту шавӣ ҳушёр, он ҷо ту шавӣ шодоб!»

* * *

Ранҷи бисёр мекашам, ё Раб,
Ҳасрати ёр мекашам, ё Раб!

Умри ман меравад чу оби равон,
Дида бар хор мекашам, ё Раб!

Ҳар саҳар аз фироқи дидорат
Нолаи зор мекашам, ё Раб!

Дарди Маҷнуну оҳи саҳроро
Сахт афгор мекашам, ё Раб!

Дил барои Ту кардаам қурбон,
Дарди афкор мекашам, ё Раб!

Дар мулоқоти нозанини ту
Рӯ ба анвор мекашам, ё Раб!

Дар гунаҳ ғарқам, эй Худои Карим,
Сар таги дор мекашам, ё Раб!

Гуфт Пири Ҳисор дар гӯшам,
Шарми дидор мекашам, ё Раб!

* * *

Омад хабарам зи ҳотифи рӯзи аласт:
«Як рӯз нигар, ки косаи умр шикаст!»

Гуфтам: «Зи шикастанам маро дарс мадеҳ,
Моро ғами он чӣ гуна дар гӯр нишаст?!

Пурсанда бубинадам бад-он рӯи сиёҳ,
Тарсад, ба Худо, ки: «Ин сияҳҷурда кӣ ҳаст?

Сад гарди гуноҳ аст дар ин колбадам,
Ман суст будам, ки чанги хокам бинишаст.

То он, ки мазоқи ман масозад малакут,
Бо раҳмати Худ бишӯ гуноҳи мани паст!»

Хандид маро Пири Ҳисор: «Эй солик,
Бархез, Худо гардани Иблис шикаст!»

* * *

Лаби гулғунча вақте баста аст – озоду обод аст,
Ҳамин гулхандае гар мекунад як умр барбод аст.

Яке занбӯр аз он шаҳде, яке боде аз ӯ бӯе,
Ба ҳар сӯ мебаранд аз вай, ки тақдираш чунин додаст.

Набояд ҳам даруни ғунча умре дасту по бастан,
Намо рух - ошиқи пурдардро доруву имдод аст!

Варақгардонии ҳусну сафои субҳи найсонӣ,
Даре аз раҳмати Яздон барои халқ бикшодаст.

Бирав, саҳрову биншин дар бари он соқии масте,
Ки май бар косаи лола ба ҳар маъшуқа медодаст!

Биё, бар қабри модар сунбулу райҳони нав биншон,
Ки ин модар туро вақте ба сахтӣ дар ҷаҳон зодаст!

Ба ёрони саодатманди худ боре ҷавонӣ кун,
Ки умри навҷавонӣ мисли он гулғунча барбод аст.

Назар ногаҳ ба ман Пири Ҳисор афканду ин гуфто:
«Ҳар он кӣ дар ҷавонӣ ишқи худ варзад – худодод аст!»

* * *

Моро ҳамеша ёди ҳамон Гулниҳоли мост,
Як лаҳза бехабар будан аз он вуболи мост.

Хуни касон ту, ки хӯрӣ нуқли ҳароми туст,
Мо ҷоми хуни ишқ хӯрем - ин ҳалоли мост!

Пурсандаҳои гӯр бипурсанд аз «ғамам?»
Гӯям ғами Муҳаммадам аз Зулҷалоли мост!

Пурсӣ: «Чаро ба хушкии нонат қаноат аст?»
Гӯям: «Ҳазор шукр, ки нони ҳалоли мост!»

Эй Хоҷа, дар маҳалла ту зулму зино кунӣ,
Селе зи қаҳри Ҳақ бирасад, ин заволи мост!

Чангак ба ҳар ду чашм ба дӯзах туро баранд,
Он гаҳ ту об гардиву фирдавс моли мост.

Ҳайвон хуш аст, чунки варо одамӣ хӯрад,
Мову ту ҷашни кирми тани хол-холи мост.

Пири Ҳисор парвариши рӯҳ доду гуфт:
«Танпарварон харобии чашму ҷамоли мост!»

* * *

Моро зи оҳи булбули шайдо хабар куҷост?
Хор аз чӣ бастаанд ба гулҳои тар, куҷост?

Асрори халқи кавну макон пеши Холиқ аст,
Бар мо зи кашфи илми ҳақоиқ назар куҷост?

Ин ҷо ҳаёту марг ба як ришта бастаанд,
Аз ин хабар зи одамиён бехабар куҷост?!

Эй пири шастсола назар кун ба умри хеш,
Он ғайрату матонати чун шери нар куҷост?!

Акнун, ки пиру хастаӣ масҷид ҳамеравӣ,
Пурсӣ, ки шавқи хӯрдани шаҳду шакар куҷост?

Ҳоло шакар хурӣ, биравад қанди ту баланд,
Гӯйӣ: «Фишори муътадили хуни сар куҷост?»

Ҳасрат хурӣ, ки даври ҷавонӣ ба айш рафт,
Ҳайфо, насиҳате, ки намояд падар, куҷост?!

Ғамгин машав, ки тавба пазирад Худои мо,
Фикраш макун, ки зиндагии пушти сар куҷост?

Бишнав ту ваъзи Пири Ҳисору назар кунаш,
Рӯзе бипурс: «Он каси соҳибназар куҷост?!»

* * *

Бош ҳушёр, ки ин мурғи аҷал хафгир аст,
Марги бетоати кас ногаҳу бетаъхир аст.

Марав, эй зоҳиди худбин, ту аз ин кӯчаи мо,
Фахри тооту ҳамон риши калон таҳқир аст!

Боадаб бош, ки дар саҷдаи бо кибру риё,
Аз фалак бар сари ту захмаи теғу тир аст!

Ҳайфи марде, ки ҳавас бар зани дӯшиза кунад,
Ки варо по ба лаби гӯру тамоман пир аст.

Ҳама ин духтаракон ёри ҷавон мехоҳанд,
К-аз ҷавонон бинигар кухначаҳон таъмир аст!

Ишқи боло дигару ишқи заминист дигар,
Бар яке пои равон, бар дигаре занҷир аст.

Ту магӯ аз гунаҳат ҳеҷ касе огаҳ нест,
Дар қиёмат ҳама дар ойинаи тасвир аст.

Кай равад бар сақару дӯзахи сӯзон марде,
Гар саҳар хезаду вирдаш ҳамагӣ такбир аст!

Ояд овоз ба гӯши дилам аз Пири Ҳисор:
«Назди ман бош, маро ганҷи ҳама тадбир аст!»

* * *

Олами мо ҳосил аз меҳри Паямбар будааст,
Моли не шоҳаншаҳону не Сикандар будааст.

Дидаам бисёр марде пасту хомӯшу ҳалим,
Дар назар хоку вале дар асл гавҳар будааст.

Иттифоқе ҳаст мобайни забону майли дил,
Аз хатои ҳарду маҳкуми ҷазо сар будааст.

Ҳар куҷо таърифи тooташ кунад зоҳид агар,
Пеши мардони Худо чун гови амбар[2] будааст.

Дар назаргоҳи Худованди Карими Корсоз,
Хокираҳбиншастаро ҳусни санавбар будааст.

Беадабро зарби чӯб озору дард асту азоб,
Во аҷаб, вақти насиҳат гӯши вай кар будааст?!

Дар қазову дар қадар бинвиштаро ислоҳ чист?
Матни онро аз дуо таҳрири дигар будааст.

Нақшаҳо дар зиндагонӣ мекашему медавем,
Бехабар з-он ки ҳаёти мо лаби ҷар будааст.

Ҳар дам овозе расад бар гӯшам аз Пири Ҳисор:
«Файзи мард аз гӯшаи домони модар будааст!»

---

[2] Гови бузурги парвоӣ

* * *

Фарёд, ки ҷони ман ба танг омаданист,
Ин шишаи хуноба ба санг омаданист.

Эй хоҷа, ба ойинаи дил нек нигар,
Рӯзест, ки муҳтоҷ ба занг омаданист!

Оби лаби ҷӯянд бузургони Худо,
Одоб нигаҳ дор, наҳанг омаданист.

Бозӣ чи кунӣ ба Каъбаву мазҳаби мо,
Ногоҳ зи нав Темури Ланг омаданист!

Чун ҳалқаи занҷири қаландар мебош,
Занҷири аҷал гоҳ таранг омаданист.

Медор қавӣ лаҷоми нафсе, ки туруст,
Бар дидаи ту ранги ба ранг омаданист.

Ҳушёр шав аз аҷузакампири ҷаҳон,
Дар чашми ту чун ёри қашанг омаданист!

Аз тоати худ маноз, иблиси лаъин,
Бар назди ту маккори заранг омаданист.

«Бероҳа марав! – гуфт маро Пири Ҳисор,
– Ин беша, ки меравӣ, паланг омаданист!»

* * *

Ғампарварии мо зи дили ғамгусори мост,
По чун ниҳӣ ту, нек гузор, – ин ғубори мост.

Ин суннати Расули Худо баҳри уммат аст,
Баҳри шафоати туву ман интизори мост.

Олам, ки гул кунад нафаси навбаҳор нест,
Ин зиндасозӣ аз нафаси гулъизори мост.

Ҳаҷру фиғону ҳасрати ӯ лаззатовар аст,
Ин лаззат аз Худост, ки он зиндадори мост.

Бар боргоҳи Ҳазрати мо бо дуо биё,
Ҳар марди боғурур на аз ин диёри мост.

Гӯяд Худо: «Ду каф агар орӣ дуо ба мо,
Рӯи сари ту файзи ду олам нисори мост!»

Бишнид васфи оламу Пири Ҳисор гуфт:
«Ин ҷо ҷамоли Ҳақ, ки набошад, мазори мост!»

* * *

Ошиқ агар шудӣ, дили ту бениёз нест,
Сар бехаёлу сина бурун аз гудоз нест.

Хоки раҳ аст тахту мақому фарози мо,
Зебогиҳои ин дили мо ғайри роз нест.

Ҷуз Каъбаву зиёрати он равзаи Расул,
Моро ягон дақиқа хаёли Ҳиҷоз нест.

Ҳоҷӣ ба неши хори муғелон сафо кунад,
Онро ба боду чанги самум эътироз нест.

Ҳар ҷо, ки ҷӯши ишқу самоъеву тоатест,
Он ҷо барои беадабон роҳ боз нест.

Эй бехабар, зи ганҷи накӯӣ захира кун,
Роҳи қиёмате, ки ту дорӣ, дароз нест.

Дар маҳфиле ҳикояти Пири Ҳисори мост,
Марди риёву аз паси вай бенамоз нест.

* * *

Дили мо дар муҳаббат булҳавас нест,
Дар ин манзил пайи ҳар хору хас нест.

Макун мардони тоатро маломат,
Яке ҳам бе дуову бе нафас нест.

Дуои сидқ агар созанд онон,
Саҳар хезӣ, ки дар шаҳри ту кас нест.

Агар ташбеҳи дунё корвон аст,
Пас, ин ҷо доимо бонги ҷарас нест.

Раҳидан дорад арвоҳи халоиқ,
Ки мардум доимо дар ин қафас нест.

Ба давронат чаро зулм оварӣ ту,
Дар ин ҷо мӯр бе фарёдрас нест.

Туро модар ба зулми халқ кай зод,
Ки бедоди равое бар магас нест?!

Фақат касро диҳӣ ранҷу маломат,
Магар девонагиҳои ту бас нест?!

Биё, бар марқади Пири Ҳисорӣ,
Василат ҷӯ, ки мислаш додрас нест.

* * *

Чун ба ҷаннат волидайн аз донаи гандум шикаст,
Он гунаҳ дарвозаи дунё ба ин мардум шикаст.

Фахр кард Иблису чун дид Одаму авлоди он
Бо Худованд аз ғазаб хар гашту онро дум шикаст.

Чун ба соқӣ гуфтам аз рози ниҳони хештан,
Бо сари шӯридааш девона гашту хум шикаст.

Аз ҷилои ашки мо як зррае воқиф, ки шуд,
Ғайрати тӯфони уқёнусу ҳам Қулзум шикаст.

Дуди оҳам, ки баромад рақсвор ин шомгоҳ,
Равшании сад чароғу тобиши ҳезум шикаст.

Нола чун кардам дами субҳ аз фироқи ёри хеш,
Қумрии бечораро дар синааш қум-қум шикаст.

Чун вазид аз пояи Арши Худо боди сабо,
Рақси мо чун дид чархи бум-бака бум-бум шикаст.

Ногаҳон Пири Ҳисорам гуфт: «Бас! Ҳоло бубин,
Пардаҳои осмон бо ҷумлаи анҷум шикаст!»

* * *

Дар хаёлам буд, ки ин дунё хами идроки мост,
Гардиши чархи фалак дар фаҳмиши чолоки мост.

Бас накӯ чун бингаристам бар ҳама буду набуд,
Ин ҷаҳон густурда баҳри заррае аз хоки мост.

Фаҳмиши «Баҳри чӣ олам сохтро?» як сӯ гузор,
Ин ҷавоб аз Ҳазрати ин хоку ин афлоки мост.

Аз ҷаноби одамӣ танҳо ибодат хостанд,
Кардан обод ин заминро нафли қимматноки мост.

Ҳар кучое дида бошӣ лолаҳо дар пуштаҳо,
Ин баҳор аз хуни он қурбониёни поки мост.

Мастиву махмурии мастон яке дорад савоб,
Сад савоби дигар аз рушду камоли токи мост.

Оби борони баҳорӣ гарм ҳасту шӯр нест,
Файзи хок аз меҳри мо, аз дидаи намноки мост.

Дар ҳузури Ҳазрати Пири Ҳисор осудаам,
Чунки ӯ доруи дарди синаҳои чоки мост.

* * *

Сурати бе доғи дил ҳатто, ки дар Маҳтоб нест,
Ҳар қадар боло, ки рафт, он ҷо барояш тоб нест.

Дар раҳи майхона масте дидам андар рӯи хок,
Бӯсаҳо мезад ба хоку бингарам нотоб нест.

Гуфтамаш: Худро чаро аз хок поён мекунӣ?
Гуфт: Ин ҷо шуълае дорад, ки дар Афтоб нест!

Гар дили муъмин, ки бошад Арши поки Зулҷалол,
Ҷуз дили муъмин дар ин ҷо Арши оламтоб нест.

Ончи медонам зи васфи чашмасори Салсабил,
Мерасад ҳоло назар, ки беҳтар аз Чангоб нест.

Оби Кавсар лаззате дорад, ки тавсифаш баҷост,
То ба Кавсар мерасӣ нақди ту ҷуз Варзоб нест.

Ҳаҷҷи Акбар гарчи дорад фазлҳои беҳисоб,
Беш лек аз дидани ҳамсояи бетоб нест.

Дар мазори одамӣ нурест аз фазли Худо,
Дар ҳисоби он рақамро қудратеву тоб нест.

Гар ту шак дорӣ, гузар аз хоки Пирони Ҳисор,
Ин ҳикоятҳо ба чашмат бингарӣ, ноёб нест.

* * *

Дунё на ҷои базми ду-се-чор аҳмақ аст,
Ин ҷо касе, ки хокнишин шуд, муваффақ аст.

Боре бирав ба суҳбати гарми қаландарон,
Бо дил бубин, ки дар ду ҷаҳони ту равнақ аст.

Шаб мезанӣ агар дари ҳамсояи ғариб,
Пушти дари зани ту ҳам охир, ки тақ-тақ аст.

Ғайр аз каломи Ҳазрати Ҷаббори нозанин,
Ҳарфе, ки гуфтаанд садоеву пақ-пақ аст.

Ин ҷо агар ту саҷда кунӣ рӯи хоки раҳ,
Он ҷо либоси пову сари ту ситабрақ[3] аст.

Дар саҳни масҷид аз чи намозат риёӣ аст?
Ин тоати риёву ҳавоӣ муъаллақ аст.

Эй бехабар, бидон, ки дар уқёнуси ҳаёт,
Танҳо камоли ростӣ баҳри ту заврақ аст!

Осоиши ду олами ҳар одам ин бувад,
Гар ошиқ аст бар Ҳақу дар тоати Ҳақ аст!

[3] Истабрақ - дебо, ҳарир, шоҳӣ

* * *

Моро нафас, ки нисфи ҳаётам буриду рафт,
Ҷуз қиссаи Худо ҳама чизам надиду рафт.

Он ҷо, ки ваъзи воизаки ҳуққабоз буд,
Баҳри Худой! гуфту ба по не, хазиду рафт.

Тарсам, ки баъди марг нагӯяндам ин сухан:
«Буд як харе, ки хуб ҷаҳонро чариду рафт!»

Хуш бод ҳоли он, ки зи гулбоғи зиндагӣ,
Як дона гул барои ду олам бичиду рафт!

Ҳар ҷо, ки рӯ ба рӯи сар омад балои нафс,
Ин солхӯрда вақти ҷавонӣ хамиду рафт.

Дар мо умеди тавба ҳамин бошад аз Худо:
Бори гунаҳ ба вақти намозам хариду рафт.

Дорам ҳавас ба сина, ки гӯяндам аҳли дил:
«Монанди субҳи ҷумъа даме ҳам дамиду рафт!»

Хушбахт шоире, ки пас аз вай дар ин ҷаҳон,
Гӯянд: Булбуле зи гулистон париду рафт!

* * *

Ба гумонат, ки ҳамон фасли хазон ёдам рафт,
Лаби Чангобу ҳамон рӯди равон ёдам рафт?!

Назаре карда ба таҳқиру гузаштӣ зи барам,
Дили навмеду ҳамон дарди ниҳон ёдам рафт?!

Ҳар куҷо суҳбати мардони Худо ёдам ҳаст,
Суҳбату кибру ғурури дигарон ёдам рафт.

Эй ки дар хок ниҳон гаштиву зулму ситамат
Бар сари халқ, намоӣ ту гумон ёдам рафт?!

Хок пур карда даҳонат ба лаҳад хомӯшӣ,
Магӯ он дағ-дағаву хуни равон ёдам рафт.

Фавҷи хуне, ки гузашт аз дами теғи Чингиз,
Лаънатам бод, чу як лаҳза аз он ёдам рафт!

Карбалову сари бубрида, гумонат ин аст,
Бо лаби хушки Ҳусайни нигарон ёдам рафт?!

Макун, эй сода, гумон ин, ки гуноҳе кардам,
Шарми он пеши Худованди ҷаҳон ёдам рафт!

Ё Раб, он рӯз мабодо сари як мӯ нафасе,
Ҳаваси бахри ту аз додани ҷон, ёдам рафт!

* * *

Дигар Искандару афсонаи Доро дигар аст.
Шарти Ҳоҷар дигару матлаби Соро дигар аст.

Макка шаҳрест, ки аз файзи Худо саршор аст,
Лек дар ҳикмати худ шаҳри Бухоро дигар аст.

Ҳусни зебо зи қазову зи қадар инъом аст,
Ҳусни якрӯза аз он санъату оро дигар аст.

Мардаки булҳавас аз риши сафедат андеш,
Бас дар оғӯши ҷавон моҳи дилоро дигар аст.

Ҷаҳди беҳуда чӣ созӣ, ки ҳидоят зи Худост,
Қиблаи мо дигару аҳли насоро дигар аст.

Ҳукми қатъи нафас аз «зоиқату-л-мавт», ки ҳаст,
Пас ба ёрони куҳан лутфу мадоро дигар аст!

Гарчи Мӯсо зи Худованд суханҳо бишнид,
Бар Муҳаммад назари ҳусни Худоро дигар аст.

Хониш аз Ҳофизу Саъдӣ чи гуворост, вале,
Ояти мусҳафи поку суханоро дигар аст!

* * *

Умри ман, то хабарам гашт, басе рафт, ки рафт,
Дар хаёлам, ки буд он як нафасе, рафт, ки рафт.

Он чунон бош, нагӯянд, ки баъди рафтан,
Рӯи селоби хараҷ мисли хасе рафт, ки рафт.

Хоҳам омода шуд ин рахти сафар, гӯяндам:
– Аз бари мо каси фарёдрасе рафт, ки рафт!

Соқиё, гар ту ба майхона набинӣ дигарам,
Мазанам таъна, ки як булҳавасе рафт, ки рафт!

Шоир он аст, ки гӯянд пас аз рафтани вай:
– Ҳай, дареғо, ки Масеҳонафасе рафт, ки рафт!

Ҳамзамонон ба ҳам оед, к-аз ин водии мо,
Дидаам қофилаҳо пешу пасе рафт, ки рафт.

Булбул аз доғи Ватан мурд агар, суде ку,
Аз дигар дидани холӣ қафасе рафт, ки рафт.

Ҳар гаҳе рафтам аз ин дайр ба сайри малакут,
Ба дуо бош, дили пурҳавасе рафт, ки рафт!

* * *

Эй хок, маро дари ту доим боз аст,
Анҷоми ман аз ҳамон сари оғоз аст.

Аз шӯрахамири ту Худо ҷисмам дод,
Ин қарзи ту доданӣ, на пасандоз аст.

Кас хоки танаш ба осмон нафрӯшад,
Осудагӣ ончунон, ки дар парвоз аст.

Бар ҳар яки мо як лаҳаде сохтаӣ,
Он ҷо сари васлу ошиқиву роз аст.

Танро, ки Худо дамида, хокест дигар,
Аз кори Худои Ҷабарут эъҷоз аст.

Асрори чунин фалсафа ӯ донаду бас,
Боқӣ ҳама ишқу ҳавасу иброз аст.

Моро ту магӯ, ки мурду хок асту тамом,
Ин марг даре ба сӯи дигар боз аст.

То нагзарам аз Пули Сирот, эй нодон,
Тарсест маро ба дил, ки доимтоз аст!

* * *

Доимо мулки Худо ҳам сард нест,
Ҷода ҳам бе хору ҳам бе гард нест.

Ёри танҳо нангарад бар ҳоли ту,
То ду рухсори базебат зард нест.

Булъаҷаб дунё, ки аз шоҳу гадо,
То қиёмат як диле бедард нест.

Ардашери Попакон дар хок рафт,
Саҳнаи бозӣ, вале бе нард нест.

Сабти дафтар мешавад ҳар неку бад,
Нақди мардум ҷуз ҳар он чи кард, нест.

Ҳаҷҷи Акбар, нутқи минбар бо риё,
Баҳри зоҳид бори роҳовард нест.

Сояи Тӯбову дидори Худо
Дар насиби марди кинпарвард нест.

Ҳифзи Қуръону ҳимоят аз Ватан,
Дар камоли шахси беҷогард нест.

Бигзарем аз ҷинсу маъно, бингарем
Ғайри зан дар ҳар ду олам мард нест!

* * *

Боз омад навбаҳори кӯҳу дашт,
Рафт як соли дигар бебозгашт.

Ин дили мо боз менолад зи нав:
«Ҳайф, сад ҳайфи ҷавонӣ, к-он гузашт!»

Булбулон оянд, оре, аз дигар,
Дар гулистони Ҳисору Ашту Рашт.

Лек мегардад басо пажмурдатар,
Насли мо чун оташи болои ташт.

Сад чаман баргашт, аммо аз мазор
Рафтаёронам яке ҳам барнагашт.

Қисмати мову шумо ҳам ин бувад,
Меравию меравам бебозгашт.

Баъди мо, аммо кӣ гӯяд бар шумо,
Достони сарнавишту саргузашт?!

* * *

Дар мазҳаби мо хоби саҳар беадабист,
Оҳи дили мо ҳамеша дар нимашабист.

Шаб то ба саҳар нола қабул аст варо,
Гар нолаи ту ба тоҷикӣ ё арабист.

Бе оҳи саҳаргоҳ висолат надиҳад,
Гӯйӣ, ки: Диҳад! – Гапи ту бас булъаҷабист!

Дар нимаи рӯз агар, ки булбул хонад,
Гӯшаш макун, он мақолаи бетарабист!

Зоҳид, агар ин саллаву ришат ба риёст,
Ин ҷалби халоиқ аст, балки ҷалабист!

Тоат агар аз барои ҳур асту биҳишт,
Эй Хоҷа, чӣ гӯямат, ки ин ҳақталабист!

Доруи дилу синаи бечораи мо
Оҳи саҳару зиёрати қабри Набист.

* * *

Гар биларзад панҷаи сайёд, айб аз тир нест,
Дар қазои зоти Ҳақ бар ақлҳо тадбир нест.

Шамси Табрезӣ шудан хоҳиву Мавлонои Рум,
Тира монӣ то қиёмат гар туро тақдир нест.

Қаҳри Ҳақ ояд агар дар шуъбаи раззоқиаш,
Кӯдаки бечорaро дар чочи модар шир нест.

Зоҳидонро минбару он саллаи пурпечу тоб,
Ғайри бо оёти Қуръон кардани тазвир нест.

Шуҳрати афлоку тахти шоҳии марди валӣ,
Ҷуз ҳамон чанги раҳу гарди назарногир нест.

Гар намегӯӣ ту «Бисмиллоҳи Раҳмони Раҳим»,
Тифлакат оянда ғайр аз duздаки шабгир нест.

Одамӣ доим гуноҳолуда аст, аммо Худо,
Дар қабули тавба бо кори дигар даргир нест.

Файзҳо меборад аз шабнолаи Пири Ҳисор,
Ҷаҳди мо як лаҳза бе амру дуои пир нест.

* * *

Моро ба сина ҷуз дили соҳибхиром нест,
Майле ба сӯи дағ-дағаи васфи ном нест.

Бо нони хушк агарчи хӯрам оби сардро,
Ин бахти ман бувад, ки ғизоям ҳаром нест!

Мастам агар миёни раҳ афтода рӯи хок,
Ҷуз ин маро зи мактаби соқӣ маром нест.

Онон, ки зери сояи девор муфлисанд,
Бингар, бидон, ки айши ту ҳам бардавом нест.

Арзи салом баҳри ту фарзи Худо бувад,
Назди Худо халоиқи беэҳтиром нест.

Дар машрабе, ки тарбияти мо намудаанд,
Кас мерасад ба мансабу беинтизом нест.

Ин эътимоди мо, ки ғизоли рамидаест,
Бар ҳеҷ банда ҷуз ба Худо муфти ром нест.

Ҷоно, саодати ту бувад хоксориҳо,
Мағрурият нишонаи фазлу мақом нест.

Бе шарми рӯву сатри тану ҷалби мардҳо,
Ҷуз духтари ҳамон зани зишту ҳаром нест.

Гулдухтарам, ба покии худ шуҳрадор шав,
Вар не, на Шамсу Саъдиву Мавлои Ҷом нест.

Аз шаҳри мо чу мегузарӣ як назар фикан,
Аспи бидав ҳазору яке бе лаҷом нест.

Ранҷи сухан зи мо макашу шод бошу рав,
Дар шохсори гуфтаи мо мева хом нест!

* * *

Аз ман ту чӣ мепурсӣ, ин чанду ваяш чанд аст?
Шукрона куну бардор ин моли Худованд аст!

Рӯзии ту он бошад, к-аз халқ дарун ояд,
Ончи ба бағал дорӣ ризқи зану фарзанд аст.

Сурх аст шароби ишқ аз хуни дили ошиқ,
Талхӣ зи куҷо дорад? – Он талх маро қанд аст!

– Бо аҳли малак мебош! – гуфтанд маро, гуфтам:
– То хоки Муҳаммад ҳаст, ин ҷо дили мо банд аст!

Бар синаи ҳар одам як ришта назар дорад,
«Фаътасим би ҳаблиллоҳ» дар қалби ту пайванд аст.

Он шуълагари дониш аз мулки Бухоро буд,
Ҳам турбати поки ӯ дар хоки Самарқанд аст.[4]

«Ҳинд аз ҳамаи илмаш маъзури Бухоро буд!»
Мегуфт чунин моро Пире, ки зи Қӯқанд аст.[5]

Дар мулки Ҳисор он Пир бо Ҳазрати Мавлоност,
Пеш ову зиёрат кун, аз мо ба ту ин панд аст!

Сайёҳ, агарат завқ аст, ин сӯи Фароруд о,
Ин ҷост макони нур, ин ҷо ҳама гулқанд аст!

Аз меҳр бубин поро дар қуллагаҳи Помир,
Вақте ки сар афрозад, бингар, ки чи хурсанд аст!

Он гаҳ назаре фармо бар Пири Ҳисори мо,
Аз омаданат рӯҳаш саршор зи лабханд аст!

---

[4] Мақсуд Саҳеҳи Бухороист (р.а.)
[5] Мақсуд Ҳазрати Қорӣ Муҳаммадҷони Қӯқандист машҳур ба «Мавлавии Ҳиндустонӣ»

* * *

Ҳар кучҷое дил бубинӣ, дар суроғи Бедил аст,
Ҳар кучҷо, ки равшанӣ дидӣ - чароғи Бедил аст.

Соҳибони дил зи шавқи маъниҳо маҳфил кунанд,
Он фароғатҳои маънӣ аз фароғи Бедил аст.

Нури ақлу шаҳди фаҳму шавқи ёру илму фан,
Аз ҳамон ганҷинаи завқу димоғи Бедил аст.

Ҳар қаландарро, ки мебинӣ ба роҳи шаҳру деҳ,
Қуввати гаштораш аз бозори соғи[6] Бедил аст.

Гирди соқӣ ҳар кучҷое масту лоягқил бувад,
Аз майи соқӣ на, аз дурди аёғи[7] Бедил аст.

Гул бубинӣ ранг-рангу булбуле ширинадо,
Ин ҳама рангу наво мероси боғи Бедил аст.

---

[6] «Соғ»-и Бедил ҳам дар тоҷикӣ ва ҳам дар туркист. Дигар маъниҳо низ бо ин калима омадаанд. Яке дар тоҷикӣ паррандаеро гӯянд, дуввум туркист, ки ба маънии хубиву саломатӣ дар тоҷикии имрӯзии мо бисёр истифода мешавад. Шумо ин ҷо Соғи туркиро дар таҳлил истифода кунед, мақсади муаллиф равшан мешавад.
[7] Пиёла, паймона, ҷоми шаробхӯрӣ.

* * *

Зораҳои мо ба сӯят аз дили осуда нест,
Лӯлаи сангӣ ҳам аз ин сӯхтан бе дуда нест.

Дар ду рӯзи мансабат бо нафси худ созӣ, чаро?
Хонаат зебо, вале гӯри ту гиландуда нест.

Шамъ гӯйӣ хешро, парвонаҳо қурбони ту,
Чархиши парвонаҳо гирди сарат беҳуда нест.

Бегунаҳ он гаҳ туӣ, чун бигзарӣ Пули Сирот,
Дар ғубори зиндагӣ ку он касе олуда нест?!

Ҳиммати ҳар кас набошад сина дар ханҷар задан,
Ишқи ёри ту ба дасти туст, он фармуда нест.

То набинад гардишу сахтии санги осиё,
Гандум аз боғи биҳишт асту, вале носуда нест.

Хоки роҳ аз оҷизӣ гарди мулоим асту нарм,
Ҳеҷ шайхе дар қиёмат поку ноолуда нест.

Дашту саҳрои қиёматро на асп асту шутур,
Обу нон ин ҷо бигир, он ҷо хуроки тӯда нест.

Шаст соли умри мо дар ҳар нафас дорад гуноҳ,
Лек медонам, Худо бе раҳмати афзуда нест.

Бо ҳама ҷурму гуноҳ аз тавба ғофил нестам,
Пас, дари васли нигор аз баҳри мо накшуда нест!

* * *

Дидаӣ, бе реша гандумро ривоҷи поя нест,
Решаи он гар набошад хӯшаашро моя нест?!

Гар ба Қуръону ҳадис оганда гуфторат бувад,
Ваъзи ту бе рӯи минбар ҳам бурун аз ғоя нест.

Олимонро қадрдонӣ кун, ки бе нуру зиё
Кӯчаатро равшаниву қомататро соя нест.

Фарзи ҳаҷ назри ту мехоҳад, аз ин рӯ дар Ҳарам
Ҷойи помонӣ барои халқи бесармоя нест.

Беадаб бошӣ агар, радди адабгоҳат кунанд,
Чунки марди беадабро дар садоқат поя нест.

Зан куҷо дидӣ, ки аз ороиши худ вораҳад,
Шарм медорад, вале бе зевару пероя нест.

Ҳикмати дунё бувад маҳфузи дунёдори он,
Модаре мурду валекин тифли он бе доя нест.

Ҷамъи мардумро ба як ҷо будан аз фармони ӯст,
Мурда ҳатто зери хоки гӯр бе ҳамсоя нест.

Аз раги гардан Худо наздику аммо одамӣ,
Ҳасрате дорад: «Чаро, ӯ бо Худо якҷоя нест?!»

* * *

Кофару муслим ба Зоти Ҳақ муносо[8] доштаст,
Бо Худованди ҳама миллат муросо доштаст.

Шайхаке гуфто: Насоро мункири Зоти Худост!
Бингарам, баҳри Худо он ҳам калисо доштаст.

Гарчи мункир нест аз Қуръону аз Аҳмад ҷудост,
Дар бағал Инҷил, меҳри гарми Исо доштаст.

Шайх бо даҳшат яҳудиро «худобезор» гуфт,
Во аҷаб, дидам, ки он Тавроти Мӯсо доштаст?!

Гуфтамаш: «Дорам суоле, як дам, эй марди яҳуд!»
Гуфт: «Вақтам дер шуд!» – азми канисо доштаст.

Эътиқоди мо ба Заҳрову шароби Кавсар аст,
Бибии Марям чунин зан аҳли тарсо доштаст.

Донам, оре, ин ҳама мансуху мамнуъанду бас,
Пас, Худо баҳри чӣ бар эшон хушосо доштаст?!

Кофару муслим, ки халқи Холиқи Якто бувад,
Ӯ бидонад, ки чаро ин сон мувосо[9] доштаст?!

Ин қадар донам, ки ёрони Муҳаммадро Худо
Дар назаргоҳаш ба дидан моҳосо доштаст.

Ӯст Холиқ, ҳар чи хоҳад, он кунем аз тахти дил,
Шукр моро бас ҳамин, ки осмонсо доштаст!

---

[8] Муносибат доштан.
[9] Мувофиқат, созиш, мадоро, муросо; мувосо кардан созиш кардан, муросо кардан; оштӣ кардан.

* * *

Шуълаи оташ адабгоҳу камоли оҳан аст,
Мардро ҳар зан, ки бинад, лухту бепероҳан аст.

Гарчи кам дидам дар олам инчунин мардони паст,
Зеби онҳо зери теғу сангборон мурдан аст.

Боадаб оҳиста по бигзор, вақте меравӣ,
Мӯр ҳам шояд ба фикри ризқи тифлаш бурдан аст.

Ғарра аз умри ҷавонӣ кам бару дар саҷда бош,
Интиҳои ҳар чиро, ки бингарӣ афсурдан аст.

Ҳар чи дорӣ андар ин дунё, гумонат они туст?
Маънии марг-он чи дорӣ, бозпас биспурдан аст.

Назди Ҳақ раъйи мусулмониву насронӣ якест,
Шарти аввал дар ҳисобаш нек одам будан аст.

* * *

Иди Қурбон омаду ҳар хонаеро ҳам дар аст,
Чун ки дар ҳар хона арвоҳе ғарибу музтар аст.

Гардани кач аз дари он хона рӯҳе чун равад,
Ин гувоҳ, эй ҷони ман, аз осмон болотар аст.

Заҳри теғе, к-он дуо дорад варо ҳамтоз нест,
Ин ҷаҳонро гар бубинӣ, ҳар касе пушти дар аст.

Иди Қурбон омад акнун бар ҳама табрик бод,
Чунки хурсандӣ дар он аз суннати Пайғамбар аст!

* * *

Дар минбару меҳроб касе ёри касе нест,[10]
Он ҷо ҳама зор аст, Худо зори касе нест.

Савдо ҳама доранд, вале бо кафи холӣ,
Он соҳиби бозор намудори касе нест.

Пирон ҳама дар воҳимаи талхии мурдан,
Кас ғайри Худо, воқифи асрори касе нест.

Имон агарат нест, аз он Арш чи ҳосил!
Куфри ту ба ғайри ту халалдори касе нест.

Воиз ҳама мафтуни суханронии хеш аст,
Золим зи пайи тавба ба озори касе нест.

Қотил, ки дар он маърака пир асту ҳақир аст,
Ҳоло ки залил аст, гирифтори касе нест.

Дузде, ки ҷавон буду пайи сирқату[11] ғорат
Афтода ба зонуву халалдори касе нест.

Ин ҷо ба азоб омада бечораи раҳзан,
Теғи нигаҳи ӯ ба раҳу бори касе нест.

Дар дохили он шоҳу гадо гашта баробар,
Машғули худанду ба касе кори касе нест.

Ҷуз тавбаву ҷуз нолаву ҷуз гиряву зорӣ,
Чизе дигар андар дилу афкори касе нест.

Дил Арши Худо, хонаи ӯ гӯшаи масҷид,
Ҳуснест варо, лоиқи дидори касе нест.

Имон агарат нест, аз он Арш чӣ ҳосил?
Куфри ту ба ғайри ту халалдори касе нест.

---

[10] Байти аввали ин ғазал аз бародарамон Исмоил Шеров аст. (Муаллиф)

[11] Дуздӣ.

* * *

Фарзона он ки ошиқи ранги либос нест,
Онро хумор ҷуз дили улфатшинос нест.

Дар водии муҳаббати мо ёр ғойиб аст,
Аммо ба мову ҳолати мо бе тамос нест.

Дар бешаи фироқи ту шерони сидқро
Парвои хору шохаву тарсу ҳарос нест.

Тасдиқи раҳму шафқати ёри ягонаро,
Хоҷат ба ҳарфу ҷумлаву ҳам иқтибос нест.

Оқил касе ба додаву нододаи Худо,
Бе хотиру муҳаббату бе арзу пос нест!

Марде, ки шавқу шуҳрати имон фурӯхтаст,
Дар пушти нангу ном, ба фикру хавос нест.

Рамзу нишону фахру ҳаво баҳри лошахӯр,
Ҷуз лошаеву каллаи бе мағзу тос нест.

Дар боғи зиндагӣ чи шавӣ чун гиёҳи заҳр,
К-он боғбони умри ту бе теғи дос нест?!

Дафъи гуноҳи кардаи ту назди Кирдугор,
Ғайри дуову зораву ҷуз илтимос нест.

* * *

Кори ҷаҳон ба зодаи Одам накӯй нест,
Бе заҷру дарду ғам ба касе обурӯй нест.

Гавҳар, ки дар ниҳояти дарё нишаста аст,
Маснаднишини маърази ҳар оби ҷӯй нест.

Ҳар духтаре бакорати худ пеши по занад,
Онро ҳалолҷогаҳу икроми шӯй нест.

Рӯ сӯйи қиблае бинамо, ки Худой хост,
Чунки Худо нишастаи ҳар кӯйу сӯй нест.

Соқӣ, ки мадҳи май  бикунад, мақсадаш Худост,
Гар нест гул ҳикояту таърифи бӯй нест.

Мурдан ба рӯи хоки Ватан ҷашни одамист,
Ҳайфи касе, ки мурду варо мурдашӯй нест.

Воиз чи ноз мекунӣ? –Майхонаи Расул,
Бе соқиву маю қадаҳу бе сабӯй нест.

Дидори Ҳақ агарчи ба рӯзи қиёмат аст,
Холӣ ҷаҳон зи ошиқи бе ҷустуҷӯй нест.

Ҳоло ки зиндаам ту биё, чунки як замон
Ояд хабар, ки шоири афсонагӯй нест!

* * *

Маро бо дарди ишқат ошноист,
Барои ту намирам, бевафоист!

Чу Юсуф ҳам агар Мисре диҳандам,
Амири беватан ҳукмаш гадоист.

Манам булбул, зи шохи гул маронам,
Ки дигар чаҳ-чаҳи ман ғамсароист.

Арӯси ин ҷаҳонро дил чи бандӣ,
Басо тардоману кораш ҷудоист?!

Ҷавонӣ неъмати аълост, аммо
Замираш хому аъмолаш ҳавоист.

Ба покӣ кӯдак овар, духтари ман,
Ки ғайри ин ҳаромизодазоист!

Ҳар он ҷо, ки ғару дузд асту қотил,
Ҳама аз рӯи наҳси бехудоист.

Қиёмат сар шавад чун чашм пӯшӣ,
Халоси саҷдаву пешонасоист.

Ба ҷисмат гар Худо рӯҳаш дамидаст,
Чаро умри ту ғарқи бесафоист?!

Гунаҳгорам, Худоё, лек ҷонам,
Ҳама сарфи ҳадиси мустафоист!

* * *

Биё, бо ман, ки бо ту мурданам сад бор осон аст,
Дили бечораам дар синаам чун ташти тафсон аст!

Аз он рӯбоҳи ҷангал, к-аз шикори шер серӣ дид,
Шунидам шери мурда интизори хатми Қуръон аст.

Ҷавонони саодатманд сарбози Ватан ҳастанд,
Вале рӯҳи шаҳидони гузашта назди эшон аст.

На ҳар кас сина дар ханҷар занад рӯзи заруратҳо,
На ҳар кас Рустаму ҳар кас Алӣ чун шери Яздон аст.

Камоли дӯстӣ гар дар мақоми дил нагирад ҷой,
На ҳар Вайси Қаран дар ин муаммо шоҳу султон аст.

Қаландар будану кашкӯлу[12] бо ҳар ҷанда гаштанро,
Макун таҳқир, аё зоҳид, ки ин аз расми мардон аст!

На ҳар марде, ки пешонӣ ниҳад бар хоку гарди роҳ,
Магӯй, ӯ мусулмон аст, шояд ёри Шайтон аст!

Худо худ гӯспанд аз баҳри қурбонӣ ато фармуд,
Бубинӣ бештар чун луқмаи дандони гургон аст.

Агар фарзанди Одам бад бубинад қавми дигарро,
Ба фатвои ман андар ҳарду олам номусулмон аст!

Машав банди тағофулҳову боре пеши худ андеш,
Ки ашрофи ҳама мавҷуди олам зоти инсон аст!!!

---

[12] Каду ё косаи заврақшакл, ки қаландарон ба китф ё ба оринҷи дасти худ овехта мегаштанд ва чизҳои гадоӣ кардаашонро ба он меандохтанд.

* * *

Куҷо дидӣ дар ин олам касеро доимо шод аст?
Ба ҷуз аз Холиқи Ҷаббор ҳар чиз аст, барбод аст?!

Сари гӯре назар кардам, ҳама аз санги мармар буд,
Ба зери он, вале дидам басо афғону фарёд аст.

Чи бигрезӣ, аё ғофил, зи шукру поси хотирҳо,
Намебинӣ Худо баҳри ту ҳусне дилрабо додаст?!

Ғами рӯзӣ хӯрад аблаҳ, ки дар дунё намедонад,
Ба қадри вусъати ҳар кас даре Раззоқ бикшодаст.

Асои Ҳазрати Мӯсову теғи Зулфиқор, эй ҷон,
Ҳанӯз ин халқи оламро ба сони дасти имдод аст!

Чароғи одамӣ танҳо Худо бояд кунад хомӯш,
Аё қотил, намедонӣ туро ҳам модаре зодаст?!

Агар пири тариқатро нагирӣ даст, эй ошиқ,
Яқин бинӣ, ки роҳи ту ба сӯи дигар афтодаст!

Сар андар пои модар мону хоки роҳи он мебӯс,
Агар не, кони зар ёбӣ ҳама дар дасти ту бод аст.

Ба мисли шамъи равшан сӯхтам танҳову донистам,
Сухандониву хушгӯйӣ ба шоирҳо худодод аст.

* * *

Хуш ба ҳоли он диле, к-он сард нест,[13]
Дил, ки сӯзад, сина ҳам бедард нест.

Дар кучо дидӣ, касе гар ошиқ аст,
Ҳар ду рухсори базебаш зард нест?

Аз падар ҳар кас, ки нони пок хӯрд,
Байни мардум он писар номард нест.

Навчавонӣ бигзарад бебозгашт,
Гардиши он донаҳои нард нест.

Ҷуз тани шармандаи Фиръавн бин,
Ҳар чи дар дунёи фонӣ кард, нест.

То лаби гӯр аз раҳи тоат магард,
Ғайри тоат бо ту роҳовард нест.

Дар қиёмат бингарӣ чун Рӯдакӣ,
Шоире пеши Худояш фард нест.

Душмани худро маҷӯ дар кӯҳи Қоф,
Ӯ ба ҷуз дар дасти ту парвард нест.

По гузор, эй дӯст, андар кӯчаам,
Мисли ман дар хоки роҳат гард нест!

---

[13] Ин ғазал бо хоҳиши бошарофати бародарамон Шарофиддин Фозилов дар як нишастан эҷод шудааст. (Муаллиф)

* * *

Моро хаёли дидани ҷонон ғанимат аст,
Дил бохтан чу булбули нолон ғанимат аст.

Гул мениҳад ба хок сари навҷавони хеш,
Сайре ба тарфи боғу гулистон ғанимат аст.

Эй ваъзи хоми воизи нодон чӣ бишнавӣ,
Рақсе чу Мавлавӣ сари майдон ғанимат аст.

Лофу газофи зоҳиди мағрур вогузор,
Майхона рав, ки ҳалқаи мастон ғанимат аст.

Чокак парандаест, ки чокак занад ба шаб,
Дар шоми қадр ояти Қуръон ғанимат аст.

Дар моҳи рӯза файзи Худо бештар бувад,
Он «алвидоъ»-у гиряи сӯзон ғанимат аст.

Тасбеҳи хушгувори таровеҳу зикри Ҳақ,
Бо соҳибони тозаи имон ғанимат аст.

Марги замони рӯза ба садсола марди нек,
Чун раҳмате зи Холиқи Раҳмон ғанимат аст.

Назди мазори модару гӯри падар ду каф
Кардан дуо ба халқи мусалмон ғанимат аст.

Дар Иди Фитр дидани хешону ақрабо,
Ҳам дидани ҷамоати ёрон ғанимат аст.

* * *

Ин ҷаҳон анҷоми раъю рой нест,
Охири кори ту дар ин ҷой нест.

Тӯшаи рӯзи сафар омода соз,
Ҷуз аҷал паҳлӯи ту ҳампой нест.

Зоҳидо, аз покият нозӣ, чаро?
Роҳи одам бе гилу бе лой нест!

Бо бародар меҳр кун, чунки дигар
Модари пират бародарзой нест.

Феъли Қорунро ҳазорон пайрав аст,
Ҳотаме дигар зи қавми Той нест.

Ҳеҷ касро умри тӯлонӣ надод,
Ин ҷаҳонро рафтан асту ой нест.

Насли одам аз барои ҷаннат аст,
Ҷои он ин даҳри ғамафзой нест.

Дидаам пири тариқат бешумор,
Лек мисли Пири Олимтой нест.

Чунки он афлокҳоро тай намуд,
Гарчи болу парзанӣ бо пой нест.

Маҳфили моро ҳама дард асту сӯз,
Холӣ аз танбӯру чангу ной нест.

Беназар аз базми гарми мо марав,
Базми мо ҳам доимо барҷой нест!

* * *

Саҳар вақти намоз аз пеши ман он бевафо бигзашт,
Ҷамоли хеш пинҳон карду бо теғи ҷафо бигзашт.

Зи гарди доманаш боди сабо омад машомамро,
Ки гӯйӣ як ҷаҳон боди баҳорон босафо бигзашт.

Яқин кардам, ки ёрам ҳаст, мавҷуд асту Маъбуд аст,
Агарчи пеши рӯям буду аз чашмам хафо бигзашт.

Ба шавқи диданат, ҷонам, ҳама умри парешонам
Чи аз боло, чи аз паҳлӯ, чи аз пешу қафо бигзашт!

Агар аз ҳаҷри ту сӯзам ҳазорон соли дигар ҳам,
Хуш аст ин дардҳо моро агар бе иктифо бигзашт.

Маро дар дил бувад ҳасрат фақат ин, ки чаро умрам
На дар айёми зебойи Муҳаммад Мустафо бигзашт?!

* * *

Аҷаб дорам аз ин дунё, ки доим гирдгардон аст,
Ба ҳар ҷое, ки монам по, саре дар хок пинҳон аст.

Чаман дидам, ки мебӯяд гули худрӯи худро худ,
Вале дар пояи ҳар гул чаро хори муғелон аст?!

Ба худ гуфтам: «Сухан бошад, фақат аз они ман бошад!»
Назар кардам суханҳоро ҳама дар мағзи Қуръон аст.

Ба гӯшам ин садо омад: «ҳар он ҳарфе, ки бад бошад,
Яқин медон, аё нодон, ки он аз лафзи Шайтон аст!»

Ба уздӣ луқмаи нонат агар бурдӣ ту бар хонат,
Даҳонат пур шавад аз хун, ки он чун санги дандон аст.

Шавад гар ганҷи ин дунё ба ҷайби худ намоӣ ҷо,
Ба хок андар шавӣ танҳо, ки дунё моли Яздон аст.

Агар садсолаҳо дар кори Ҳақ асрорҳо ҷӯйӣ,
Туро охир аз ин маъво ду чашми масту ҳайрон аст.

Бирав бар доманаш дасти муроди хештан андоз,
Агарчи он азизи дил зи халқи хеш пинҳон аст!

Барои духтарам рӯзе гуле аз боғ барчидам,
–Макун ин кор, – булбул гуфт, – к-ин се рӯза меҳмон аст!

На танҳо дил, на танҳо тан фидои ишқи Мавло шуд,
Сапедиҳо ба мӯи мо ҳамон хокистари ҷон аст.

Магӯ: «Сӯфӣ ба кунҷи узлат аз асрор дур афтод!»
Садаф хомӯшу андар синаваш маҳфуз марҷон аст.

Ба қанди порсӣ хоҳӣ, ки ширин коми худ созӣ,
Ба мулки Рудакӣ бингар, ки он дар Тоҷикистон аст!

* * *

Занбӯри асалро асари неш азиз аст,
Бар ошиқи бечора дили реш азиз аст.

Бо чӯҷаи зоғ аз чи занӣ ҳарфи маломат,
К-он пеши нигоҳи падари хеш азиз аст?!

Корат чӣ ба ин майзадаи ҷомадарида,
Жӯлидагиву мастии дарвеш азиз аст!

Ҳаргиз накунӣ арбада бо марди насоро,
Аз баҳри вай он миллату он кеш азиз аст.

Бар чеҳраи зарде, ки маро ҳаст, чӣ хандӣ?
Моро дили пурдарду ҷафокеш азиз аст!

Ин қофилаҳо пушти ҳам оянду равонанд,
Шояд ба Худо амри пасопеш азиз аст?!

Ҳамдард ба ҳамдард кушояд аламӣ хеш,
Бо ҳар яки он сӯзиши дардеш азиз аст.

Бигрезад аз ин маҷлиси мо марди ситамгар,
Ӯро сухани марди бадандеш азиз аст.

Ҳар ҷо, ки равӣ дар шафати марди Худо бош,
К-он марди Худо назди Худо беш азиз аст!

* * *

Тақдири мо ба қудрати Омурзгори мост,
Ӯро надидаему вале дар канори мост.

Ҳайрон манам, ки кас кунад аз кас чаро гила,
Бори гуноҳи мо ҳама дар кору бори мост?!

Аз худ марав ба қудрати умри ҷавониат,
Мурғи аҷал бурун зи кафи ихтиёри мост.

Суҳробҳо ба умри ҷавонӣ гузаштаанд,
Сайёди мо ҳамеша ба фикри шикори мост.

Нороҳат аз чи мекунӣ пири хамидаро,
Дасти баланди вай ба дуо торумори мост.

Фарзанд агар ба тарбият одам намекунӣ,
Дар зери остини ману ту чу мори мост.

Занро магӯ заифу залил асту беҳунар,
Ҳар як ба лутфу ҳусни адолат савори мост.

Занҳо диҳанд оби таҳорат ба мову ту,
Онон ба мо саодати Парвардигори мост!

Покии доғи ҷомаи мо зан адо кунад,
Он гаҳ намози мо ба Худо эътибори мост.

Раҳмат ба он зане, ки зи лутфаш Худой дод,
Он гуна шоире, ки азизи Ҳисори мост!

* * *

Шаб то саҳар зи дарди ту ҷонам хароб гашт,
Ҷисмам чу обшор фурӯ рехт, об гашт.

Ҳотиф бигуфт: «Неъмати ишқат аз он бидод,
Чунки дуои модари ту мустаҷоб гашт!»

Булбул агарчи лона пур аз чӯҷа мекунад,
Аммо бубин, ки оқибат ашки кабоб гашт.

Ҳар ҷо на хоки поки Бадахшони мо шавад,
Бингар, ки санг дар дили вай лаъли ноб гашт.

Намруд аз он, ки беадабӣ хӯ гирифта буд,
Як пашша гирди мағзи сараш осиёб гашт.

То пухтагии ишқ ба Иброҳим омадӣ,
Аввал асири абру Маҳу Офтоб гашт.

Дидам шитофтанд ба даргоҳи васли ёр,
Он ҷо ҳазор мурду яке интихоб гашт.

Ҳар лаҳза модаре ба ҷаҳон дод кӯдаке,
Аммо на ҳар кӣ шоири соҳибкитоб гашт.

Онро мақоми Кунгураи Арш медиҳанд,
К-аз хоксориҳо тану ҷонаш туроб гашт.

Сӯфӣ ба кулбаҳои хасӣ дод эътибор,
Он гаҳ сар аз туроб кашид, Офтоб гашт.

Хушбахт миллате, ки писар ёфт ончунон,
Шаъну шараф насибашу оличаноб гашт!

* * *

Эй бехабар, ҳаёти ту вақфи[14] давом нест,
Ҳар лаҳза сарви қомати ту дар хиром нест!

Чандон, ки дона меҳӯрӣ, эй мурғи тозапар,
Медон, ки ин ҷаҳон ба ту бе банду дом нест.

Макру ҳиял хуқуқи Азозил ба бод бурд,
Вобаста илми Ҳақ ба ду-се тифли хом нест.

То пардаи сиёҳи дил аз ҳам намедарӣ,
Аз пушти парда баҳри ту ҳарфу калом нест.

Оби таҳорат аз ту агар дур мефитад,
Хоки сияҳ барои таяммум ҳаром нест.

Ин ҷо баҳонаҷӯиву тоби дурӯғ ку,
Вақти намози субҳи ту дар айни шом нест.

То нагзарӣ зи даҳшати Пули Сирот агар,
Баҳри ту назди Кавсари Фирдавс ҷом нест,

Дастат агар ба сина намонӣ ба сидқи дил,
Аз одаму фаришта бароят салом нест.

Нохун ба кина чун бикашӣ рӯи хорасанг,
Ғофил машав, ки дар дили вай интиқом нест.

Дар бешу кам ба сабру қаноат паноҳ бар,
Бо ризқи банда кори Худо бе низом нест!

[14] Тавақкуф, истодан (мас., вақти Қуръонхонӣ дар миёни оятҳо истодан, вақф кардан).

* * *

Эй ғофил, ин ҷаҳон ба ту доимсарой нест,
Маргат расад, барои ту як лаҳза ҷой нест!

Гӯйӣ, ки ризқи кӯдаки худро ту оварӣ,
Ӯ Розиқ аст, варна сабаб дасту пой нест.

Ношукрие, ки мекунӣ аз ризқи хештан,
Пас, дар камии ризқи ту айби Худой нест.

Як мӯ агар хато равӣ аз ҷодаи салим,
Шайтон дар он дақиқа зи наздат ҷудой нест.

Ноқобил аст миллати беномус, эй азиз,
Дунё барои қавми қавӣ тангҷой нест.

Дар домани зане, ки агар доғ мерасад,
Афсӯс мехӯрам, ки вай алломазой нест.

Гар хидматат ба пири тариқат намерасад,
Пас сад китоб илми ту, мушкилкушой нест.

Молик агар набахшадат ин мулки раҳбарӣ,
Рӯи сари ту сояи боли ҳумой нест.

Аз кибр агар ба авҷи фалак мекунӣ нигоҳ,
Бингар туро ба мисли магас раъю рой нест.

Нони зиёдатӣ мафикан рӯи сангу хок,
Дониста бош, пушти дарат бе гадой нест!

Дар ин саройи куҳна чу Қорун зиёд мурд,
Афсӯси он, ки Ҳотами машҳури Той нест!

* * *

Андар қафас барои дили мо фасонаҳост,
Он ҷо ба мисли мурғаки дар доми донаҳост.

Бар устухони сина ба минқор мезанад,
Дорад гумон буруни қафас боғу лонаҳост.

Ин дашту долу кӯҳу чаман ҷои васл нест,
Ин ҷо фақат зи ёри ниҳонӣ нишонаҳост.

Мероси мо зи гардишу даври фалак яқин,
Дарду фироқу ҳасрату гӯру сағонаҳост.

Дидори дӯст лаззату мақсуди зиндагист,
Вар не, тамоми умри ту маҳви баҳонаҳост.

Онон, ки масту вола ба майхона дидаӣ,
Ҳар як магӯ гурезаи девонахонаҳост.

Ғайр аз ҷунун табобати мардони ишқ чист?!
Ишқ асту дилнавозии чангу чағонаҳост.

Ғофил машав, ки ҳасрати пирӣ расиданист,
Умри ту ҳамсафар ба қатори равонаҳост.

Бар ҳар нафас ҷавоби худ омода сохтан,
Кори касе бувад, ки зи ҳушёрхонаҳост.

* * *

Дар ин дунё ҳар он чизе, ки созӣ, боз вайрон аст,
Вале рӯзи қиёмат суди он чандин ҳазорон аст.

Ду-се гандум, ки мекорӣ ҳисобаш дар ду олам ҳаст,
Мусибатҳо кашӣ, охир, агар киштат муғелон аст.

Адабро манзалат бисёру ҷои ҳурматаш болост,
Сазои беадаб аз Ҳақ ҷудоӣ мисли Шайтон аст.

Ҳама дар олами фонӣ шавад фонӣ, вале ҷовид
Ҳамон ҳарфе бувад, к-он мағз андар мағзи Қуръон аст.

Ба рӯи хок пешонӣ ниҳодан кори мақбул аст,
Агар дар сина дил дориву мисли мурғи бирён аст.

Ҳасад берун гузор, эй ҷону сӯи майфурӯшон рав,
Ки он ҷо ҳар қадаҳ ойинадорӣ чашми хандон аст.

Ба по занҷиру рӯи шонаҳо мӯ мекунад зоҳид,
Вагарна баҳри Маҷнун кунҷи узлат ҳам биёбон аст.

Агар аз чашмаи раҳмат нанӯшӣ, суди Зам-зам ку?
Ба кофар боғи ҷаннат зулмати як кунҷи зиндон аст.

Садоқат пеша кун, варна ба ҳар ду олам аҳволат,
Парешону парешону парешону парешон аст!

* * *

Ҳайфи касе ба тарфи ҷаҳон дилнавоз нест,
Дилро магӯ дил аст, чу онро гудоз нест.

Қуръон чаро ба беҳуда хонӣ ба гӯши гов,
К-онро ба ҷуз ҳадиси алаф шавқи роз нест.

Сад бор агар тавоф кунӣ санги Каъбаро,
Завқат агар ки нест, туро имтиёз нест.

Мафтуни ин арӯси ҷаҳон марди аблаҳ аст,
Халқи Худо муваффақи умри дароз нест.

Офоқ агар диҳад ба ту ганҷина беҳисоб,
Медон, ки одамӣ чу Худо бениёз нест.

Оне, ки паст нест зи гарду ғубори раҳ,
Бар кибриёи Зоти Ҳақ он сарфароз нест.

Оҳанги дил, ки «бум-бака-бум» ҳасту «тан-тан» аст,
Дар нолаҳои булбулу дар чангу соз нест.

То ту дари Худо назанӣ аз самими дил,
Дарвозаҳои мақсади ту ҳеҷ боз нест.

Муътоди ишқ агар шудаӣ, интизор бош,
Бе захми теғу ханҷару бе заҳри ноз нест.

Байт-ул-Ҳарам, ки қиблаи мардони содиқ аст,
Холӣ ягон дақиқа зи аҳли намоз нест.

* * *

Ҳар гул дар ин чаман гули зебохиром нест,
Ҳар ҳудҳуде салоҳияташро паём нест.

Ҳар сӯфие, ки ҷаҳрия дорад ба ҳар намоз,
Дар кибриёи улвият онро мақом нест.

Он май, ки додааст маро соқии азал,
Ақли маро агарчи рабояд, ҳаром нест.

Кай саҳми сайругашти биҳишт аст бар касе,
Ин ҷо агар ба назди Худояш ғулом нест?!

Мусича нест бегунаҳ, аз кирми лой пурс,
Дар сина кина дораду беинтиқом нест.

Хуршед ҳам ба навбати худ ҷилва мекунад,
Дар пардаи фалак ҳама дам ранги шом нест.

Марди сахӣ ба назди Худо муҳтарам бувад,
Иззат барои мумсики беэҳтиром нест.

Суд аз ридову саллаву тасбеҳу риш ку,
Боло зи Арш агар ба ту майлу маром нест.

Бо дӯстони мактабии худ нишину хез,
Умре, ки додаанд ба мо, бардавом нест.

Оҳ аз даруни гӯр, кушоӣ ду чашм ҳам,
Он ҷо сафои ин фалаки нуқрафом нест!

* * *

Ҳаргиз намеравад зи дили ман хумори дӯст,
Ҷону вуҷуди ман ҳама дар интизори ӯст.

Донам агарчи, ваъда ба рӯзи қиёмат аст,
Чашмам, вале ҳамеша гирифтори ҷустуҷӯст.

Ширинии муҳаббати ту дар ғам асту дард,
Лаззат куҷост, гар наканӣ аз анор пӯст.

Рухсораам зи ашки ҷудоӣ шукуфтааст,
Зебост гул, чу қатра зи рӯяш ғубор шӯст.

Уд аз камоли дуди худ аҳбоби маҳфил аст,
Сад ҳайфи оташе, ки бурун аз нишоти бӯст.

Олудаам ба гарди раҳат, эй азизи дил,
Моро ба рӯи хоки раҳат мурдан орзӯст!

* * *

Ин ҷо на ҷои хандаву шодиву пар-пар аст,
Ин ҷо ҷазои одаму андӯҳи модар аст.

Берун маё зи доираи ҳукми осмон,
Моро ҳисоби ҳар нафас ин ҷо муқаррар аст.

Ҳайронам аз ҳақиқати мазмуни зиндагӣ,
Уштур бад-он бузургии худ аз пайи хар аст.

Ин лолаҳо нишони шаҳидони покрӯст,
Минқори булбулон ҳама аз хуни гул тар аст.

Ин кибру ин риёву ғурур аз барои чист?
Аҳволи гӯр бар ҳамаи мо баробар аст.

Дилро вазифаест, ки сӯзад ба сони шамъ,
Танро дар ин мунокишаҳо нақши миҷмар[15] аст.

Моро зи хоки пок аз он рӯ сириштаанд,
К-онро диле бувад, ки нигаҳбони гавҳар аст.

Ҳар кӣ ба кунҷи узлат агар ақли хеш бохт,
Саҳро барои аҳли ҷунун авҷи минбар аст.

Аз он дақиқае, ки шунидам садои ӯ,
Ин сина дар муқобили шамшеру ханҷар аст.

---

[15] Зарфе, ки дар он оташ монда, сипанд, уд, мушк ва ҳар хел хушбӯиҳоро дуд меандозанд.

* * *

Аз худ марав, ки умри ҷавонат гузаштанист,
Дастат асои пирии охир кашиданист.

Бе сураву дуо магузар аз мазори роҳ,
К-ин заҳри маргро ҳама мардум чашиданист.

Нодида мӯри роҳ макун зери по, ки он
Оҳе кашад, ки то ба Худояш расиданист.

Ман-ман макун, ки марги ҷавонони бетамиз
Аз феъли шуму беадабиҳову ман-манист.

Ҳар лаҳза рав ба кулбаву дидори модарат,
Дарвозаи биҳишти ту он ҷо кушоданист.

Ризқе, ки бар китоби ҳаётат навиштаанд,
Ҳар сӯ мадав, ки беш аз онат надоданист.

Боло марав ба кибру риё, болу пар мазан,
Анқо ҳам аз мақоми Сурайё фитоданист.

Гуфтам ғазал ба лаҳҷаи шерозиён, ки он,
Панде ба мисли нуктаи Саъдӣ шуниданист.

* * *

Ногаҳ хабар омад, ки ҷаҳон чизе нест,
Ин мулки Ҳисору Ҳамадон чизе нест.

Дар пеши тамошои Худои Ҷабарут,
Он ҷаннату он оби равон чизе нест.

Бо шавқу тавофу рақси гирди Ҳарамайн,
Ин даври ҳама кавну макон чизе нест.

Менӯш майи ишқу вафо, зоҳиди маст,
К-ин сурмаву он риши калон чизе нест.

Эй ғофил аз он ҳодисаи рӯзи ҷазо,
Имон мафурӯш, к-ин ду нон чизе нест.

Мурғи дилат он гаҳ, ки бимирад, чӣ кунӣ,
Ҳоло ки туро қимати ҷон чизе нест!

* * *

Дар кӯча маро ту дидӣ, эй хоҷапараст,
Озурда машав аз мани девонаи маст.

Рӯҳе, ки Худо дамида рӯи ману ту,
Боло на ту аз маниву не ман зи ту паст!

Ин қолаби мову ту шарофат дорад,
Шоҳиву гадоист равон даст ба даст.

Ку олитарин шахс, ки дар хок нарафт?!
Ин ҷоми Ҷаме ку, ки Сикандар нашикаст?!

Парвози басе мардуми олам дидам,
Охир, ки яке-яке дар ин хок нишаст.

Аз марги рафиқи баччагӣ месӯзам,
К-аз теғи аҷал ҳазор афсӯс нараст!

Ин ҷо на барои ман бувад ҷо, на туро,
Бо ҳамдигарӣ меҳру вафо бояд баст.

Аз фитнаи кас, маранҷ эй Пири Ҳисор,
К-ин нақша Худо кашида аз рӯзи аласт!

* * *

Сари моро хаёли дигаре нест,
Ба ҷуз ёди ҳамон афсунгаре нест.

Биё бо мо, зи ишқат дарди дил гӯ,
Ки ҷуз мо масти ошиқпарваре нест.

Ба фарзандони мардум ҷабр додан
На камтар додан аз заҳри таре нест.

Ҷаҳон бо мо надорад созгорӣ,
Агар дорад, чаро пайғамбаре нест?!

Худо худ гашт одамро муаллим,
Вуҷуди одамӣ бадгавҳаре нест.

Вале овози Иблис оядаш хуш,
«Ювас вис»-аш баланд аз қар-қаре нест!

Агар тавфиқи инсонӣ гурезад,
Зи одам дида халқи бадтаре нест.

Аё Пири Ҳисорӣ, даъватам кун,
Ки ин ҷо марди соҳибдафтаре нест!

* * *

Агар аз барги гул хуни ҳаё рафт,
Ҷилои шабнам аз вай бар ҳаво рафт.

Падар бар духтараш илме набахшад,
Бидон, ин миллати мо зери по рафт!

Падарҳо дидаам бисёр-бисёр,
Занаш ғар, духтаронаш бе сафо рафт.

Намедонӣ, чаро аз домани зан
Пайи хидмат чӣ мардони Худо рафт?!

Саҳеҳ он вакт чашми ин ҷаҳон шуд,
Ки оҳи модари вай то само рафт.

Фитад дар хок мард аз авҷи гардун,
Падар мазлуму аз вай бе дуо рафт.

Бибӯс аз пиччаҳои модари хеш,
Кам андар кам дуояш бехато рафт.

Тамоми ганҷи олам дар каф орӣ,
Чун аҳли хонаат роҳи Худо рафт.

Магӯ бар худ, ки мехи ин ҷаҳонӣ,
Аз ин олам басо шоҳу гадо рафт.

Кучо монем, эй Пири Ҳисорӣ,
Агар аз дори дунё Мустафо рафт!

* * *

Ба гардун сар кашидан кори мо нест,
Диламро шавқи парвози Ҳумо нест.

Назаргоҳи Худоро нек бингар,
Ба ҷуз он хоки пасти зери по нест.

Шавад обод шаҳре, ки дар он ҷо
Дурӯғу туҳмату фанду рибо нест.

Саги нафси даруни хеш барбанд,
Азобашро ба ҷонат интиҳо нест.

Камоли одамӣ дарёбу бигзар,
Ки ин ҷо маъмани[16] шоҳу гадо нест.

Кафи дастони худ баҳри чӣ пӯшӣ,
Ки мушти бастаро савту садо нест!

Чаро хуни ҷавонмарде бирезӣ,
Ки дар назди Худо бе хунбаҳо нест!

Ибодат кун, биё бо мову хуш бош,
Ки фардо бингарӣ мову шумо нест.

Мадав пушти ҷаҳон, Пири Ҳисорӣ,
Ки ин дунё ба ҷуз моли Худо нест.

[16] Ҷои амн, паноҳгоҳ.

* * *

Дар он манзил, ки нуре аз чароғест,
Мисоли бӯстону боғу роғест.

Сар андар саҷда он ҷо ошиқе ҳаст,
Ки дил дар синаи вай доғ-доғест.

Агар дар кӯчае масте набинӣ,
Яқин, он ҷо гузаргоҳи улоғест!

Бубин, он шохаеро хушк ёбӣ,
Пас, он ҷо нақшаи пои калоғест!

Ҳисор аз қалъаи худ ноз дорад,
Ки дар хокаш мазори чилчароғест.

Ба рӯи хоки мо по мону бигзар,
Магӯ, аммо, ки бе соҳибсуроғест!

Гул аз бехаш макан, эй булҳаваскор,
Ки хокаш аз лабони гулдимоғест!

Хароботи қаландарҳо гузар кун,
Ҳамон ҷо гармии ишқу фароғест.

Бинол, эй булбули Пири Ҳисорӣ,
Ки оҳат рашки садҳо чуғзу зоғест!

* * *

Он ҷо, ки номи Ӯст, ба дӯзах чӣ кор ҳаст?!
Он ҷо, ки зулфи Ӯст, ҳазорон шикор ҳаст.

Ангуштат, эй азиз, мабар бар сӯрох ҳеҷ,
Шояд сурохиест, ки дандони мор ҳаст.

Бозӣ ба ишқу кори дили ошиқон макун,
К-андар миёна теғи нигоҳи нигор ҳаст.

Хокистаре, ки бар сари пирон ту дидаӣ,
Онро нишонаҳо зи дили пуршарор ҳаст.

Бар сабза пои хеш ба оҳистагӣ гузор,
Шояд ки неши мижжаи маъшуқи зор ҳаст!

Ғофил шавӣ агар ту аз он ҳусни бардавом,
Ҳарҷо, ки ҳусни ӯ бувад, ойинадор ҳаст.

Сар бохтан ҳикояти бозору кӯча нест,
Ошиқ ҳамон бувад, ки сараш зери дор ҳаст.

* * *

Соқӣ аз майкада берун шуду соғар бишкаст,
Бо кӣ гӯям дигар аз лаззати он рӯзи аласт?!

Мардум аз рози Худо рӯй агар метобанд,
Боз Нӯҳи дигару ҷунбиши тӯфоне ҳаст.

Зоҳид аз минбари боло сухане мегӯяд,
Ба миёнаш расад ин манзара, зунноре баст.

Ғофил аз нағмаи Иблис агар як нафасӣ,
Гӯядат мардуми оддӣ, ки ту «куффорпараст!»

Ҳилла дорӣ ту ба бозори халоиқ, аммо,
Дар Қиёмат хабарат ҳаст, ки бозоре ҳаст?!

Ҳиллаву duздиву даллолӣ дар он мамнуъ аст,
Ё ба фирдавс равӣ, ё ки ба дӯзах ба нишаст.

Ба ҷуз ин ҷо, ки саҳар марди Худо менолад,
Биравад оташи дӯзах ба кучо даст ба даст.

«Агар ин асту чунин, кард ғазаб Пири Ҳисор:
–Раҳмати Зоти Худо баҳри чӣ дар олам ҳаст?!

Нек медон, агар аз раҳматаш ояд нафасе,
Бингарӣ, мардум аз ин банди гирифторӣ раст!»

* * *

Ҳар ҷо, ки ошиқ аст, гирифториву ғам аст,
Ашки чакида бо дили ранҷур ҳамдам аст.

Моро ба чашми кам ту чаро мекунӣ назар?
Ҳар мард назди оилаи худ мукаррам аст!

Гирди ҷаҳон лаболаби об аст, эй азиз,
Аммо шарифи оби ҷаҳон оби Зам-Зам аст.

Мазмуни ҷамъи мол ба ҷуз ин ду ҳарф нест:
«Мумсик фитода дар ғаму бебок хуррам аст».

Кашкули марди Ҳақ нашавад пур ба нону зар,
К-ӯро талаб лиқои Худованди олам аст.

Нӯҳ аз шикасти киштияш осуда буд, ки ҳаст
Тумори ӯ зи дафъи бало хоки Одам аст.

Бар ошиқ аз ҳақиқати нархи ҷаҳон магӯ,
Ҷуз ёр пеши вай ду ҷаҳон ними дирҳам аст.

Бар қисмате, ки дод ба мо дар таҳаммулем,
Моро ду даст пеши бару қомате хам аст.

* * *

Ҳарчанд, ки дунё зи сари мо гузарон аст,
Мероси саропардаи соҳибназарон аст.

Се танга Худо дода, чаро масти ғурурӣ,
Рӯзе расад он луқмаи мурғи дагарон аст.

Ин ҷомаву аммомаву ришу сару дастор,
Ҳар кас натавонад кашад, ин бори гарон аст!

Рӯзе расад он ҷо ту ҳам аз карда бигӯӣ,
Ин халқи Худо пеши Худояш нигарон аст.

Бисёр баҳору гулу булбул, ки набинем,
Онон ҳама қурбонии шамшери хазон аст.

Ку куҳнарафиқони азизе, ки маро буд?!
Ин боди аҷал бар сари ҳар банда вазон аст.

Қурбонии худро талабад олам аз одам,
Мастии ду чашми ман аз он хуни разон аст.

Эй Пири Ҳисор, он, ки шуд огандаи ин хок,
Ин оламу он олами оянда аз он аст!

* * *

Ҳар он ки бори гунаҳро дароз мебардошт,
Гунаҳ зи соҳиби худ ҳар ниёз мебардошт.

Агар ибодату тоат камоли фахр бувад,
Худои пок аз Иблис ноз мебардошт.

Ҷаҳон ба санҷиши авлоди одамизод аст,
Вагарна макри ҳама ҳуққабоз мебардошт.

Худой одаму ҳайвон агар, ки як мекард,
Зи феълу раҳмати одам намоз мебардошт.

Агар ба мутриби ҷаннат набуд созу наво,
Аз ин ҷаҳон маю мастиву соз мебардошт.

Намебуд ин ҳама неъмат ба одамӣ зи Худо,
Яқин зи халқи ҷаҳон имтиёз мебардошт.

Басо зи лаззати дунё гурехт, Пири Ҳисор,
Ҳамин буд ин ки зи мо шаҳди роз мебардошт.

* * *

Номи ман Сайиду пайвасти ҳамон исми Алист,
Ишқи ӯ то ба қиёмат ба Худо, бебадалист.

Ғами дунё махӯр, эй мӯйсияҳ, рӯйсафед,
Рӯй пажмурда шавад, оқибати мӯй калист!

Ҳар касе гуфт: «Ҷаҳон мегузарад, кайф кунем!»
Тани вай солиму он рӯҳи вуҷудаш касалист!

Гашт аз ишқи худодод, ки Маҷнун маъруф,
Номи некаш ба ҷаҳон лоиқи зарбулмасалист!

Ин, ки ту сарви равониву ғуруре дар сар,
Ҳар касе бинаду гӯяд ба ту: «Гови маҳалист!»

Олиме ҳаст ба ҳамсоягиву бехабарӣ,
Дар назаргоҳи Худо ин амалат мисли шалист!

Чанд бар давлати ҳамсоя ҳасад хоҳӣ бурд?
Иззат аз сӯи Худо бар касу нокас азалист!

Сад ҳазорон лаби ширин бинигар, Пири Ҳисор,
Ба замин хок шуду кандуи[17] занбӯр асалист!

[17] Қуттии тахтагин барои парвариши занбӯри асал.

* * *

Бинол, эй булбул, айёми баҳор аст,
Ки фардо ҷои гулҳо неши хор аст!

Куҷо боди самумат раҳм дорад,
Ки расми вай басо вайронакор аст.

Нафас даркаш ба сози нолаи най,
Ки пурсиш дар қиёмат сахт кор аст!

Магар ҳаргиз надидӣ ту сареро,
Ки охир тӯъмаи он мӯру мор аст?!

Чӣ ҷавлон мезанӣ болову поён,
Ки соҳиб даҳрро Парвардигор аст!

Машав девонаи серӯза серӣ,
Ки сад соли ҷаҳон як лаҳзавор аст.

Агар сайри ҳама олам намоӣ,
На боло аз чаманзори Ҳисор аст!

Танат хун асту пайванду рагу пӯст,
Туро танҳо ибодат эътибор аст.

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Хомӯш!
Бирав майхона, к-он ҷо созгор аст!»

* * *

Эй падар, хоҳам, ки рӯзе пой то сар бинамат,
Боз бо он чеҳраи нури мунаввар бинамат.

Нек медонам, ки берун мешавӣ аз хоки хеш,
Байни мардум, пеши Холиқ рӯзи маҳшар бинамат.

Одаме дар зиндагонӣ бас надидам бе гуноҳ,
Бегуноҳу пок он ҷо мисли гавҳар бинамат!

Маст аз сарчашмаи хушбӯи оби Салсабил,
Назди Заҳро, дар канори Ҳавзи Кавсар бинамат.

Пеши ҳуснат ҳуру ғилмон шармсору шармбор,
Он қадар зебо, ки чун моҳи мунаввар бинамат.

Чун биёрандат ба назди Ҳазрати Парвардигор,
Дар тарозу, пеши Ҳақ поку музаффар бинамат.

Чун ба Фирдавс омадӣ наздики қасри бошукӯҳ,
Мисли гул печон ба ҳам паҳлуи модар бинамат.

«Кош, ман ҳам бо ту бошам! – гӯядам Пири Ҳисор,
Бар ба бар бо ҳашри худ назди Паямбар бинамат!»

* * *

Воизе дидам, гумонам омад онро тоб нест,
Ваъз мегӯяд, вале дар чашми вай асҳоб нест.

Ҳолаташ баъди намози ҷумъа пурсидам аз ӯ,
Гуфт: «Аз баҳри чӣ фарзанди маро одоб нест?»

Гуфтамаш: «Он чи сари минбар ту мегуфтӣ, дурӯғ,
Ин магар аз киштаи он қитъаи беоб нест?»

Кам касе дидам ба олам ногаҳ аҳлуллоҳ гашт,
Ҳосили ин рутба бе он пири оламтоб нест.

Аз канори мард кай дидӣ, ки берун гашт зан,
Шавҳараш дайюсу доим дар хаёли хоб нест?!

Одамиро бешу кам афсурда созад, сабр кун,
Осмонро ҳам гаҳе он Моҳи оламтоб нест.

Саҷдаи бе сидқи дилро кай бувад номаш намоз?
Хонаҳои Зоти Ҳақ бе зиннати меҳроб нест.

Нола кун, дар гиря бош, эй ошиқи Пири Ҳисор,
Қадри ту назди Худо бе чашми пур аз об нест!

* * *

Ошиқам бар сунбуле, ки рангу рӯву бӯ-ш нест,
Ҷой андар сина дорад, лек дар оғӯш нест.

Гар ба деворе, ки дорад Каъба бигзорам сарам,
Дил вале дар синаи пӯсидаам хомӯш нест.

Ин чи ишқе, ин чи оҳе, ин чи дардеву бало,
Ҳарчӣ мечӯям ба ҷуз исмаш маро дар гӯш нест?!

Ақл тира, дида тира, лек ҳаст имони пок,
Дар амал мечӯшаму монанди ман мадҳӯш нест.

Ҳарчӣ дорӣ андар ин дунё ба қурбонӣ бидеҳ,
Чунки дар бозори маҳшар «мехару мафрӯш» нест.

Зеби дилбирёнии мо андар ин дунё бувад,
Чун Худоро дидӣ, онҷо дар ту ақлу ҳуш нест.

Аҳли дил вақте ки маҳви нури дилбар мешавад,
Дигар онҳоро биҳишту ҳуру нӯшонӯш нест.

Маст бош андар канори ҷӯйи Белайдӯзи мо,
Ғайри ин ҷо синаро маъвои ҷӯшоҷӯш нест.

Дар куҷо дидӣ гуле чун аз гили Пири Ҳисор,
Ҳар куҷо бинӣ, валекин мисли он хушбӯш нест!

* * *

Гар ба пеши чашми ту ҳусни рухи ҷонона нест,
Бош ҳушёру магӯ: «Дар олам ин афсона нест!»

Ҷилвагоҳи ин ҷаҳонро нест мазмуне дигар,
Ҷуз ҳамин маъно, ки «онро соҳиби бегона нест!»

Ихтиёри ошноӣ бо касе месозад он,
Чашми танги вай агар бар «ин дару ин хона» нест.

Базми дарвешон агар мастиву аз худ рафтан аст,
Хок бар сар мекашанду ҳеҷ як девона нест.

Пой дар занҷиру маҷнуну плефта[18] дар забон,
Нолаи дарвеши ошиқ ҳеҷ беақлона нест!

Ишқи сӯфӣ дигару ишқи заминӣ дигар аст,
Кас надонад ин муаммо, воқифи вайрона нест.

Вақти ҳушёрӣ агар як парда бардорад фалак,
Ин туву ин мову ин шамъеву ин парвона нест!

Бори навмедӣ макаш, эй пайрави Пири Ҳисор,
Гар туро минқор бидҳат, ризқи ту бе дона нест!

[18] Пургӯй, ёвагӯй, беҳудагӯй.

* * *

Ҳар киро дар шаб агар тасбеҳи «ё Раб-ё Раб» аст,
Назди хосони Фалак чун булбули ширинлаб аст.

Хуш ба ҳоли он касе, к-ӯ синаро оташ занад,
Войи он марде, ки масту хоб ҳангоми шаб аст!

Роҳ сӯи Ҳазрати олӣ чу мӯ бисёр ҳаст,
Сӯи Ҳақ раҳгумзада, аз мардуми бемашраб аст.

То зи қол ойӣ ба ҳол, эй солики бишкастабол,
Водие бигзар, ки роҳаш хордору ғаб-ғаб аст.

Кӯдакат дастат намегирад, ба пирӣ чун расӣ,
Баски ту дар ғафлативу кӯдакат бе мактаб аст.

Аз риё як бор рӯзи ҷумъа мехонад намоз,
Пас ба сад найранг гирдогирди соҳибмансаб аст.

Заҳмати бисёр хоҳад луқмаи нони ҳалол,
Бингар Иблиси лаъинро дар ниҳон сад матлаб аст.

«Базми талх аст ин ҷаҳон! – гӯяд маро Пири Ҳисор,
Зинда бод он дил, ки доим хаста дар тобу таб аст!»

* * *

Ҳар саҳар дар пеши дил бисёр мебояд гирист,
Чунки дил сӯзад ба ишқи ёр, мебояд гирист.

Рав ба саҳрои ҷунун, девонагиҳо сар бидеҳ,
Лек исмаш бар забон, ҳушёр мебояд гирист.

Ин адабгоҳест обод аз маю майхонаҳо,
Нохалаф кардӣ гунаҳ, афгор мебояд гирист.

Бӯса бар гул зан, ки умраш кӯтаҳ аст андар ҷаҳон,
Ҳолиё бо гул нишастӣ зор мебояд гирист.

Гул агар булбул ба минқораш бигирад, хомуш аст,
Хок агар гардӣ ту, бе минқор мебояд гирист.

Умркӯтаҳ, камибодат, рӯсияҳ, осӣ манам,
Пас, туро, эй дида, боронвор мебояд гирист.

Ҳайфи файзи ҳар нафас, одам намебинад варо,
Бар чунин кӯрии ноҳамвор мебояд гирист.

Умр то кӯтаҳ натобад, ҳамраҳи Пири Ҳисор
То қиёмат ҳар саҳар ночор мебояд гирист.

* * *

Нуре ба чашмам имшаби тор омаду гузашт,
Кардам гумон, ки чашми хумор омаду гузашт.

Гуфтам ба худ, ки: Ман киям аз лутфи Кибриё,
Чун шуълаҳои фасли баҳор омаду гузашт?!

Умре ба хуни хеш тапидам чу бисмиле,
Ҳоло чаро ду сониявор омаду гузашт?!

Андар қиёмат аст висоли нигори ман,
Хуш лаҳзае мисоли шарор омаду гузашт.

Вақте ба умри хеш назар мекунам, аҷаб,
Чун тири тези аҳли шикор омаду гузашт?!

Дар кунҷи масҷиде ба ман он пирамард гуфт:
– Ҳайфи ҷавониям, ки савор омаду гузашт!

Дидам чӣ авлиёву гадову чӣ подшоҳ,
Дар пеши марг хаставу зор омаду гузашт.

Чашме кушодан асту дигар ҳеҷ, ҳеҷ, ҳеҷ,
То бингарӣ ҳаёти ту зор омаду гузашт.

Пири Ҳисор гуфт, ки: «Гӯянд як замон,
Як шоире зи мулки Ҳисор омаду гузашт!»

* * *

Ба оқил як нафас будан дар ин дунё ҳама панд аст,
Ҳазорон ҳайфи марде к-ӯ ба нафси хеш побанд аст.

Саре дориву онро мебариву ҳар тараф кӯбӣ,
Кучо донӣ шумори умри ту дар ин ҷаҳон чанд аст?!

Бароят аз Худо садҳо китоби эътиқод омад,
Яке Қуръону Инҷилу яке Тавроту Позанд[19] аст.

Ба зери сояи девори садсола назар афкан,
Ҳамон бечораҳо назди Худо ҳар як шарафманд аст!

Магӯ бедору ҳар шаб тоате назди Худо дорӣ,
Саге, ки дорӣ андар хона, аз ту беш ҳушманд аст.

Зиёи Моҳи тобон аз садоқат ҷилваҳо дорад,
Садоқат бо ибодат назди оламдор пайванд аст.

Агар хоҳӣ гуле санҷӣ, ба деги оташаш андоз,
Аз он пас бингараш аз ишқи поки хеш гулқанд аст.

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: Медон ибтидои хеш,
Ҳисор асту Сари Хосору Даҳбеди Самарқанд аст!

[19] Шарҳ ба «Занд» – тафсири «Авасто» бо забони форсии миёна (паҳлавӣ) дар замони Сосониён

* * *

Ҳар ҷо, ки диле ҳаст, басо хонахароб аст,
Аз кӯча, ки бигзашт, ҳама бӯи кабоб аст.

Габре, ки агар маънии оташкада донист,
Чун оташи оташкада дар печишу тоб аст.

Аз кӯчаи масҷид агар, эй мард гузаштӣ,
Боре бидаро, ҳар қадамат рӯи ҳисоб аст!

Дар назди Худо ҳар нафаре мисли ҷаҳонест,
Бо қатли як одам ҳама олам таги об аст.

Андешаи он рӯзи ҷазо ҳаст ибодат,
Дар байни туву ҳукми Худованд китоб аст.

Маҳви ҳама ҷурми ту бувад нолаи шабҳо,
Шаб хез, ки ҳар нола чу оҳанги рубоб аст!

Зӯрии ту то рӯзи қиёмат надиҳандат,
Тағйири ҷаҳон санҷиши он олиҷаноб аст.

Қонуни аҷибест, ки то синаи афлок
Сад бор иморат бикашӣ, боз хароб аст?!

Хандида аҷаб гуфт маро Пири Ҳисорӣ:
«Оқил бувад он кас, ки агар масти шароб аст!»

* * *

Куҷо дидӣ дили бе мушкиле ҳаст,
Дар олам булбули бе бисмиле ҳаст?!

На мижгон менамояд, не ду абрӯ,
На аз чашминтизорӣ ҳосиле ҳаст.

Марав дар банду қайди ишқи дунё,
Куҷо ҷуз гӯри тангат манзиле ҳаст?!

Шабе ҳасратнишинро суҳбат орой,
Нигар ғайри Худояш ҳамдиле ҳаст?!

Ба қабристони Белайдӯзи мо рав,
Бубин, аз мурдагон мушти гиле ҳаст?!

Гуноҳи навҷавонӣ тавба хоҳад,
Пас аз мурдан Худои Одиле ҳаст!

Қариби чорсад сол аст, бигзашт,
Магар монанди Бедил Бедиле ҳаст?!

Амонуллоҳи мо ҳамто надорад,
Магар монанди вай дарёдиле ҳаст?!

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Хуш бош,
Чу қандиле туро ҳам як диле ҳаст!»

* * *

Болинталаб мабош туро вақти хоб нест,
Дарёи раҳматаш ба ҷуз аз шаб пуроб нест.

Файзе, ки мерасад саҳар аз ҷониби Худо,
Аз мардумони хоб касе комёб нест.

Саҳронишин агар нашавӣ аз фироқи ишқ,
Ҳаргиз туро ба маҳфили Маҷнун шароб нест!

Аз фавҷи бӯи сунбулу бишкуфта муғҷаҳо,
Бӯи хуше барои ман аз дилкабоб нест.

Ишкамкаше, ки бори ғами дил намекашад,
Ҷуз вай ба рӯзгори қиёмат хароб нест.

Бори ҳасад макаш ту зи сустии назми хеш,
Рӯзе расад, ки мисли ту олиҷаноб нест.

Аз ҷилваи базеби ҷаҳон эҳтиёт бош,
Дар кори он зи макри шаётин ниқоб нест.

Пири Ҳисори ман кафи хоке гирифту гуфт:
«Ҳастии мо ба ҷуз кафи хоку туроб нест!»

* * *

Паҳлавонӣ дигару хондани Қуръон дигар аст,
Нолаи рӯз дигар, оҳи шабистон дигар аст.

Ақли ту мӯйшикоф аст, бале:  Аҳсантум!
Ақли дар ишқи Худо пошу парешон дигар аст.

Саҷда сад сол агар дар ду Ҳарам бигзорӣ,
Як дуо аз ду кафи модари ларзон дигар аст!

Ишқи он духтари моҳигир аз он гашт масал,
Ки садоқат дигару тахти Сулаймон дигар аст.

Аршу истораву афлоку фазо чизе нест,
Равзаи поки Расул аз ҳамаи он дигар аст!

Гар фалак гардаду лаззат чашӣ аз сад анвоъ,
Назди ҷӯбору дили шоду лаби нон дигар аст.

Хок хок аст, вале кӯҳи баланде бубаро,
Қадри боло дигару рутбаи поён дигар аст.

Саги Каҳфе, ки вафо ҷуст, мукаррам гардид,
Одами золиму он ҷумлаи ҳайвон дигар аст.

Ногаҳ аз Пири Ҳисор омадам ин мазмуне:
«Раҳмати Ҳақ зи ҳама накди фаровон дигар аст!»

* * *

Дар ин манзил касе бе муддао нест,
Худоро ҳам қабули ҳар дуо нест.

Бирав бо ҷамъи ёрони харобот,
Ки бо як даст маҳсули садо нест.

Ҳарамро арзи поси ҷустуҷӯҳост,
Ба чашми хеш бин, он ҷо Худо нест.

Валекин синаи ту як нафас ҳам
Зи манзури Худовандӣ ҷудо нест!

Намедонӣ ту қадри рӯзии хеш,
Агар ки мутмаъин астӣ, гадо нест.

Ба ҳар бозор агар девона дидӣ,
Дили ӯ бар Худояш бенидо нест.

Гаҳ аз қаҳри Худо қаҳтӣ сар ояд,
Гуноҳ аз мост, ганҷи вай адо нест.

Машав бе фикри ғавғои қиёмат,
Хабар чун ҳаст, он бе ибтидо нест!

Бигӯяд Пири мо: «Сад ҳайфи он кас,
Шабе бедору дар ёди Худо нест!»

* * *

Дар қазои Ҳақ ҳама тақдир ҳаст,[20]
Шодиву бедодиву таҳқир ҳаст.

Бе дуо дар монӣ дар пойи алиф,
Бо дуо дарди туро тадбир ҳаст.

Дарси Қуръонӣ агарчи доимост,
Макрҳо, фаҳҳошиҳо, тазвир ҳаст.

Ҳеҷ кас осуда дар дунё назист,
Шоҳро ҳам заҳмате даргир ҳаст.

Лек дар ҳар аср аз аҳли ҷунун,
Нолаҳои хастаи занҷир ҳаст.

Ҷилва қавме дорад андар ин ҷаҳон,
Дар дили он эҳтироми пир ҳаст.

То туро дар об тасвират кашад,
Дар вуҷуди модари ту шир ҳаст.

Гар шикастӣ, рехтӣ, дар тавба бош,
Дар сиҳатободи Ҳақ таъмир ҳаст.

Гуфт: «Зикр аз шавқ гӯ, – Пири Ҳисор,
Водии ишқ он гаҳат тасхир ҳаст!»

---

[20] Байти аввал аз бародарам Исмоил Шеров гирифта шудааст (Муаллиф)

* * *

Қафас танг омад имшаб, ин дили бечора маҳзун гашт,
Ба худ печиду нолид он қадар, к-аз ранг гулгун гашт.

Ду чашм аз ҳасрати дидор ашке рехт пайдарҳам,
Ки то як ламъа дидоре бубинад косаи хун гашт.

Наоромад касе чун ваъдаи дидор бар вай дод,
Магар беҳуда гӯйӣ Қайс дар ин дашт Маҷнун гашт?!

Касе роҳи халосӣ кофт аз анвоъи маккорӣ,
Ба Иблис охир ӯ ҳамроз, сар дар пойи афсун гашт.

Магӯ дар тоати Зоти Худо камтоатӣ кардам,
Ба меҳри андаке дидам, ки кас аз қаҳр берун гашт.

Ба як по масҷид ойӣ, бо дигар сӯи зинокорӣ,
Чаро гӯйӣ мусулмонам, ки зотат сахт малъун гашт?!

Саҳархезӣ дили беморро доруи масрурист,
Аз ин одат басо халқе масал дар зери гардун гашт.

Чунинам гуфт андар хилвате Пири Ҳисори ман:
«Саҳарнолии ман бишниду ёрам сахт мафтун гашт!»

* * *

Кулфати ин ҷаҳон зи бехабарист,
Заҳри узлатнишаста дарбадарист.

Навҷавонони саркаши ин шаҳр
Ҳосили давраҳои початарист.

Шукри нони Ватан ибодати туст,
Носипосӣ касе кунад, сақарист!

Он ки берун шавад зи мазҳаби хеш,
Андарунаш дақиқ деву парист.

Сифлаи халқ гаштани фарзанд,
Ба Худо, айби сустии падарист!

Зинда мекард мурдаро Исо,
Феъли авлоди хар ҳанӯз харист.

Устухонмайда дар даҳони саг аст,
Кори вай ҳав-ҳаву на сабзачарист.

Хушк ояд нафас ба кишвари дил,
Баъд аз ин бастаи мизоҷтарист.

«Нукта бас кун!– бигуфт Пири Ҳисор;
Зиндагӣ сабргоҳи хушку тарист!»

* * *

Нафас чун рафт, гӯё хатми як бикшода авроқ аст,
Ҷавобаш дар қиёмат назди он пурсандаи тоқ аст.

Қабули тоати худро мапурс, онро Худо донад,
Нигоҳи ӯ фақат сӯи дили бемору муштоқ аст.

Агарчӣ аспу уштур хидмати Пайғамбарон карданд,
Хари Исо ҳам, охир, бингарӣ машҳури офоқ аст.

Касе донам, ба як оҳаш Худо сад парда бикшодаш,
На ҳар кас аз азал чун зода шуд, Яъқубу Исҳоқ аст!

Ҳарими Ҳазрати Ҳақ дар ҷаҳон як нуктае дорад,
Ки исмаш дар ду олам дар забони халқ ахлоқ аст.

Машав ғамгин, аё марде, ки дунёро намебинӣ,
Басо чашмони зебо дидаам, к-он кӯру носоқ аст.

Чӣ дорӣ ранҷи навмедӣ? Маро Пири Ҳисорам гуфт:
«Туро раҳмат кунад рӯзе, ки Ӯ Раҳмону Халлоқ аст!»

* * *

Нола гар зоғ мекунад, аҷаб аст,
Чунки дар боби дил шикасталаб аст.

Маскани дарду оҳу нолаи дил,
Маҳфили булбулони ботараб аст.

Тавба гар мекунӣ, ба ноз махоб,
Ки қабули дуову тавба шаб аст.

Одам ин ҷо шудан ба муддатҳост,
Тӯли ҳайвон шудан ду-се ваҷаб аст.

Ҳар куҷо гавҳарест аз одам,
Хидмати модарони боадаб аст.

Ҳосили зулми мард бар зани хеш,
Ҳайф, сад ҳайф, духтари ҷалаб аст!

Пайрави урфу машраби худ бош,
Тоҷикистони мо на дар Ҳалаб аст!

– Зиндагӣ чист? – гуфт Пири Ҳисор,
Илму одобу заҳмату талаб аст!»

* * *

Ҳар чи бар мо бигзарад, аз теғи ишқи ёри мост,
Сурхии рӯи уфуқ аз гиряи хунбори мост.

Ганҷи дунё дода мардумро, ба ҳар як гӯшае,
Ҳасрати он ёри танҳо колаи бозори мост.

Нолаи моро чӣ донӣ дар дили пинҳони мо,
Ин карии Иблис аз тасбеҳу истиғфори мост.

Амри маъруфе агар гӯям, ки ногаҳ бишнавад,
Сахт ғамгин гардад он булбул, ки дар гулзори мост.

Қудсиён рашк оваранд аз шеъри ноби содиқон,
Чунки шеъри содиқон аз ҷониби Ҷаббори мост.

Гар набошад ӯ куҷо ҳам сатраке пеш оварӣ?
Ҳоруту Морут гирифторони ин афкори мост.

Маст аз рӯзи аластам кард овози Худо,
Дидани дидори некаш то қиёмат кори мост.

Хостам Пири Ҳисорӣ гӯядам асрори дӯст,
Гуфт: «Хомуш, ин сухан доим пайи озори мост!»

* * *

Эй ҷони ман, чӣ донӣ, анису ҳузур чист?!
Маънои шаҳду талхии наздику дур чист?!

Зебо сухан кунӣ ту ба рӯи ҷаноза, лек
Эй воиз, огаҳӣ магар, аҳволи гӯр чист?!

Мӯсо зи ҳарфи Зоти Худо масти хеш буд,
Ғофил аз он фасона, ки дар ҷони Тур чист?!

Қуръон аз он азизи халоиқ шавад, ки гуфт,
Тавроту ҳукми Инҷилу лаҳни Забур чист?!

Торикиҳои зулмату ваҳмаш балои туст,
То он дақиқае, ки надонӣ ту, нур чист?!

Рухсораҳои сурх ту бинӣ ба рӯи нон,
Аммо надонӣ, оташи дарди танӯр чист?!

Модар ба рӯи даст бирав Каъба давр зан,
Донад Худо савоби варо дар шумур чист?!

Ҳукми падар барои ту гардид фарзи айн,
Баъд аз вафот мармари рӯи қубур чист?!

Айни ҷавоният баадаб бошу марди нек,
Маънии тавбаҳо, чу шавӣ по ба гӯр, чист?!

Ҳар як нафас, ки мекашӣ, андеша боядат,
Аз насли Одам астиву ҳусни шуур чист?!

* * *

Ба ҳоли майзада бингар шароб мегиряд?!
Диле, ки лахт шавад, чашм об мегиряд.

Бубин, ки оташи манқал, ки рақсҳо дорад,
Варо чӣ ғам, ки ба зулмаш кабоб мегиряд?!

Вуҷуди мо, ки зи файзи дами Худо боқист,
Агар ки рафт зи мо ин ниқоб, мегиряд.

Дар остонаи майхона бонг зад соқӣ,
«Дареғи ман, ки ба ҷоям шароб мегиряд!»

Ба дарди ишқ на ҳар кас таҳаммуле дорад,
Ки дар таҳаммули он изтироб мегиряд.

Зи пушти шуҳрати дунё давон азизи диле,
Ки охир омада пешам гулоб мегиряд.

Рафиқи мактабиям гар равад аз ин дунё,
Ба шоми тираи ман Моҳтоб мегиряд!

Нидои Пири Ҳисор омад аз хизонаи ғайб:
«Ба марги шоири ман Офтоб мегиряд!»

* * *

Боди сабо зи Арш маро дар бадан расид,
Навбат, пасон, ба булбули соҳибсухан расид.

Шодона мевазид, ки ман маст гаштаам,
Он гаҳ шукуфтане ба хаёли чаман расид.

Саҳрову боғу дашту даман ранги нав гирифт,
Навбат, сипас, ба қар-қари зоғу заған расид.

Ҳайронам аз касе, ки шавад ҷо ба ҷо касал,
Ҳамсояаш агар ки ба нони даҳан расид.

Хоби ту мисли кӯдаку аммо ту дидаӣ,
Ирфону ишқ то ба Хитову Хутан расид?!

Марде саҳар, ки аҳли рибо, дарди халқ буд,
Бар хонааш ба халтаи хуноби тан расид.

Гирям ба рӯҳи Фотима назди падар равад,
Пурсад: «Чаро қазо ба Ҳусайну Ҳасан расид?!»

Пири Ҳисор гуфт, ки: «Андак қафо нишин,
Аз гиряҳои Фотима тире ба ман расид!»

* * *

Бош хомӯш, ки хунинҷигарон меоянд,[21]
Сӯи масҷид ҳама аз бонги Азон меоянд.

Ҳарчӣ пурсӣ ҳама аз ҳаҷру ҷудоӣ ноланд,
Боз пурсӣ агарам, дил ба фиғон меоянд.

Ба ҳаво шаҳтуи[22] Фарруху сипоҳи малакут,
Баҳри такбири ман аз пушти ҷаҳон меоянд.

Зиндагӣ сайр ба сӯи лаҳади танге ҳаст,
Андарунаш ба алам пиру ҷавон меоянд.

Мо, ки аз ҷониби он омадаем, боз равем,
Бар лаҳад не, ҳама бар дидани он меоянд.

Чун бувад амри Худо: «– инно илайҳи роҷиъун!»
Пас, ҳама рақскунон, хандакунон меоянд.

Фарри Фаррухии ӯ кош диҳад Зоти Худо,
Аз ақибаш ҳама оҳиста равон, меоянд...

---

[21] Дар сӯгвории ҳамсинфи азизам Фаррухҷон Файзуллоев (Муаллиф)
[22] Тобут

* * *

Ҳаст хоке, к-он ҳанӯзам моли Қорун мехӯрад,
Пашшае мағзи сари Намруди малъун мехӯрад.

Бас ғарибӣ ҷангали Ҳиндӣ ту, хӯр чизе расид,
Пеши по онро занӣ, тифлони маймун мехӯрад.

Чун туро илм аз шиновар нест, по аз об каш,
Аҳли нодонро наҳанги оби Ҷайҳун мехӯрад.

Луқмаи нони зиёдатро напарто рӯи роҳ,
Хонаи ҳамсоя бар, бо шукри афзун мехӯрад.

Ҷони одам аз Худову ҳар кӣ одам мекушад,
Аз қазо рӯзе ба сар тири фалохун мехӯрад.

Ҳайрате дорам, ки марде нола медуздад ҳаром,
Бо зану фарзанди худ он ноларо чун мехӯрад?!

Шоире девони ӯ бе ишқу ирфон аст агар,
Аз куҷо хонандаи он шаҳди мазмун мехӯрад?!

Рӯй агар аз нафси тан берун кашӣ, ошиқ шавӣ,
Дидаи Маҷнун ҳавои дашту ҳомун мехӯрад?!

«Ин ҳамон ишқ аст, аз он, – мегуфтам он Пири Ҳисор,
То қиёмат ин дили мо косаи хун мехӯрад!»

* * *

Ҷилваи хуррамӣ аз боғу гулистон ояд,
Бингар, он ҷо ҳама маъшуқаву мастон ояд.

Гул, ки аз нутфаи зебоии дар хок ниҳон,
Пок аз хок чу Хуршеди Хуросон ояд.

Дили ошуфтаи мо дар ғами ин халқи Худост,
Эй мабодо, ки бало бар сари инсон ояд?!

Ин шиор аст дар он даргаҳи поки ҷабарут:
«Дӯст ҳангоми саҳар пушти дари он ояд!»

Файз меборад аз афлоку мақоми малакут,
Бар ҳамон кулба, к-аз он ояти Қуръон ояд.

Чун саодат ба сари марди дутогаштаву пир,
Ба дуо ҳикмати Ҳақ баҳри ҷавонон ояд.

Сидқ агар пеша кунӣ даст ба сӯяш бардор,
Ба туву хидмати ту тахти Сулаймон ояд.

Хайру файзу баракат –гуфт ба ман Пири Ҳисор,
Аз сари хоки гиромии бузургон ояд.

* * *

Ин ҷаҳон бар ману ту бори гарон мемонад,
Гар бувад луқма ба мурғи дагарон мемонад.

Дидани шаъ-шаъаи рӯи Худо ин ҷо нест,
Дар қиёмат ҳама ин ваъда аён мемонад.

Бахшад осоиш агар санги сиёҳи гӯрат,
Мастиҳое ба ман аз ҷоми муғон мемонад.

Нола аз рӯзӣ чи созӣ ту, ки он кори Худост,
Мӯр дар кӯча куҷо гушнаи нон мемонад?!

Ҷашни зоҳид агар аз ояти Қуръон бошад,
Оқибат дар дами оташ нигарон мемонад.

Мардуме ҳаст, ки гӯяд зи аҳодиси Расул,
Ки Бухорӣ шунавад, бас нигарон мемонад.

Бар сари қабри падар ҳар кӣ дуо мехонад,
Вай азизи дили як нисфи ҷаҳон мемонад.

«Қисса ин ҷо чӣ бувад? – хостам аз Пири Ҳисор,
Гуфт: «Ин сирри Илоҳист, ниҳон мемонад?!»

* * *

Ошиқ аз ҳасрату аз ҳаҷру фиғон месӯзад,
Мурғи бисмилшуда аз рафтани ҷон месӯзад.

Ту ба ҳаҷ аз чи равӣ ҳамсафари рӯсияҳон,
Тоати ту ба бари Каъба аз он месӯзад.

Падари хеш маранҷонӣ, ки дар охири кор,
Писарат хонаи ту гашта калон месӯзад.

Ҳар касе ояти Қуръон бифурӯшад ба риё,
Дар бағал мусҳафи худро ба зиён месӯзад.

Агар аз моли ятимон бихӯрӣ донеро,
Ризқу рӯзии ту чун барги хазон месӯзад.

Захма бар нохуни шер аз чи занӣ, эй нодон,
Бизанад наъра агар, нисфи ҷаҳон месӯзад.

Ба бузургони Худо хӯрда магир, эй бодак,
Ки туро ҷисму тану неши забон месӯзад!

Шамъро чун ҳаваси ҳалқаи маъшуқон аст,
Бингар аз суҳбати соҳибназарон месӯзад.

Гуфтам: «Аз сирри муҳаббат ту бигӯ, Пири Ҳисор!»
Гуфт: «Хомӯш, ки ин кавну макон месӯзад!»

* * *

Одаме ҳаст, ки чашми нигарон мемирад,
Одаме дар ғами бахти дигарон мемирад.

Одаме ҳаст, ки озод равад назди Худо,
Одаме ҳаст, ки бо ҷурми гарон мемирад.

Одаме рӯи раҳ аз ишқи Худо ҷон бидиҳад,
Одаме садрнишин мисли харон мемирад.

Одаме, к-он ба рибову ба риё зист агар,
Оқибат мисли саг аз чашм ниҳон мемирад.

Одаме хуни каси бегунаҳе рехт агар,
Хуни ӯ аз даҳанаш фавҷзанон мемирад.

Одаме як сари мӯ модар аз ӯ розӣ нест,
Ба Худо, додзанон чун ҳаявон мемирад.

Одаме бар зани ҳамсоя назар кард ба шавқ,
Зани ӯ фоҳиша гардад, худ аз он мемирад.

Ҳарки дар сина агар кинаи мардум дорад,
Захмҳо дар бадан, аз бӯи даҳон мемирад.

Дидам он сӯфии бечора, ки танҳо мезист,
Рӯ ба меҳроби Худо саҷдакунон мемирад.

Тарсам аз марг чун афзуд, маро Пири Ҳисор
Гуфт ӯ: Ёри Худо рақскунон мемирад!

* * *

Ҳар кӣ аз ғуссаи дунё нигаҳи тар дорад,
Қадри бисёр дар он Арши мунаввар дорад.

Тоати хеш магӯ: «Маззаи он шӯр шуда!»
Лаззати тоати Ҳақ лаззати шаккар дорад.

Пушти марде, ки надорад алави ишқи Худо,
Нутфааш одамӣ, аммо ба амал хар дорад.

Эй бирав, хоки қадамгоҳи қаландар мебӯс,
Ки ҳамон хоки сияҳ ганҷи Сикандар дорад.

Мӯр аз донакашӣ, раҳрави ранҷ асту азоб,
Расад он рӯз, ки аз лутфи Худо пар дорад.

Ҳаҷҷи ҳоҷӣ на қабул аст, зи гил парҳезад,
Лек аз гул ҳама ҷо ҷома муаттар дорад!

Дари раҳмат шавадаш боз касе к-аз сари шаб,
Так-таки он дари маҳбуб муқаррар дорад.

Ҳикмати Пири Ҳисор аст бар он кас равшан,
К-андаруни дили худ ишқи Паямбар дорад!

* * *

Роҳи саҳрое, ки дидӣ, пои Маҷнун меравад,
Аз нишони нақши пояш чашмаи хун меравад.

Нолаи занҷири пояш зам-заме дорад, к-аз он
Рақсҳо андар ҳавояш дашту ҳомун меравад.

Дар салоҳи кори худ, эй мард, бисмиллоҳ гуй,
Варна фарзандат зи роҳи рост берун меравад.

Боз ҳам шукр аз касофатмардуме, ки пир гашт,
Сӯи масҷид бо асо бар тавба акнун меравад.

Шарҳи оёти Худо гар мекунӣ, ҳушёр шав,
Чунки дар ҳар ояташ пӯшида мазмун меравад.

Файзи ҳар ду олам ин ҷо аз адаб аҷри шумост,
Беадаб қурбонии санги фалохун меравад.

Аз хитоби Мункару тарси Накир осудааст
Он, ки аз хуни ҳақиқат куртагулгун меравад.

Кас надонад ҳарчи ӯ дарёфт аз сӯи Худост,
Завҷаи ҳирсу ғуломи нафси Қорун меравад.

Ҳайрате дорам аз он марде, ки мехонад намоз,
Боз аз пушти рибои мардумон чун меравад?!

Қарзхоҳи хешро дидан биёрад ҳайзи мард,
Зинда дар асл асту ҷонаш лек берун меравад.

Ин ғазалгуфтори ганҷе ҳаст аз Пири Ҳисор,
К-ин муридаш бар зиёрат кардан афзун меравад

* * *

Ин чӣ хунест, ки аз дида чакидан дорад?
Ё ҳама хуни маро завқи макидан дорад?

Ҳама ин гар бувад аз баҳри ҷамоли ҷабарут,
Ҷони ман хуш, ки агар шавқи паридан дорад!

Хок бодо ба сари қавми худобехабаре,
Рамае ҳаст, ки дар дашт чаридан дорад.

На ҳама халқ заминро ба чарогоҳ кашид,
Халқи доно таги ин хок хазидан дорад.

Ҳама дар боғи биҳиштанду ба ҳурон моил,
Эй Худо, сӯи ту ин банда давидан дорад!

Сад биҳиштам бидиҳӣ, дар дилам ин асту халос,
Ки фақат ҳусни туро хоҳиши дидан дорад.

* * *

Худо ба хотири як мӯр як ҷаҳон шиканад,
Маҳе барои ҳабибаш дар осмон шиканад.

Ҳазор мадрасаи ишқ бигзарӣ, ҳуш дор,
Ки қарс-қарс туро ногаҳ устухон шиканад.

Ба нолаи саҳарии гадои гушнаи роҳ,
Магар надидаӣ, тоҷи сари каён шиканад?!

Агар ба тавба расӣ як нафас ба нолаи дил,
Ҳазор гардани шайтони кордон шиканад.

Тани ту ҷоми шарифест бо назокатҳо,
Макун зи дурдаи Ҳақ соф, ногаҳон шиканад.

Ба кори Ҳазрати Ҷаббор қаҳру ноз макун,
Гаҳе миёни хами пиру гаҳ ҷавон шиканад.

Ба нолае, ки шаб аз сина мекашад ҳар кас,
Худо мабод, ки ин Арши осмон шиканад!

Дило, надонӣ агар, ҷазбаҳои Пири Ҳисор,
Биё, биё барамат, шавқу ормон шиканад!

* * *

Хаёли ман ба гузаргоҳи дӯст роҳате дорад,
Зи ҳафт чархи фалак бигзарад, саёҳате дорад.

Даме, ки боди сабо мевазад ба даври димоғам,
Дилам даруни қафас бингарӣ, малоҳате дорад.

Нигар, дигар ҳама дард асту иштиёқу фиғон, оҳ,
Нигар, ки ҳар нафаси ман чи бас қиёмате дорад.

Қиёми беадабон гар бубинӣ, тез гузар кун,
Ки Кибриёи муҳаббат ҳазор офате дорад!

Ба пеши пой нигар, то накушӣ хастаҷонваре,
Ки оҳи кӯдаки вай теғи тезу зарбате дорад.

Ҷаҳон чу хонаи занбӯри навбаҳор бувад,
Гаҳе ба неш диҳад ранҷу гоҳ шарбате дорад.

Ба афту рӯи қаландар нигоҳи паст маяндоз,
Ки ҳар қаландари роҳи Худо кароматe дорад.

Ба дида хоки раҳи равзаи Муҳаммад мол,
Ба рӯзгори қиёмат туро шафоате дорад!

* * *

Эй Хоҷа, бигӯ, ки лаби гуфтор намонад.
Ин суҳбати ширину шакарбор намонад.

Ёру нигаҳу зулфу қаду ҳусни дилоро,
Медор ғанимат, ки ба як бор намонад.

Бархезу бирав масҷиду бо тавба биомез,
Рӯзе расад ин қуввату рафтор намонад.

Бо бори асо то бирасӣ бар сафи мардум,
Субҳи ту қазо, тавбаву изҳор намонад.

Дар дафтари аъмоли ту, эй зоҳиди нодон,
Ҷуз меҳру садоқат фашу дастор намонад.

Бо санги тарозу машикан ҷоми ибодат,
К-аз қаҳри Худо файз ба бозор намонад.

Дар нақшаи дунё ҳама нақш аст, валекин,
Ҳар нақш адо гардаду осор намонад.

Ин чист, ки пире ба лаҳад ояду тифле,
Сайре кунад ин ҷову дигар бор наояд?!

Як некии ту аҷри ду олам ба бар орад,
Пас, аҳли зарар орӣ аз озор намонад.

Зулм аз чи кунӣ касб, ки дар олами фонӣ,
Охир, ба ҷуз аз Холиқи Ҷаббор намонад?!

* * *

Эй булбули ман, туро чаман мебояд,
Минқори туро барги суман мебояд.

Гар шоҳ шавӣ ба Муштарӣ, эй одам,
Дар хоки Замин туро Ватан мебояд.

Бар кӯдаку мусафеди по бар лаби гӯр,
Лутфу караму шаҳди сухан мебояд

Мазҳаб мафурӯш, гӯяд Иблиси лаъин:
– Доираву каҳдуди шаман мебояд!

Куфр аз сари худ бибар, ки дар қисмати ту,
Гӯреву ҷанозаву кафан мебояд.

Медон, ба ту гар ҳавои Маҷнун ҳавас аст,
Завлонаву он дашту даман мебояд.

То ҳашт биҳишту ин ҷаҳон хуш ёбӣ,
Эй мард, туро ҳузури зан мебояд.

Эй кош, муҳаббати Муҳаммад ёбӣ,
Як дарси Увайс аз Қаран мебояд!

* * *

Рушди ободӣ зи файзи марди шабхезе бувад,
Гардани боло ғизои ханҷари тезе бувад.

Качкулоҳон аз чи меафтанд андар зери хок?
– Аспи онҳоро раме аз дарди маҳмезе бувад!

Зоҳидо, аз таънаи марди қаландар даст каш,
Шояд оҳи синаи ӯ оташангезе бувад.

Ҳусни рӯи духтари тоҷик аз шарму ҳаёст,
Варна миллат мурдаи сели балохезе бувад.

Марду занро кӯдаке Мавлои Румӣ мешавад,
Ҳар дуро дар дил агар аз фаҳш парҳезе бувад.

Эй ҷавон, аз ҳар нафас пурсидане дар пеш ҳаст,
Аз пайи ҳар навбаҳор оҳи хазонрезе бувад.

По агар дар хок мемонӣ тафаккур беш кун,
Гарди он шояд зи хоки шоҳи Парвезе бувад.

Ғарқи мағрурӣ машав, эй шоири ҳардамхаёл,
Шояд андар ҳар қадам як Шамси Табрезе бувад.

* * *

Андар ниҳоди мо ҳама ғамҳо ниҳодаанд,
Дарҳои ҳаҷру оҳи фаровон кушодаанд.

Ин ҷо, ки истгоҳи муваққат ба одамист,
Халқе ба фикри оқибати худ фитодаанд.

Рӯзи аласт қиссаи моро намуда сабт,
Муҳри Худо ба ҳар вароқи он ниҳодаанд.

Берун куҷо равад зи раҳи хеш мӯри ланг,
Ин мардумон ба кори Худо лангу содаанд!

Одам халифа аст дар ин дашту буми даҳр,
Аммо чу гӯспанд чаро пода-подаанд?!

Дар хона зулми кӯдаку зан аз чи мекунӣ,
Охир, туро на баҳри чунин кор зодаанд!

Дидам ҳазор шери нари хонагӣ, вале
Дар кӯча мисли рӯбаҳу чун шери модаанд.

Ин ҷо саворае агар, аз раҳ бурун марав,
Шоҳу гадо ба ҷодаи маҳшар пиёдаанд.

Чун бигзарӣ зи пеши мазорам дуо бигӯ,
Оё туро иҷозати мурдан надодаанд?!

* * *

Ба сад рӯзи ғами одам ду-се ҳангоми шод омад,
Яке дар шаҳр хурсанду дигарҳо номурод омад.

Сари хоки баланде чун қадам бигзоштам ногаҳ,
Ба гӯшам нолаи маҳзуни шоҳи Кайқубод омад.

Ба рӯи сабзае боре нишастам, то даме гирам,
Маро мижгони он гулдухтарони мурда ёд омад.

Заминро дар назар дидам, ки чун тобути гардон аст,
Аҷаб дарде маро дар ҷону дар мағзи ниҳод омад.

– Худоё, – гуфтам, – ин манзил, ки аз гил додаӣ моро,
Ба ҳар ҷое, ки по мондам, фиғону оҳу дод омад?!

Ба гӯшам ногаҳон як ҳотифе ин гуфт: «Медонӣ,
Чаро Одам бар ин паҳнои хоки нокушод омад?

Биҳишту завҷаи покаш ҳама имкони роҳат буд,
Вале рӯзе варо фикре ба ногаҳ пеши ёд омад:

– Ки то Одам набинад ҳаҷри он ёри мувофиқро,
Набошад одамӣ Одам, агарчи некзод омад!

Бибояд рафт он манзил, ки морону магас бошад,
На ин манзил, ки бе ранҷу фиғону оҳу дод омад!

Агар бо завҷааш ҷурме намуд, охир зи қаҳри Ҳақ
Расид ин ҷо, ки баҳраш тоату фарзи зиёд омад.

Ба ҳиҷрон сӯхтан, ишқи Худоро ёфтан аз нав,
Ба заҳмат шукрҳо кардан варо майлу мурод омад.

Туро ин шаклу тарзи зиндагӣ мероси бобоист,
Бикун шукронаи рӯзат, чӣ ғамноку чӣ шод омад!

* * *

Кай дар бари ин олам як зода ду бор ояд,
Зойидани ту модар такрор ба бор ояд?!

Ҳушёр шав, эй ғофил, бархост чу Азроил,
Тираш наравад беҷо, вақте ба шикор ояд.

Гулзор биёяд нав бо булбули зор, аммо,
Умри ту шавад кӯтаҳ, вақте ки баҳор ояд.

Ҳоло ки ҷавон астӣ, бар тоату меҳнат кӯш,
Пириву дуои ту шояд ки ба кор ояд.

Бо ҳасрати ганҷ ангушт аз ҳалқи сурохӣ гир,
Шояд, ки аз он ваҳшат бо каллаи мор ояд.

Бо меваи ширинаш талх аст ҳақиқатҳо,
Кам дидаам осиро худ бар сари дор ояд.

Аз марди қади кӯча ҳар зан, ки бигирад бор,
Он тифл, Худо донад, бар халқ чи кор ояд?!

Мазмуни ҳаёти мо ду нуктаву ин бошад:
«Имрӯз ба бор ояд, фардо ба мазор ояд!»

* * *

Хезед, ба рақс оед, маҳбубаи дур омад,
Бо боди сабо ҳоло он ламъаи нур омад!

Ҳар барглаби сунбул худ гашта забонбулбул,
Боғу чаману ҳар гул бо ғул-ғулу сур омад.

Ҳам саъбаву ҳам шоҳин, ҳам қумриву ҳам лочин,
Якҷоя басо ширин бо нағмаву шӯр омад.

Аз ҷангалу аз саҳро махлуқи Худо якҷо,
Бо мастиву ҳою ҳӯ бо ҳам шуда ҷӯр омад.

Соқӣ ҳамаи бода бар халқи маҳал дода,
Худ масту дарафтода, бо шавқу ҳузур омад.

Анқову самандарҳо, сӯфиву қаландарҳо,
Абру маҳу ахтарҳо дар ҳоли сурур омад.

Борони ҳидоят шуд, дарёи саодат шуд,
Гуё, ки қиёмат шуд, сур аз ҳама гӯр омад.

Бо Пири Ҳисори мо рақсед ба дасту по,
Он нур ба чашми мо ҳарчанд ба зӯр омад!

* * *

Шаб, ки шуд аз корвон сози ҷарас бардоштанд,
Раҳзанон аз ин тағофул бори кас бардоштанд.

Ҳикмату илми Бухоро Аврупоро ишрат аст,
Омаданд аз ин асалҳо чун магас бардоштанд.

То ту мегӯӣ, ки: «Барқ аз ақли фарзандони мост!»
Карда кӯри роҳ морову сипас бардоштанд.

Ҳамчу пири беасо раҳ меравем имрӯз мо,
Ҷони мо махфӣ, магар, аз мо нафас бардоштанд?!

Бас аҷаб дуздида илми мову дар гӯши ҷаҳон,
Халқи моро нокасу худро чу кас бардоштанд.

Мо ба хобу зарра-зарра илми мо омӯхта,
Хешро то бар Сурайё аз наҷас бардоштанд.

То ба кай мастӣ зи фахри кори бобо мекунӣ?
Шаъни бобои туро аз пешу пас бардоштанд!

Дар куҷо дидӣ, ки булбул нола карду мардуме,
Раҳм карда бар ваю аз вай қафас бардоштанд?!

Нангу номуси Ватан дар сина имони кас аст,
Марг беҳ ин ганҷро вақте зи кас бардоштанд!

Фахри мо зери Ливои Тоҷикистон зистан,
Чунки онро тоҷикон бо сад ҳавас бардоштанд!

* * *

Дилам сайри фалак хоҳад, зи поям хок медорад,
Ки гӯяд, ханҷаре дорам, туро ҳам чок медорад.

Фалак хуни туро то қатраҳои охирин резад,
Чи кардастӣ, ки нокомат ба ашки ток медорад?!

Ба ришу саллаву тасбеҳ ин ҷо ку саодатҳо,
Аё зоҳид, ки ин манзил диле бебок медорад.

Ту ҳар ҷо дар баландӣ мекашӣ худро, аё зоҳид,
Худам дидам, дар он боло туро тарёк медорад.

Ту ҳар ҷо шод мегардиву сайри осмон хоҳӣ,
Нигар он тозадилҳо пуштаи ғамнок медорад.

Намедонӣ саодатманд марде рафт бар меъроҷ,
Вале он турбати поки варо ин хок медорад?!

Заминӣ шав, ба хок олуда гард, он гоҳ хоҳӣ дид,
Туро ин хок, охир, то дили афлок медорад!

* * *

Садои мо, ки дарунист, аз само бошад,
Агар, ки наъра кашидем, мастиҳо бошад.

В-агар ба ҳирқаи мо чангу хок дидӣ, гӯй,
Ба кӯчагард, ки «Девонаи Худо» бошад!

Надидаам ба Ҳарам суфраи Худо, оё
Даруни даргаҳи он ҷаннати Худо бошад?!

Дилам ба дард тапиду бигуфт, эй ҳоҷӣ,
Қароргоҳи Худо дар ниҳоди мо бошад!

Даруни ин ҳарам аз ёри худ чӣ мебинӣ,
Ки меҳмон шудани ту, ҳамин ато бошад!

Бирав ба ҳалқаи соқиву май бинӯшу бубин,
Ки шамъи он зи Худованди ту зиё бошад.

Ҳамон, ки шамъ дар он ҷо ба гиря сӯхт, бирехт,
Бибӯс доғи сиёҳаш, ки ҳаҷҷи мо бошад!»

* * *

Агар аз дасту пои ту диле ғамнок мегардад,
Сарат гардида-гардида ба зери хок мегардад.

Замин то Арш меларзад, малоик дар ғазаб ояд,
Зи раъди осмонӣ осмонҳо чок мегардад.

Магӯ ашки ятимон аст мисли ҷӯйи Белайдӯз,
Бубин, тӯфони Нӯҳ аз гиря даҳшатнок мегардад.

Ҷаҳон нобуд аз ин олудагиҳо мешавад, аммо
Дуои пири мо ҳаст ин, ки олам пок мегардад.

Мадеҳ аз луқмаи duздӣ ба он тифлони маъсумат,
Ки фардо ҳар яки он дуздаки бебок мегардад.

Ту беруну занат беруну тифлонат сари кӯча,
Чаро пурсӣ, ки аҳли байти ту шаккок мегардад?!

Агар дар сина тухми бад ниҳонӣ кишта, медон,
Яқин рӯзе насибат қисмати Заҳҳок мегардад.

Тамоми коинот атрофи як маъшуқа гардон аст,
Вале маъшуқа дар гирди сари табнок мегардад.

Ҳазорон дурри макнун аст андар каъри дарёҳо,
Зи бемағзӣ вале дар сатҳи он хошок мегардад.

Мазори Ҳазрати Хомӯш хомӯшӣ надорад ҳеч,
Зи хокаш наъраи мастона то афлок мегардад!

* * *

Ҳар куҷо, ки нӯш дидӣ, дар муқаддам неш буд,
Ҳар куҷо, ки ханда дидӣ, синаҳои реш буд.

Минбаре, ки воиз он ҷо гӯяд аз «Хайру-л-башар»,
Як замоне муртади бадфеълу кофаркеш буд.

Сабзазороне, ки мебинӣ замоне оби он,
Хуни бе ғайри Ҳақи садҳо ҳазорон меш буд.

Чун пилишки[23] сӯзан анвори Худо равшан шавад,
Чабҳа бо Иблису ёрони ҳақиқат беш буд.

Бо Муҳаммад хасми беандоза андар Каъба шуд,
Гарчи қавми Каъба ӯро зодагони хеш буд.

Чун Мадина омад, он ҷо бӯса бар пояш заданд,
Уштураш ҳар ҷо, ки по бардошт, ҷӯйе беш буд.

Ӯ паямбар буду паҳлуи қабули нусраташ,
Ҳар саҳар сидқу дуову нолаи дарвеш буд.

[23] Сурохии сӯзан.

* * *

Чаманро маъмани гул офариданд,
Вале гул баҳри булбул офариданд.

Барои зиннати сарви гулистон
Ҳазорон барги сунбул офариданд.

Алӣ то гардад аз шерони даргоҳ,
Ба зери пош Дулдул офариданд.

Туро то нолаи най форам ояд,
Садои бод ғул-ғул офариданд.

Барои санҷиши фарзанди Одам,
Тасалсул бар тағофул офариданд.

Ҷамоли зан, ки мардум мефиребад,
Ба Қуръон сатри кокул офариданд.

Ҷавононро ба замми ҳусни зебо,
Басо сабру таҳаммул офариданд.

Адаб ҷузвест аз маҷмӯъи имон
Варо тоҷи сари кул(л) офариданд.

Гулӯи шишаро карданд борик,
Ба май оҳанги «қул-қул» офариданд.

Мусулмонзода то гардад мукаммал,
Ба аъмолаш таваккул офариданд.

Макони шеъру фарҳангу адабро,
Ҳисору Тӯсу Кобул офариданд!

* * *

Як назар созад валӣ гар, ҳар ду олам тай шавад,[24]
Дар ҳузураш бо дуо рав, то дуо аз вай шавад!

Оби ангур аз ду-се оташ намеҷӯшад агар,
Дар куҷо дидӣ, ки андар дасти соқӣ май шавад?!

То насӯзад аз фироқи ёри танҳо солике,
Дар дусад сол ӯ азизи зоти якто кай шавад?!

Пок месӯзӣ дарунатро ба ғайр аз ранги пӯст,
Ҷисми холигаштаат он гаҳ мисоли най шавад.

Най шавад, сӯрох гардад, бингарӣ ҷисми латиф,
Баъд аз он дар ҳамди он Халлоқи кулли шай шавад.

Дар баҳоре, ки ғанимат ҳаст, рав, бо гул нишин,
Гул бирезад оқибат, сармову фасли дай шавад!

Соқии майхона чун бар ҳар касе соғар диҳад,
Олами мо пур зи мастӣ, фитнаву ғай-ғай шавад.

Шеъри пок аз синаи ориф агар ояд бурун,
То қиёмат мардум онро дар суроғу пай шавад.

Чун дари шаҳри Бухороро бубанданд аз улум,
Маркази он дар Ҳисори Шодмон чун Рай шавад.

---

[24] Байти аввали ин ғазал аз бузургвор Акои Шодимуроди азиз аст (Муаллиф)

* * *

Эй дил, аз чӣ метарсӣ, ёри ту Худо бошад,
Ризқи дигарон бо худ, ризқи ту ҷудо бошад!

Нақши қисмати ҳар кас ӯ кашад ба наққошӣ,
З-ин сабаб яке шоҳу в-он дигар гадо бошад.

Он яке пайи Мӯсо, он яке пайи Исо,
Он яке дигар бинӣ, масти Мустафо бошад.

Бас агар ту огоҳӣ, чун ризои Ҳақ хоҳӣ,
Ҳақ зи ту бувад розӣ, модарат ризо бошад.

Тавба марги офатҳост, эй ки дар гунаҳ ғарқӣ,
Гар зи тавба бигрезӣ, қоматат дуто бошад.

Душманат бимирад ҳам, дар дуои хайраш бош,
Чунки марги мову ту андаке қафо бошад.

Ақли худ ба кор андоз, ин ҷаҳон гузаргоҳ аст,
Аз чӣ ин ғалат гӯӣ: «Марг интиҳо бошад?!»

Нақди ин ҳаёти мо ғайри хоксорӣ нест,
Нуктаи ҳаёт ин ҷо санги гӯри мо бошад.

Он тараф, ки бигзаштӣ, мезанад малак бӯса,
Дасти ту агар поку боз дар сахо бошад.

Ин ғазал, ки мо гуфтем – баҳри як дуо гуфтем,
Ҳар касе дуо гӯяд, зинда доимо бошад!

* * *

Ба поси шабнишиниҳо диле бедор мебояд,
Қаландарпешагӣ хоҳӣ, туро бозор мебояд.

Агар хоҳӣ, ки васфатро кунад субҳи сафо булбул,
Зи по то горданат чун гул азоби хор мебояд.

Дилат гар орзуи рифъати ҳар ду ҷаҳон дорад,
Чу Мансур, эй азизи ман, сарат бар дор мебояд!

Кифофи маъзарат хоҳӣ аз он бори гуноҳи хеш,
Ба зорӣ тавбаҳо назди Худо бисёр мебояд.

Туро, то кӯдакат ёбад камоли ҳусни одамро,
Насиҳатгӯии такрор бар такрор мебояд.

Бувад шавқат, ки донӣ чист мазмуни саломатҳо?
Аёдат карданат як лаҳза бар бемор мебояд.

Барои саркашии донае то луқмаат гардад,
Дуо сӯи Худое, ки бувад ғамхор, мебояд.

Агар дар ҳалқаи аҳли муҳаббат ҷой мехоҳӣ,
Кашидан сина рӯи хоку захми хор мебояд.

Ҳисоби ҳар нафас бо тоату некӣ баробар соз,
Ҳисоботи нафас додан туро ночор мебояд.

Малоик то ба рақс оянд аз шеъри ту, эй шоир,
Сари ҳар нукта исми Ҳазрати Ҷаббор мебояд!

* * *

Эй духтари тоҷик, ба Худо шарми ман ояд,[25]
Чун аз ту равад нури ҳаё, шарми ман ояд.

Бар мардаки бегона шавӣ завҷаву ҳамсар,
Аз худ бибарӣ ҳусни сафо, шарми ман ояд.

Вақте ки биракcӣ ту ба шайхони биёбон,
Бо зеби миёну сару по, шарми ман ояд.

Бинам агарат бо тани зебову бараҳна,
Дар саҳнагаҳи майкадаҳо, шарми ман ояд.

Он гаҳ, ки равӣ фоҳишасон кишвари мардум,
Аз таънаи ин арзу само шарми ман ояд.

Гӯянд, ки Сино бувад аз Модари тоҷик,
Билло, ки зи «Қонуни шифо» шарми ман ояд.

Тарсам, ки шабе Рӯдакӣ ояд сари хобам,
Пурсад агар аз кори шумо, шарми ман ояд.

Ҳар ҷо сухани талхи шуморо, ки шунидам,
Гуфтам, ки: «Аё марг, биё, шарми ман ояд!»

Номуси худ аз даст мадеҳ, духтари тоҷик,
Билло ба Худо, пеши Худо шарми ман ояд!!!

---

[25] Ин ғазал бо хоҳиши бачаҳои Белайдӯз ва майли худам дар як нафас навишта шуд (Муаллиф).

* * *

Ашки шаб дар киштаи ҷон файзи борон медиҳад,
Зоти Ҳақ паймона бар шабзиндадорон медиҳад.

Савти булбулро шукӯҳи тоза субҳи солеҳон,
Гулшани бишкуфта дар фасли баҳорон медиҳад.

Уқдаи дилро кушояд суҳбати ёрони Ҳақ,
Пирии моро ҷавонӣ ишқи ёрон медиҳад.

Аз дуои модару панди падар Халлоқи Пок,
Бар ҷавонон тахту бахти шаҳсаворон медиҳад.

Тавбаҳову гиря бояд дар Ҳарам, зеро Худо
Оби чашматро сафои обшорон медиҳад.

Чашми бадро қозии рӯзи азал, эй бехабар,
Дар лаҳад чун косаи оше ба морон медиҳад!

Гардиши ҳаждаҳ ҳазору анд оламро фалак
Дар қиболи нолаи тоатгузорон медиҳад.

Ҳар нафас умре кашӣ, Азроилаш дорад ҳисоб,
Чун ҳисоб ояд баробар, одамӣ ҷон медиҳад.

Асли кори мо дуои нек бо ҳам кардан аст,
Фазли дигар боз ҳам оёти Қуръон медиҳад.

Дар таваккул бошу тан дар пояи тақдир неҳ,
Гарчи дандоне надорӣ, Розиқат нон медиҳад.

Зодаи инсон азоби ноилоҷӣ мекашад,
Охир ӯро Холиқаш ҳам ину ҳам он медиҳад.

* * *

Шаҳидони Ҷанги Ватан зиндаанд[26],
Ба мисли туву мову ман зиндаанд.

Чу гулҳо ба ҳусну ба бӯву ба ишқ,
Ба ҳарҷо, ки рӯяд чаман, зиндаанд.

Магӯ хомушонанд дар зери хок,
Ҳама мисли ҷони сухан зиндаанд.

Дарахтанду мову ту шохему барг,
Ба ҷисму ба ҷону ба тан зиндаанд.

Бубин рӯҳи эшон чу мурғи сафед
Дар афлоку дашту даман зиндаанд.

Биафтад агар тухми гулҳо ба хок,
Зи нав чун гули ёсуман зиндаанд.

Магӯ ҳеҷ хоканд дур аз Ватан,
Ҳама дар вуҷуди Ватан зиндаанд!

[26] Ин ғазал ба ёди шаҳидон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки ифтихори ҷовидонии Тоҷикистони азизанд, суруда шудааст.

* * *

Ҳайфи касе, ки луқмаи нопок мехӯрад,
Нони даҳони кӯдаки ғамнок мехӯрад.

Заҳри даҳон шавад зи даҳонаш ба мағзи ҷон,
Оне, ки пора-пора дили чок мехӯрад.

Ҳар кӣ ба ноҳақӣ бикашад теғ бар саре,
Барқи аҷал зи пардаи афлок мехӯрад.

Ангури дона-дона, ки фарзанди ток ҳаст,
Хун мехӯрад ҳар он, ки майи ток мехӯрад.

Мумсик ба гушнагӣ биниҳад кӯдаку занаш,
Нонаш, ки мурд, мардуми бебок мехӯрад.

Устод аз ту ранҷад агар, оҳи сарди ӯ,
Ақлат дарун-дарун ҳама идрок мехӯрад.

Он модаре ба аҳли ҷаҳон Бӯалӣ диҳад,
Нони ҳалоли шавҳари худ пок мехӯрад.

Ишқи гули заминӣ агар поку беғаш аст,
Шаҳде шавад, ки марди тарабнок мехӯрад.

Як бӯсаат дареғ мадорам, ки оқибат,
Ҳар ду лаби ақиқи туро хок мехӯрад!

* * *

Чӣ суд аз қомате, раъно набошад,
Сухан пуч аст агар, маъно набошад.

Яқин беҳудапарвоз аст анқо,
Гар онро лонаву маъво набошад.

Худобишнохтан маънӣ надорад,
Ба Зоти Вай агар тақво набошад.

Зи модар духтари зебо бирӯяд,
Агар аз тухмааш расво набошад.

Макун андешаи рӯзии фардо,
Худованди ту бепарво набошад.

Халос ин рӯзгор аз бешу кам нест,
Ҳаёт орому бедаъво набошад.

Чӣ созӣ қасри аъло бо забарҷад,
Ба дарвешон дари он во набошад?!

Мазори аҳли муъминрост ҳурмат,
Шараф дорад, ки зери по набошад.

Дуои мӯсафедон аст, варна
На фардову на ин ҳоло набошад.

Ба ҳар ҷо донаи гандум бирӯяд,
Вале корандааш ҳар ҷо набошад.

Чаро, эй дӯст, аз ёрон гурезӣ,
Ба ҷуз аз гӯр кас танҳо набошад!

* * *

Дил агар моил нагардад, сина кай бирён шавад,
Дард гирад устухону дида кай гирён шавад?!

Ҷони мо ангуштари дасти парӣ гардидааст,
Мо асирафтодаему ҳарчи хоҳад, он шавад.

Ишқи пок аз осмон тахти Сулаймон оварад,
Духтари сайёди моҳӣ гар даме нолон шавад.

Бо бузургон эҳтиром овардан асли ҳикмат аст,
Ҳар кӣ ин ҳикмат надонад, пайрави шайтон шавад.

Гар набошад покии модар, куҷо фарзанди он
Ё муфассир, ё мураттаб қории Қуръон шавад?!

Хоки моро нафхаи Парвардигор Одам намуд,
Бас аҷаб дорам аз он одам, ки чун ҳайвон шавад.

Қатраи ашки ятим арзонтар аз ҷӯбор нест,
Тарси Нӯҳ ояд агар, ин қатра чун тӯфон шавад.

Файзи раҳмат гарчи меборад, вале, оваҳ дареғ,
Он яке босарвату дигар гадои нон шавад?!

Заҳмати бисёр мебояд ба ҳар як ҷамъият,
То дар он тифле бисабзад, оқибат инсон шавад!

* * *

Нигори ман ба ду ҳарфе асар ба ҷонам кард,
Дурӯза бурд биҳишту бурун аз онам кард.

Ғараз шикори мани сайди тозадил будааст,
Асири доми худ охир барои донам кард.

Халили Озар аз он қиссааш мубораки мост,
Маро ҳам оташи дил доду имтиҳонам кард.

Зи файзи нағмасаройӣ намурд мурғи чаман,
Хамӯш то, ки намирам, намозхонам кард.

Гаҳе ба ҳотифи ғайбе навохт хотири ман,
Гаҳе чу бисмили парканда нимаҷонам кард.

Гаҳе ба сардии ҳаҷру фироқ пирам сохт,
Гаҳе ба ваъдаи дидор навҷавонам кард.

Хумори дидани дидор дар дилам андохт,
Кашон-кашон зи қафои қаландаронам кард.

Ҳар ончи талхӣ аз ӯ дидаам, шароби ман аст,
Чи талхиест, ки бо он шакардаҳонам кард.

Ғубори хоки ман овард аз Сари Хосор,
Азизи мардуми ин марзи Шодмонам кард.

* * *

Дар он ҷамоа, ки сидқу вафо асар накунад,
Худой, мурғи дилеро шикастапар накунад!

Надидаам, ки баҳорон гуле намехандад,
Гаҳе, ки булбули бечора нола сар накунад.

Намедиҳанд ба лӯлии шаҳр як лаби нон,
Басо, ки хирасарӣ аз қафои дар накунад.

Фикандатуъмаи шерон хӯрад шағол, вале
Бувад, ки раҳм ба як баччашери нар накунад.

Баландболии анқо нишони ҳиммати ӯст,
Назар ба ҷуссаи гунҷишки мушти пар накунад.

Мабод як сари мӯ модар аз ту рӯ тобад,
Ба рӯи Моҳ равӣ, кори ту самар накунад.

Муроқибат ба ибодат намо, ки Азроил,
Туро зи омади ногоҳи худ хабар накунад.

Агар ба нағмаи Намруд болу пар назанӣ,
Магас ба мағзи сарат ҳеҷ гаҳ гузар накунад.

Насиҳате падарам карда буд маро, ки бидон,
Дуо қабул нагардад касе саҳар накунад!

* * *

Ҳар гул азизи боғу гулистон намешавад,
Ҳар дида зеби чеҳраи хандон намешавад.

Ҳар мард агарчи даст ба шамшери адл бурд,
Шери Худову Рустами дастон намешавад.

Ҳар шаҳр шаҳри Маккаву мулки Ҳисор нест,
Ҳар остони қудс Хуросон намешавад.

Булбул агарчи нола кунад аз самими дил,
Як гарди пои ҳофизи Қуръон намешавад.

Эй ҳиндувони нағмасаро аз камоли ишқ,
Ҳар кас ба ришу салла мусалмон намешавад.

Оре, гил аз ҳарорати дил санг агар бубаст,
Ҳар санги роҳ лаъли Бадахшон намешавад.

«Ҳуббу-л-ватан» бигӯву паи кишту кор бош,
Мушкил ба ҳарфи беамал осон намешавад.

Дунё пур аз мамолику шоҳ асту раҳбар аст,
Ҳар як ҷаноб Эмомалӣ Раҳмон намешавад!

* * *

Аз оташи ишқи ёр ҷонат сӯзад,
Аз банд ба банд устухонат сӯзад.

Маҳмил ба нукоти сорбон бояд баст,
К-он моли азизу корвонат сӯзад.

Беҳударавӣ ба ҳарфи устод макун,
Гӯши ту шавад кару забонат сӯзад.

Бо чашми бадӣ ба хонаи кас манигар,
Аз қаҳри Худо мулку маконат сӯзад.

Гар модари худ як сари мӯ ранҷонӣ,
Медон ба яқин ҳарду ҷаҳонат сӯзад.

Аз пеши гадои роҳ бо ноз марав,
Оҳе бикашад, маъдану конат сӯзад.

Кам дидаам осудагии гӯри касон,
Хоби саҳарӣ умри ҷавонат сӯзад.

* * *

Намебинӣ, чаро дар пояи гул хор мепечад?
Аҷал оҳиста бар гирди сари бемор мепечад?

Нигоҳи меҳрбори худ зи ҳирси нафс берун кун,
Ки бо афсуни ширинаш туро чун мор мепечад.

Ба умри навҷавониҳо макун аз хешрафтанҳо,
Сапедиҳо ба мӯҳои ту ҳам ночор мепечад.

Мазан бар лонаи гунҷишки чун мушти паре оташ,
Ки оҳаш гирди қаҳри Холиқи Ҷаббор мепечад!

Агар бигрезӣ аз тасбеҳу аз оҳи саҳаргоҳӣ,
Яқин дар Макка ҳам бошӣ, туро зуннор мепечад.

Бирав азхудгузаштанҳо зи кори анкабут омӯз,
Ки бар ҳифзи нигораш тори ҷон бар ғор мепечад.

Ба исботи муҳаббат ку дигар Мансури Ҳаллоҷе,
Ки ҷисму ҷони ширин бар таноби тор мепечад?!

* * *

Гул дар бари марде, ки бувад пир, назебад,
Даргоҳи сахиро саги хафгир назебад.

Паҳлӯи зани солеҳаи соҳиби фарзанд,
Билло ба Худо, ҳавсалаи пир назебад.

Оқи падару модар агар нохалафе гашт,
То рӯзи ҷазо тавбаву тақсир назебад.

Олуда макун ҷомаи покизаи худро,
Дар покии он софтарин шир назебад.

Ошиқ наиву шеваи Маҷнун агарат нест,
Бар гардану по бастани занҷир назебад.

Чун воизи минбар шавию ҳофизи Қуръон,
Бар ҳарфи Худо ҳиллаву тазвир назебад.

Бо ҳарфи бад озурда макун марди Худоро,
Бар тири дуо ҷавшани тадбир назебад.

Машкан дилу бунёди тан аз вас-васи Иблис,
Бишкаста булӯр аз пайи таъмир назебад.

* * *

То даре бар ту шавад боз, нидо бояд кард,
Раҳи ҳамсояи ноҷӯр ҷудо бояд кард.

То ки дар чоҳи ҷафо дасти вафо дарёбӣ,
Гар ту Юсуф бишавӣ мӯр садо бояд кард.

Чун зи тоат бибарандат ба ҳузури малакут,
Хешро хоки дари ишқи Худо бояд кард.

Гарам он шуд, ки туро тахти шаҳаншаҳ доданд,
Гоҳ-гоҳе назаре сӯи гадо бояд кард.

То нагӯянд туро: «Зоҳиди худхоҳ ин аст!»
Тарки он саллаву он ришу ридо бояд кард.

* * *

Санг аз шӯри шарар лаъли Бадахшон гардад,
Ғами афзуда давои дили бирён гардад.

Шармсор аст Худованд аз он риши сафед,
Ки ба ҳаштод расад аз пайи Шайтон гардад!

Дар даҳон ғайри забонаш сари дандоне нест,
Аз пайи ғайбати мардони худодон гардад.

Зи сару мӯи сафедаш, ки накард андеша,
Чун ба дӯзах бибарандаш ҳама ҳайрон гардад!

Луқмаи пок ба зан додиву худ ҳам хӯрдӣ,
Он гаҳ он гулписарат қории Қуръон гардад!

Духтарам, аз чӣ аз ин кӯча ба ҷавлон гузарӣ,
Бахт ёбӣ ту, вале нархи ту арзон гардад.

Гуфтам: «Иблис чаро сахт маро бад бинӣ?»
Гуфт, рашкаш ба ман ояд, ба ту Раҳмон гардад!

Гуфтам: «Ин бахти ман аз накди адабгоҳи ман аст,
Банда аз беадабӣ мисли ту Шайтон гардад!»

Гуфт бо ханда маро Пири Ҳисор: «Эй нодон,
Дидаастӣ ту шаманро, ки мусалмон гардад?»

* * *

Ё Раб, аҳволи маро хайри дигар мебояд,
Дар дили сӯхтаам тоза шарар мебояд.

Аз кафи хок маро то ба Сурайё чӣ барӣ,
Ки маро ханҷари мижгони назар мебояд!

Қатли ом аз ту намехост, агар Нӯҳи Набӣ
Дарк мекард варо марги писар мебояд.

Гар туро қанду асал фораду фарзанди салим,
Дасту домони Худо, оҳи саҳар мебояд.

Машикан шохаи нашкуфтаи боғи мардум,
Ба хаёлат, ки фақат бар ту самар мебояд?!

Нақша ин аст, ки то по ба Ҳарам бигзорӣ,
Заҳмати қофилаву кисаи зар мебояд.

Ба сар аммома мапӯш, ояти Қуръон мафурӯш,
Ки туро бӯву тааффуни сақар мебояд.

Каш-кашонему равонему хатарҳо дар пеш,
Раҳмат аз Холиқи ин Шамсу Қамар мебояд.

«То ба раҳмат бирасӣ, – гуфт маро Пири Ҳисор,
Аз дили соф дуое зи падар мебояд!»

* * *

То ту дар дунё, ки ҳастӣ, бори ҷон бояд кашид,
Сина-сина дарди ёри меҳрубон бояд кашид.

Арш дур асту биёбонҳост то даври Ҳарам,
Аз алам дар ҳар қадам садҳо фиғон бояд кашид.

Нест оромӣ даруни гӯр, эй ҳардамхаёл,
Нақшаи оромиатро рӯи он бояд кашид.

Зиндагонӣ оқибат садҳо миёнро бишканад,
Бо камоли саҷда ин дарди миён бояд кашид.

Қандаке гар духтари дунё ба дастат медиҳад,
То ту онро мехӯрӣ, садҳо зиён бояд кашид.

Тифлаки худро на бо дуздии ҳалво парварӣ,
Заҳмати бисёр дар покии нон бояд кашид.

Бехабар Иблиси малъун дарси махшумат диҳад,
Назди Ҳақ рӯзе азоби имтиҳон бояд кашид.

Гар дили осуда мехоҳӣ, аё Пири Ҳисор,
Бори тавба аз Замин то Осмон бояд кашид!

* * *

Дили моро машикан, заҳри ҷафо мегузарад,
Бавафо бош, ки ҳам шаҳди вафо мегузарад.

Гузарад неку бадӣ, лек магӯ: «Рафт, ки рафт!»
Ҳама аз сӯзани таҳқиқи Худо мегузарад.

Акси овози бади ту ба ҷавобат ояд,
Аз ду гӯши ту чу як тири бало мегузарад.

Дасти бикшодаи ҷӯгӣ ба дили во пур кун,
Ки дуои вай аз ин ҳафт само мегузарад.

Ҳаваси шоҳиву авранг набояд хӯрдан,
Аз сари ҳар кӣ Худо хост, Ҳумо мегузарад.

Пушти тооти падар такя набояд кардан,
Ҳар кас аз дағ-дағаи гӯр ҷудо мегузарад.

Қадри ҳастии туро кухнарафиқе донад,
Ки зи гӯри ту ба ду дасти дуо мегузарад.

Амри се рӯза ҷаҳон ин бувад, эй Пири Ҳисор,
К-ин ҳама мову шумо пешу қафо мегузарад!

* * *

Ба ҳар ҷое сурохӣ ҳаст, он ҷо мор меояд,
Ҳаромимурдагонро пашшаи бисёр меояд.

На ҳар кас донад асрори Худо, то халқро гӯяд,
Куҷо дидӣ, ки Мансуре ба зери дор меояд?!

Ба Қорун додани ҳатто закот аст он қадар мушкил,
Бузеаш гар бимирад, марги ӯ сад бор меояд.

Агар талбандаро дар кӯча сагҳо ав-ав андозанд,
Илоҷаш нест то вақте сари бозор меояд.

Бирав, бо дӯстони ҳамзамонат бош, Азроил
На танҳо дидани бечораи бемор меояд.

Туро то одам аз нав боз аз хоки сияҳ созанд,
Фалак дар гардиши худ сад ҳазорон бор меояд.

Ғанимат як дам аст, эй дӯст, бо ман бошу бар ман бин,
Куҷо донӣ, ки фардо вохурӣ такрор меояд?!

Ту дар ёди ҳама халқӣ, аё Пири Ҳисори ман,
Ки аз хоки ту ҳар сӯ накҳати гулзор меояд!

* * *

Донои ҷаҳон роз ба ҳар банда нагӯяд,
Ҷуз бандаи хокии таги ҷанда нагӯяд.

Бар ориф агар медиҳӣ сад бор ҳақорат,
Ҳарфе ба ту бе тавбаву бе ханда нагӯяд.

Ҳоло, ки туӣ хоҷа, макун зулм, ки мазлум,
Дардаш ба ту чун мурғаки парканда нагӯяд.

Ӯрост Худое, ки бар он такя намояд,
Як ҳарф зи розаш ба ту пурсанда нагӯяд.

Бозор пур аз косиби шармандахудояст,
Дӯзах раваду моли худаш ганда нагӯяд.

Модар сари зодан ғами ҷонаш нахӯрад ҳеҷ,
Ҷуз фотиҳа бар тифлаки оянда нагӯяд.

Ҳар зарраи Олам ҳама дар тахти ҳисоб аст,
Он рӯз ҳисоби ту дигар банда нагӯяд.

Аз роғи даре, дидаӣ, ноне надиҳандаш,
Бо гиря агар оҷизи талбанда нагӯяд.

Мо шоҳу вазирему гадоёни Худоем,
Аз хок нахезем, чу гӯянда нагӯяд.

Девона бувад ошиқ, аё Пири Ҳисорӣ,
Аммо сухани ишқ пароканда нагӯяд!

* * *

Дар каромоти Худо роҳи ту осон набувад,
То дуо бар ту аз он силсиламардон набувад.

Кай туро кашф шавад зарраи асрори Худо,
Дар дилат ошиқии ояти Қуръон набувад?

Нолаи нойи гулӯ гар накашӣ чун Довуд,
Писари неки туро тахти Сулаймон набувад.

Нони дуздиву риё хайри қиёмат нашавад,
Ҳукми ин кор дар ин қоида вайрон набувад!

Пок бошӣ агар аз рӯзи висоли ёрат,
Ҳеҷ гаҳ бо ту писар дасту гиребон набувад.

Дили покат ба Худо деҳу бирав роҳат бош,
Ки Худо рӯзи қиёмат зи ту пурсон набувад!

Марав аз худ, сухан огоҳ бигӯ, Пири Ҳисор,
Пушти ин парда туро гардиши осон набувад!

* * *

Тарзи гуфтори маро мазмуни дигар бошаде,
Гардиши хун дар рагам аз хуни дигар бошаде.

Содагӯийи маро осон магир, эй нуктадон,
Зери ҳар як ҳарфи дил гардуни дигар бошаде.

Бас ҳамон байте, ки мепечам ба оёти Худо,
Дар дилу дар ҷони ман афсуни дигар бошаде.

Гарчи асрори сухан гуфтанд бобоёни мо,
Насли навро синаи пурхуни дигар бошаде.

Ҳофизу Бедил набошад охири шеъри дарӣ,
Рӯдакиро баччаҳо бисёру афзун бошаде.

Ҳар як Одам оламе дигар бувад назди Худо,
Одами навро сухан тарзи дигаргун бошаде.

Дар дили бедарди сарде гармии имон наяст,
Гар ба дӯзах ҳам барӣ онро, на маҳзун бошаде!

Дар вуҷуди Ҳақ машав побастаи чуну чаро,
Дар сифоташ гӯ сухан, то халқ мафтун бошаде.

Ҳайрате дорам зи ишқи Ҳазрати Пири Ҳисор,
Синаашро ҳар шабе шакле шабохун бошаде?!

* * *

Синну сол оҳиста моро пой дар гил мекашад,
Ҷисми моро зери хоку сӯи Ҳақ дил мекашад.

Бас аҷоиб оламе будаст манзилгоҳи мо,
То нафас дорӣ, туро манзил ба манзил мекашад.

Ишқи зан, ишқи дару девору фарзандону мол,
Ҳар кӣ бар пушташ кашонад, заҳри қотил мекашад.

Базми дунё чист? – Бо ҳам суҳбате оростан,
То ба рақс ойӣ, аҷал ҳам хатти ботил мекашад.

Сарвати дунё агар хуб аст, аммо хубтар,
Бори пириат агар фарзанди қобил мекашад.

Хуш ҳамон дасте, ки домони Худоро доштаст,
Ҳайфи он ёри Азозил, ки арозил мекашад!

Мо фидои хоки пои он, ки эй Пири Ҳисор,
Дар дили шаб дардҳо чун шамъу қандил мекашад!

* * *

Қиссае донам, ки ҳар кӣ зулми мардум мекунад,
Меҳри модар, меҳри фарзандони худ гум мекунад.

Зулм ҷодуе ниҳон дорад, ки аз таъсири он
Золим аз шаклаш гузашта, мисли хар дум мекунад.

Гарчи одамро Худо аз қаҳри гандум дур кард,
Қадри одамро баланд аз хайри гандум мекунад.

Қатрае, ки гашт гавҳар аз такопӯҳои худ,
Бингар, онро дар дили худ ҷой Қулзум мекунад!

Тавба кун баъди зино, аз ҳамсари худ дур бош,
Он зани бечора аз фисқи ту каждум мекунад.

Зоҳиде нодон, агар пурсӣ варо аз мазҳабаш,
Душмани дин дода унвонат, талотум мекунад.

Саллаашро банд карда, рӯзи ҷумъа каш-кашон
Бе шутур ҳам ӯ танатро лахтаи сум мекунад.

Бахти доно он бувад, к-ӯ дар ҳузури соқиаш,
Маст гардида дилаш қурбонии хум мекунад!

Ин ғазал гуфтам, бубинам, Ҳазрати Пири Ҳисор,
Сӯи ман гаҳ хандаву гоҳе табассум мекунад.

* * *

Бе сӯзи сина ҳаргиз лаброُ сухан наояд,
Гулғунча гар нахандад булбул чаман наояд.

Зар эҳтироми дунё, маҳмуди сифлагон аст,
Безар ба мурдаи ту зоғу заған наояд.

Муштат чаро бубандӣ, бикшой бар саховат,
Гар ошиқ астӣ пешат он гулзақан наояд.

Ин зоҳиде, ки зебост аз ришу тоби дастор,
Бе зар ба пора кардан пеши кафан наояд.

Дар чорсӯи дунё бояд хазина кардан,
Варна фарояд Исо, наздики ман наояд.

Саҳро, ки гашт холӣ аз боди навбаҳорӣ,
Дар хоки хушку холӣ сарву суман наояд.

Сӯфӣ, ба роҳи худ рав, доду гирифти ин ҷо
Зикрат намеписандад, ҳам гулбадан наояд.

Пири Ҳисор гӯяд: «Чун рӯҳи тан барояд,
Назди Худои Олам бе пераҳан наояд!»

* * *

Ҳар кӣ аз мо гузарад, боз дигар бор ояд,
Мо, ки худ нуқтаи сидқем чу паргор ояд.

Лаззати талхии май ҳусни саодат дорад,
Он, ки донист, ба ин майкада ночор ояд.

Ризқ дар дасти Худованди Карим аст, вале
Шаҳнаву дузду гадо бар сари бозор ояд.

Рамзҳоест, ки тадқиқи назар мехоҳад,
Гар тафаҳҳум ба ту аз Ҳазрати Ҷаббор ояд.

Эй сияҳхона, чаро хайру худоӣ дорӣ?
Хонаи ту фақат аз мардуми беор ояд!

Ақли ҳар сар зи куҷо сирри «Аналҳақ» донад?
Ку саре бо лаби хандон ба таги дор ояд?!

Шермарданд дар ин ҷангали пурпечи ҳаёт,
Тарс дар синаи онҳо на зи ҳар хор ояд.

Нози моро кӣ тавонад кашад аз ғайри Худо?
Раҳматаш то, ки нафас мекашӣ, бисёр ояд.

«Чӣ саодат, ки касе, – гуфт маро Пири Ҳисор,
– Ба чунин ишқи ҷигархор гирифтор ояд!»

* * *

Кам одам дидам, озоре надорад,
Дар охир гиряи зоре надорад.

Писаргумкардаро ҳарфи тасалло,
Дареғо, ҳеҷ осоре надорад.

Варо Парвардигор осуда дорад,
Вагарна ҷон диҳад, коре надорад.

Куҷо файз асту икром асту неъмат,
Ҳамон шаҳре, ки бозоре надорад.

Намебинад фурӯғи Кибриёӣ,
Касе, ки ҳоли афгоре надорад.

Ғариб озурдаву аммо сабур аст,
Ки ғайри Зоти Ҳақ ёре надорад.

Қатори мурдаҳо донаш баробар,
Диле бар халқ ғамхоре надорад.

Чаро оне, ки донад мушти хок аст,
Вале парвову афкоре надорад?!

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Мардум
Ба ёди марги худ коре надорад!»

* * *

Макуш як мӯри ланг, к-он Худо болои сар дорад,
Ғуруру поймонии туро ҳам дар назар дорад.

Барои ҳар нафас рӯзи қиёмат беҷавобӣ нест,
Қадам оҳиста мон, олам ҳама хавфу хатар дорад!

Дар он ҷое, ки ҷавлонгоҳи мағрурист, по даркаш,
Ки шамшери бало он ҷо муаллақ тори сар дорад.

Чи ҳайф он одамеро марг аз андешааш дур аст,
Зи пеши қабри мардум бе дуо азми сафар дорад!

Назаргоҳи Худо гарчи баланд аст аз ҳама ҳастӣ,
Вале доим назар бар ҳоли ҳар як муштипар дорад.

Магӯ, ҷӯгӣ чаро бо кӯдакаш дорад гадоиҳо,
Ба асрори Худо мастез, асрораш асар дорад!

Туро фарзеву айне, суннате доданд онро бош,
Ки аз бонги азон бисёр мардум гӯши кар дорад.

Дуо гардад қабули Ҳақ ба соле ё ба як асре,
Қабули он вале аз нолаи вақти саҳар дорад!

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Дар пои қаноат бош,
Муфассирҳои Қуръонро ҳамеша муътабар дорад!»

* * *

Ба ҳайратам, ки маро навбаҳор буд, набуд?
Ҷавониҳову дили беғубор буд, набуд?

Даруни сина пур аз орзуву роҳ дароз,
Шукӯҳу ҳиммату шавқу виқор буд, набуд?

Зи ёди духтараке, к-ӯ ба хок рафт ҷавон,
Ҳанӯз сабз лаби ҷӯбор буд, набуд?

Гаҳе варақ занам осори Саъдиву Бедил,
Ки аз бузургияшон ёдгор буд, набуд?»

Шавад, ки мактабу ҳамсинфҳо ба ёд ояд,
Муҳаббату ҳавас омӯзгор буд, набуд?

Хумори модари ҷонам ҳамешагӣ дорам,
Ба рӯзи марг маро ин хумор буд, набуд.

Гузашт аз сари мо баччагӣ ба Белайдӯз,
Шигифтам, ин, ки чунин рӯзгор буд, набуд.

Замонаҳо гузаранд, ин сухан Худо донад,
Ки шоире ба диёри Ҳисор буд, набуд.

«Ғамат зи дил бибар, эй сода! – гуфт Пири Ҳисор,
Расад замона, ки дунёи тор буд, набуд?!»

* * *

Меравад фаслу гули пажмурда меояд ба ёд,
Хор ҳам дар пои гул афсурда меояд ба ёд.

Корҳо бигзашт, айёми ҷавонӣ доштем,
Карда будам ҳар касе озурда, меояд ба ёд.

Шарм дорам аз гуноҳи кардаи пинҳони хеш,
Ҳолиё он Холиқи пайбурда меояд ба ёд.

Шомҳои пургуноҳӣ, рӯзҳои барҳадар,
Мурда-мурда, мурда-мурда, мурда меояд ба ёд.

Маст мехоҳам шудан, то ҷилваи саҳро кунам,
Аз ҳаё ришу тани афсурда меояд ба ёд.

Гоҳ-гоҳе соқии майхона меҳмонам шавад,
Донаи ангури поафшурда меояд ба ёд.

Маънии дунё туро дар вақти мурдан медиҳанд,
Нони дуздии ба тифлон бурда меояд ба ёд.

Соғари пургашта холӣ мешавад, Пири Ҳисор,
Хоки гӯр он гаҳ туро чун дурда меояд ба ёд.

* * *

Раҳид аз чанги расвой, ки бар ёраш вафо дорад,
Парид аз рӯи дӯзаххо, ки меҳри Мустафо дорад.

Чашид аз ангубини дӯстӣ он марди хомӯше,
Ки рӯи пардаи дил рангҳои босафо дорад.

Пари товус агар аз гулъузорони биҳиштӣ буд,
Нигар ин ҷо зи маймунҳо чи ҷабреву ҷафо дорад!

Сияҳдил то ба рӯз аз шом агар Қуръони Ҳақ хонад,
Чӣ ҳосил халқро ҳарфи ҳақорат аз қафо дорад?!

Агар як ҳалқа дар занҷири Маҷнун баста мегардӣ,
Тамоми умр «ё Раб - ё Раб»!- ат беиктифо дорад.

Матарс аз тезии хори муғелон андар ин водӣ,
Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Мазмуни шифо дорад!»

* * *

Касе завқи ҳавас бар кисаи бегонагон дорад,
Ҳама номусу нанги мардиаш нархи ду нон дорад.

Тавозӯъҳо ба давлатманд аз сустии имон аст,
Ки кӯдак то биёяд, ризқи худ дар синадон дорад.

Ҳазорон ҷонвар дар партави раҳми Худованд аст,
Ба ризқаш мерасад ҳатто магас гар нимаҷон дорад.

Саҳархезиву бар сӯи Худо боре дуо кардан,
Барои худ бидон ин ҷо баҳои як ҷаҳон дорад!

Ту ганҷеро, ки андар махзани Сомониён дидӣ,
Ба ҳар гавҳар нигар, нақше зи дастони каён дорад.

Ҳузури меъда он чизест, к-омад аз гулӯ поён,
Туро он кисаи зар майли ҷайби дигарон дорад.

Ба ориф эҳтиром овардан аз шарти ибодатхост,
Ки ҳар ҷо меравад, ҳарфи Муҳаммад бар забон дорад.

Пас аз ман зарраҳои хоки ман чашме шавад равшан,
Ки шавқи дидани дидори Халлоқи ҷаҳон дорад.

Ба гӯшам ногаҳон Пири Ҳисор ин роз ифшо кард:
«Ту боре хоки ман бингар, чӣ ҳоле дар миён дорад?!»

* * *

Барои қомати хам зӯри мавзунӣ намезебад,[27]
Ҷавонӣ барҳадар додӣ, ҷигархунӣ намезебад.

Ба пирӣ омадӣ ҳоло асо бар даст бар саҳро,
Дар он ҷо бар ту роҳу расми Маҷнунӣ намезебад.

Бирав дар кунҷи масҷид, аз Худо афви гуноҳат ҷӯй,
Ки бар ту дигар он ғавғои берунӣ намезебад.

Ба гирди Каъба мегардӣ, ки бо макре гунаҳ резӣ,
Ҳарамро ҳиллаву ин рақси маймунӣ намезебад!

Ба ҳар манзил давиданҳо, ба ҳар мақсад расиданҳо,
Ба сеҳри соҳиру ҷоду, ба афсунӣ намезебад.

Биё, эй хола, бас акнун кашидан вусма бар абрӯ,
Ки ҳусни рафтаро ҳаргиз дигаргунӣ намезебад!

Агар сад сол рӯи ҷонамозу рӯзадор астӣ,
Ба як ними нафас зинҳор мамнунӣ намезебад.

Ҳар он чи кардаӣ дар коргаҳ, осудатар гап зан,
Ки дар пеши Худо таърифу афсунӣ намезебад.

Ба гӯшам инчунин панде аз он Пири Ҳисор омад:
«Суханороишонро фахру мафтунӣ намезебад!»

[27] Ин ғазал бо хоҳиши писарам Саидфозил эҷод шудааст. (Муаллиф)

* * *

Гирифторони сӯзи ишқ аз бахри чӣ хомӯшанд,
Чаро чун чашмасори маърифат онҳо намеҷӯшанд.

Шутур аз бонгу фарёди ҷарас хуш роҳате дорад,
Вале ин ошиқон дар ошиқӣ чун ҳалқаи гӯшанд?!

Ба оҳанге, ки занҷир оварад аз гардиши Маҷнун,
Ҳама чун ҳайкали сангину чун бемори мадҳушанд?!

Шаҳидони Ватанро мурда пиндорӣ, сафеҳ астӣ,
Худованди таоло гӯяд: «Онҳо зинда, боҳушанд!»

Набинад кас ғарибӣ, аз куҷо қадри Ватан донад?!
Касе ояд ба меҳмонӣ, дару дарвозааш пӯшанд.

Биёбони Ҳарам гарчӣ пур аз хори муғелон аст,
Вале бингар ба мардони Худо, эҳром мепӯшанд.

Ман аз аҳли харобот ин қадар донам, ки онҳоро,
Агар ояд аҷал, хурсанду доим дӯш бар дӯшанд.

«Ба қадри одамӣ бояд расӣ! – Пири Ҳисорӣ гуфт,
Ки дар кори ҷаҳон кӯшанду дар охир кафанпӯшанд!»

* * *

Чӣ бо заҳри забон фахрӣ, ки онро мор ҳам дорад?!
Чӣ менозӣ аз он лабҳо, ки лаъли нор ҳам дорад?!

Саломатро ба сарҷунбонии аҳмақ ҷавоб ояд,
Нигар, ин каллаҷунбонӣ хари бозор ҳам дорад.

Варо модар чу одам бо ҳазорон дард бор овард,
Ба як зоиш, вагарна, модасаг даҳ бор ҳам дорад.

Либоси подшоҳиро нигар бо сӯзан ороянд,
Вагарна неши тез андар биёбон хор ҳам дорад.

Ҷавонӣ пургуноҳиро ба сар дорад, вале оқил
Саҳар сӯи Худо бо зора истиғфор ҳам дорад.

Ба тори анкабут он гаҳ, ки ҷавшан мекунӣ, ҳуш дор,
Ки дар нӯги забонаш заҳри одамхор ҳам дорад.

Каломи сураи Қуръон сафо дорад, даво дорад,
Фурӯшӣ сураашро, пушти нураш нор ҳам дорад!!!

Зи ишқи пок марди Ҳақ ба гирди Арш мегардад,
Вале аз «Лан таронӣ» синаи бемор ҳам дорад.

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Чандин аср хоб астам,
Ки ҳар як зарра хоки ман ду чашми чор ҳам дорад!»

* * *

Баски хомӯшиву хобӣ, лек соат меравад,
Аз ҳисоби хоби ту ганҷи ибодат меравад.

Субҳи содиқ хидмати модар-падар кун, баъд аз он,
Сӯи масҷид рав, ки аз умрат саодат меравад.

Додани оби таҳорат бар падар як лаҳзаест,
Ҳар гуноҳи кардаат маҳви шафоат меравад!

Духтарам, шарми ниҳони хешро покиза дор,
Чунки аз ҳусни ту гармии латофат меравад.

Воҳ, аз он рӯзе, ки хунеро ба ноҳақ рехтӣ,
Хуни он бечора то рӯзи қиёмат меравад!

Резаи нони ҳароме гар ба зулм орӣ ба каф,
Умри фарзанди ту ғарқоби касофат меравад.

Гуфт дар тарбияти мо нуктае Пири Ҳисор:
–«Тавбаи бисёр агар кардӣ ту, офат меравад!»

* * *

Шакармаст аст занбӯре, агар он болу пар дорад,
Бувад хушбахт марде, ёри бонанге ба бар дорад.

Чӣ ҳосил зинда бошад ё бимирад мардаки дайюс,
Ки дорад сурати одам, вале аъмоли хар дорад.

Илоҳӣ, бишканад пешоние, гар саҷдабезор аст,
Бисӯзад хонае, гар соҳибаш дар сина шар дорад!

Чӣ хонӣ ояти Қуръон ба одамзодаи манҳус,
Ки онро қибла Иблис асту имони дигар дорад?!

Маро ҳайфи азим ояд аз он зоҳид, ки дар минбар
Диҳад шарҳи фузун оёту ҳирси симу зар дорад.

Диҳад ганҷи ду оламро Худовандаш, агар шахсе
Дуои неки модар, дидани ҳоли падар дорад.

Ниҳоли хешро дар хоки шӯра аз чӣ биншонӣ,
Ба ҷуз аз меваи талхат куҷо шаҳди самар дорад?!

Саропо зиндагӣ дарс аст, ҳайронам чаро мардум,
Даруни сина бухлу кинаҳо бо ҳамдигар дорад?!

«Чӣ ғамгинӣ? – маро овози он Пири Ҳисор омад,
– Ки бе мову ту мулкашро Худо доим назар дорад!»

* * *

На ҳар як лола андар синааш доғи сияҳ дорад,
Асо дорад ҳамон кӯре, агар ӯ майли раҳ дорад.

Чаро беҳуда ранҷонӣ дили аҳли аёлатро,
Наметарсӣ аз ин корат? – Худо сӯят нигаҳ дорад!

Саропо мешавӣ рӯзе ту муҳтоҷи аёли хеш,
Куҷо донӣ, Худо дар пушти онҳо сад панаҳ дорад?!

Ба зоҳид бингарӣ, гӯйӣ малакро рашк меояд,
Вале авроқи аъмолаш зи сар то по гунаҳ дорад.

Вуҷуди зиндагӣ дард асту афғон асту оҳу ғам,
Расад рӯзе, ки одам латтабанде дар манаҳ дорад.

Агар гандум ба мағзи худ нагирад шира бе борон,
Вале аз реша то гардан барои халқ каҳ дорад.

Чаро бояд кашидан ранҷи навмедӣ зи бенонӣ,
Ки рӯзибахши мо санҷиданатро гоҳ-гаҳ дорад!

«Бигӯ, шукри Худо! – гӯяд маро Пири Ҳисори ман,
Ки аз ношукрияш халқи ҷаҳон ҳоли табаҳ дорад!»

* * *

Аз ин манзил, ки оҳанги ғамангези рубоб ояд,
Манам, бин, сӯхтам, аз синаам бӯи кабоб ояд.

Биё, бикшо дари морову биншин, ҳоли мо бингар,
Ки соқӣ кӯзае дар даст бо нуқлу шароб ояд!

Куҷо донӣ дар ин манзил, ҳама мастанду лояъқил,
Гирифтори умедастанд, шояд Офтоб ояд.

Магар фаҳмӣ ту дар шаҳре, ки мастони Худо ҳастанд,
Даруни синаи дуздони шабгир изтироб ояд?!

Касофатҳо занад бар кишту ранҷу заҳмати деҳқон,
Рибохоре агар он ҷо каме ҳам комёб ояд.

Аз он тифле, ки бо нони ҳаром овардаӣ берун,
Ба хони мардумон рӯзе ба шамшеру ниқоб ояд.

Магӯ ҷӯе, ки аз мо ҳасту бе об асту пур аз гил,
Худоро раҳмате ояд, ки дар он ҷӯй об ояд.

Ба мардони Худо беҳурматӣ кардан ҷазо дорад,
Бирав дар суҳбати эшон туро садҳо савоб ояд!

Фидои гарди роҳи турбати Пири Ҳисор астам,
Ба таскини дили бечораи ман бошитоб ояд!

* * *

Ба гӯшам ин саҳар овози танбӯру дутор омад,
Магар дар кӯча пеши чашми дарвешон нигор омад?!

Давои дарди дил бар ман расид аз ин хурӯш он дам,
Ба чашмам пардаҳо бардоштанд, аҳли кибор омад.

Зи сидқи дил бувад покии ақлу фитрату имон,
Сияҳдилро куҷо дидӣ, дилашро рангубор омад?!

На ҳар як ошиқе дар саҷда то вақти саҳар бошад,
На ҳар сӯфӣ саҳар чун Пирмаҳмад[28] шаҳсавор омад.

Дареғи навҷавонӣ, ҳар куҷо олудагӣ дидам,
Замони тавбаву дасти дуову чашми зор омад!

Надидам Моҳро бе айбу сӯфӣ бегунаҳ имрӯз,
Дар ин дунё бурун аз айб танҳо Кирдгор омад.

Ду-се рӯзе нафас дорӣ магӯ дунё ба дасти туст,
Чи донӣ ногаҳон Азроил аз баҳри шумор омад?!

Дар ин андеша хобам омаду дидам, ки мегӯяд:
«Бихез, эй солики гумкардараҳ, Пири Ҳисор омад!»

---

[28] Сухан дар бораи Пирмуҳаммад алайҳи раҳма меравад, ки дар байни мардум ҳамчун Махсуми Санги Кулӯла машҳур буда, падари бузургвори муҳтарам Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода мебошанд ва пайравонашон эшонро ҳамчун Пири Хатлон мешинохтанд. Бузургвор орифе буданд, ки дар замони мо мезистанд ва ҳоло донистаам, ки ба зинаҳои баланди тариқат расида буданд (балки бештар) ва ба шарафи дидори нурониашон дар бачагӣ бисёр расидаам ва аз он каромотҳо дидаву шунидаам. (Муаллиф)

* * *

Ин чӣ ашкест, ки аз дида чакидан дорад?[29]
Ё ҳама хуни маро завқи макидан дорад?

Чун маро кард Худо лолаи зебои чаман,
Ин чӣ дастест маро хоҳиши чидан дорад?!

Ҳар кӣ бар ҷони мани хаста бадӣ меорад,
Оқибат зулму бадӣ сахт кашидан дорад!

Ту чаро заҳр ба ҷоми дили ман мерезӣ,
Заҳри худро ҳама ночор чашидан дорад.

Аз пас ойиву занӣ ханҷарам аз номардӣ,
Гӯр як рӯз туро низ кашидан дорад.

Макун ангушти шаҳодат ба ҳақорат сӯям,
Сабри мо ҳамчу сари мор газидан дорад.

Ҳосили кину бадӣ чист, ки дар ин дунё,
Дар сари қабри ҳама бод вазидан дорад!

Рӯзи пурсиш ба ҷаҳон – гуфт маро Пири Ҳисор,
Ҳар тани мурда бурун майли хазидан дорад!

[29] Ин ғазал бо хоҳиши писарам Саидфозил эҷод шудааст (Муаллиф).

* * *

Заҳр мебояд хӯрӣ, то он ки он дил дил шавад,
Саҷдаҳо дар хок бояд ламъае ҳосил шавад.

Дар хати роҳи адабгоҳе, ки дорад Кибриё,
Тоати садсола аз як пои каҷ ботил шавад.

Иблис он шумест, медуздад хаёли мустақим,
Сад ҷигар мерезад, охир, як писар комил шавад.

Маҳфиле, гар зери деворе қаландарҳо кунанд,
Ку ҳамон марде, ки он ҷо по ниҳад, қандил шавад?!

Шиҳаи мастона дидам дар саманди марғзор,
То қиёмат нест аспе, сояи Дил-дил[30] шавад.

Зоти Ҳақ бар пашшае ҳам хонаву дар медиҳад,
Ошиқеро ҷони ман қурбон, ки бе манзил шавад!

Бо шаҳидони Ватан бояд, ки ҳампоӣ кунӣ,
Умри мо кӯтоҳу дунё дарсро мушкил шавад.

Хуш, ки моро гуфт: «Биншин дар барам! – Пири Ҳисор,
– Бо дуо ҳар он чӣ хоҳӣ, як замон ҳосил шавад!»

---

[30] Асби Дулдул, хачири савории Алӣ –домоди Ҳазрати Муҳаммад (с) дар назар аст.

* * *

Макун коре, ки охир хандаву зарбулмасал гардад,
Вуҷуди фитрату ақли ту ноҷӯру касал гардад.

Чи заҳматҳо талаб дорад, ки то як пораи лаҳме,
Шавад чун одаму ҳусну ҷамолаш бебадал гардад!

Надонам кӯдаке гар зода шуд бе файзи Бисмиллоҳ,
Ба шуҳрат халқро афсонаву нақлу масал гардад.

Худоро ҳайф меояд агар як олим аз илмаш,
Набахшад халқи оламро, касифу беамал гардад.

Магӯ, мӯре, ки мелангад ба қавми худ муваззаф нест,
Ҳар он кас зода шуд, вобастаи қавму маҳал гардад.

Ба нони резаи рӯи раҳе мастона по магзор,
Ки бе шукрона чашмат кӯру поят шоху шал гардад.

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Бингар пар-пари занбӯр,
Зи сидқи дил агар бошад, ҳама кораш асал гардад!»

* * *

Кист дар дунё касе, ки бад намуду бад надид?!
Лаънати ғамхори уммат – Ҳазрати Аҳмад надид?!

Модари фарзанди худро зулм карду гиря дод,
Оқибат аз гиря чашмонаш, ки мерезад, надид?!

Ку ҳамон шере, ки шериҳо даруни хона кард,
Шери нар дар кӯча онро наъраи мезад, надид?!

Ман надидам соҳиби моле, ки Қорунвор буд,
Сад балои ногаҳон аз зери по хезад, надид?!

Одаме, к-он мисли саг дар кӯча бадрафтор гашт,
Оқилон аз гирду пешаш сахт парҳезад, надид?!

Зӯрманде, ки тамоми шаҳр аз вай мегурехт,
Зоти Ҳақ ӯро дар охир бо балое зад, надид?!

Дар насиҳат гуфт моро Ҳазрати Пири Ҳисор:
«Пири ту саъйе, ки ӯро обу рӯ резад, надид!»

* * *

Кори мо мушкил намегардад, Худо хоҳад агар,
Дона бе ҳосил намегардад, Худо хоҳад агар.

Бингар Анқоро, ки дар сақфи фалак пар мезанад,
Ҳеҷ бе манзил намегардад, Худо хоҳад агар.

Санг ҳам аз оташи дил устувориҳо гирифт,
Аз сари нав гил намегардад, Худо хоҳад агар.

Он, ки оташ мезанад бар хонаи халқи Худо,
Мақсадаш ҳосил намегардад, Худо хоҳад агар.

Тарбият аз батни модар кун, аё фарзандхоҳ,
Кӯдакат ботил намегардад, Худо хоҳад агар.

***

Луқмаатро гар ҳаром орӣ ба фарзандат, магӯ:
«Оқибат золим намегардад, Худо хоҳад агар!»

Шавқ агар дар дил надорад одам аз асрори Ҳақ,
Сӯфиву олим намегардад, Худо хоҳад агар.

Гӯядам: «Дашноми кофарро макун! – Пири Ҳисор,
– Кофар ин муслим намегардад, Худо хоҳад агар!»

* * *

Як рӯзи нек Холиқи Ҷаббору Бениёз,
Хоҳам, диҳад ҷавонии дурам дубора боз.

Модар зи пушти дар диҳад овоз: Сайдалӣ,
Бархез, тезтар, ки қазо мешавад намоз!

В-он гаҳ падар имому кунам иқтидо ба ӯ,
То бо Худои хеш бигӯям ниёзу роз.

Субҳона бо падар кунаму додарони ҷон,
Пас, бингарам ба ойинаи хуҷраи дароз.

Рӯзе, ки гаштам ошиқи он духтари базеб,
Ойина гашт ҳамдами ман - он рафиқи роз.

То мактаб омадан дилам аз сина метапид,
Бо ёди он парӣ, ки нигаҳ мекунад ба ноз.

Дар синфхона дарси муаллим, ки мегузашт,
Ман дар хаёли ӯ будаму сина пургудоз.

Аз шарми наврасии худ аз шиддати ҳаё,
Бигзашт навҷавониву ногуфта монд роз.

Ҳоло замон гузашту ба пирӣ расидаанд
Ҳамсинфҳои тозаҷавону шукуфта боз.

Бо мӯи сап-сафеду дили хаста аз фироқ,
Аз рӯзҳои рафта кашанд оҳи ҷонгудоз.

Шояд ба мисли ман ҳама доранд аз Худо,
Боз он шукуфтагиву ҷавонии худ ниёз?!

Аммо чунин ҳавас ба қиёмат кашиданист,
Он ҷост навҷавониву ишқу суруду соз.

Тарсам, вале зи шарму ҳаёе, ки доштам,
Бинам парии хешу бимонам хамӯш боз?!

* * *

Шабе бо булбуле гаштам ҳамовоз,
Ки гӯям бо Худои хештан роз.

Хамӯш афтоду гуфт: «Эй марди оқил,
Чӣ оҳанг аст аз ин тору аз ин соз?

Тани афсурдаи ту дил надорад,
Вале кардӣ маро дамгиру дамтоз.

Намебинам ба паҳлуи ту гулро,
Ки сӯзад ҷони ширини ту бо ноз?»

Бигуфтам: «Булбуло, ҳаргиз надонӣ,
Чиҳо бигзашт моро дар сароғоз?!

Шунидам чун ду ҳарф аз ёри ғойиб,
Қафас бишкаста дил омад ба парвоз.

Маро аз таънаи «бедил» хуш ояд,
Ки он рафту танам шуд нағмапардоз.

Ту хушбахтӣ, ки рӯи гул бубинӣ,
Бигӯӣ он чи хоҳӣ ҳар саҳар боз.

Вале ман ёри худ инҷо набинам,
Бад- он рӯзе қиёмат гардад оғоз».

Хамӯш истод он гаҳ булбули маст,
Ки бо худ ёфт имшаб ҳамдами роз.

* * *

Накди одам аз ҷаҳони пир имон асту бас,
Ҳарчи тоат мекунам бозам, ки вайрон асту бас.

Хидмати модар кунӣ сад сол бо мижгони худ,
Ғарраи хидмат машав, к-он сахт нуқсон асту бас.

Як шаби гаҳворадорие, ки модар мекунад,
Нархи он болотар аз дунёи гардон асту бас.

Зулми худ бар пашшае гар мекунад марде касиф,
Қаҳри Ҳақ ояд, бубинӣ хонавайрон асту бас.

Водии ишқу муҳаббат шартҳо дорад азим,
Як-ду ошиқ андар ин базми биёбон асту бас.

Он касеро ҷон агар андар димоғаш баста шуд,
Дар халоси он даво оёти Қуръон асту бас.

Аспи хатлиро назебад кунҷаки вайронае,
Ҷилвагоҳаш дар Ҳисору мулки Хатлон асту бас.

Он азизоне, ки меҷуӣ ту дар хоки Яман,
Марқади бисёри он дар Тоҷикистон асту бас.

Зинда монад марди хунолуда дар ҳифзи Ватан,
Мурда мову зинда он ҷисми шаҳидон асту бас.

* * *

Марав, эй гавҳари одам, ба пушти ҳар дари нокас,
Худо қадри туро донад, ҳамин иқболи некат бас!

Ҳаёти одами роҳест он ҷо по, ки бигзорӣ,
Ба мижгонат ғубор ояд, ба чашмонат нишинад хас.

Чамангоҳе ба зери барф дидам, хорҳо боқист,
Ҷавонмарганд, аммо дидам он ҷо бас гули қадрас.

Дилеро аз чи ранҷонӣ, бас он Арши Худо бошад,
Ки моро мебаранд охир аз ин дунё, аз ин маҳбас?!

Насиҳат кард занбӯри асал рӯзе маро: «Эй мард,
Магас рӯи наҷас мирад таги ин гунбади атлас!

Агарчи гул ҷавон мирад, бирав дар сояаш биншин,
Ки нокас андар ин дунё куҷо дидӣ, ки гардад кас?!»

* * *

Лаззати субҳи сафо марди Худо донаду бас,
Он ки аз базми ҷаҳон гашт ҷудо, донаду бас.

Маънии ҳарф надонад сари минбар зоҳид,
Дар сари минбари худ ришу ридо донаду бас.

Бе таҳорат саҳарӣ бар дари бозори Ҳисор
Чи муаммост, ки он марди гадо донаду бас?!

Он, ки марги падари хеш ба болин бинад,
Сӯзиши доду фиғон, зарби садо донаду бас.

Қолабат одаму ин халқ газидан айб аст,
Ки балое занадат Зоти Худо донаду бас!

Он муғаннӣ зи Худо хонду фурӯ рафт ба най,
Мутриб асрори чунин савту садо донаду бас.

Гуфт: «Асрори муҳаббат, – ба ман он Пири Ҳисор,
– Марди саҳроии гардида адо, донаду бас!»

* * *

Зиндагиро гарчи мебояд барӣ бар коми хеш,
Саъйи дигар боядат, боқӣ гузорӣ номи хеш.

Меҳри дунё ҷодуи Кашмир дорад, эй азиз,
Мекушӣ андар вуҷудат одати ороми хеш.

Мо дар ин девонахона дидаем озорҳо,
Хуш, ки нашкастем назди соқии худ ҷоми хеш.

Зоти лаънатгаштае дорӣ даруни синаат,
Бехабар монӣ, туро созад асиру роми хеш.

Ганҷи дунё доштан тафтиши имонат бувад,
Сарбачархон дидаам, афтодаанд аз боми хеш.

Дар латофат кӯдакиро пушти сар андохтӣ,
Гум чаро кардӣ ту нури сурату андоми хеш?!

Ин ҷаҳон як саҳнаи санҷидани мардум будаст,
Ҳар нафас бояд кунӣ андеша аз фарҷоми хеш.

Доми худ бардор, зоҳид, аз сирот-ал-мустақим,
Беадаб гардиву монӣ баста андар доми хеш.

Ҳеҷ медонӣ, Худо Раҳмону аммо гоҳ-гоҳ,
Дар қиёмат сахт мепурсад зи ту аҳкоми хеш?!

* * *

Эй хоҷа, аз чӣ ҷилва намоӣ ту зӯри хеш?
Бо дасти хеш аз чӣ канӣ хоки гӯри хеш?

Болотарини даст агар ҳаст, аз Худост,
Бинои мардумониву маъзури кӯри хеш?!

Худро нигар, нигаҳ накунӣ, бехудо шавӣ,
Биншин ба кунҷи узлату бингар ҳузури хеш!

Бисёр кас ба авҷи ғурур омаданду пас,
Доданд ганҷу давлату шаъну шуури хеш.

Сӯфӣ агар, ки фахр кунад аз ибодаташ,
Донад Худо, варо чи диҳандаш ба гӯри хеш?!

Бар дасти кӯр луқма агар мефитад, нигар,
Ёбад раҳи даҳон ба ҳамон чашми кӯри хеш!

Қудрат бузург дориву умри дароз, лек
Маргат бубин, ки мерасад аз роҳи дури хеш.

Ҳайронаме, чи тавр Худоро шинохтанд,
Марди шаман зи дуду яҳуд аз Забури хеш?!

Ҳастӣ ҳақиқатест, ки махдуди ақли мост,
Тоат намову гирд магардон шуури хеш.

Танҳо ба ишқу маърифат ин ҷо ҳаёт бар,
Он гаҳ муяссар аст бубинӣ зуҳури хеш!

Сидқ ор, то ба синаи ту равшанӣ диҳад,
Аз нури нури нури худ, аз нури нури хеш!

* * *

Бар дари майхона рафтам, то бубинам пири хеш,[31]
Соқие дидам, ки нақлаш дорад аз тадбири хеш.

Гуфтам, ин соқӣ агар гумкарда роҳи хеш ҳаст,
Пас, чи аз пирам бипурсам ҳиллаву тадбири хеш?!

Мо, ки худ бишкастаҷомему чу солик бехабар,
То куҷо бояд кашидан кундаву занҷири хеш?!

Ногаҳ он ҷо Ҳорут омад, аз пояш Морут маст,
Мисли одам карда ҳар ду қомату тасвири хеш.

Пири мо хандиду гуфт:«Эй нуриёни беадаб,
Менабояд кардан ин ҷурму гунаҳ бо пири хеш!

Дар шарофат хоки одам аз малак авлотар аст,
То қиёмат бояд акнун дидани таҳқири хеш!

Дар либоси одамӣ ҷуз одамонро роҳ нест,
Нафсро одам тавонад кард ғафлатгири хеш!

Баъд аз ин дар чоҳи Бобул сар ба зер овардан аст,
Чунки худ бикшодаед он синаро бар тири хеш!»

Чашми пир он гаҳ ба ман афтоду гуфт: «Эй бехабар,
Бас дигар пистони модар, даст каш аз шири хеш!

Ҳамраҳи соқӣ бинӯш акнун шароби талхро,
Баъд аз ин ҳар ҷо бигӯ аз ишқи оламгири хеш!»

---

[31] Байти аввали ин ғазал аз марди зебониҳод, бузургвор акои Шодимурод чун сармашқи кор ва нишони муҳаббат мисли гули сари сабад ёдгорӣ мондааст (Муаллиф).

* * *

Эй ҷони ман, ба дард кашидан сабур бош,
Аз тирагӣ гурезу ба дунболи нур бош!

Нур аз ҳисоби сӯхтан ояд ба ҷони ту,
Мемиру шамъи равшани тангии гӯр бош.

Аз бахти мардумон чи кашӣ дарди бухлро,
Кирми дил аст бухлу аз он дури дур бош.

Равшандил аз ҳақоиқи пири мурод гард,
Золим агар намуд, кару гунгу кӯр бош.

Ҳар кас надонад оини ширинии намак,
Хоҳӣ чашӣ ту қанди сухан, гоҳ шӯр бош.

То он ки кӯдаки ту нагардад ҳарому дузд,
Дар панҷ вақти фотиҳа андар ҳузур бош.

Ин зиндагоният гузарад, лек дар амал,
Бо мард мард бошу ба номард зӯр бош.

Ҳоло магӯ, ки даҳшати тӯфони Нӯҳ рафт,
Доим ба қайди панди Сулаймону мӯр бош.

Зоҳид ба як сухан ҳама тоат ба бод дод,
Ин ҷо рафиқи содаи соҳибшуур бош.

Донӣ дуруст, чист вафодории ҷаҳон,
Як соате ту ҳамраҳи аҳли қубур бош.

Фарзанди одамӣ, ки ҳама ғамгазида аст,
Аммо гаҳе ба қайди тамошову сур бош.

Ё шав ба мисли нони Самарқанд сурхрӯй,
Ё лахчаи сиёҳи даруни танӯр бош!

* * *

Моро ҳикоятест, ки доно надонадаш,
Имлошикастаест, ки хоно нахонадаш.

Назди Худо агар, ки гунаҳ кӯдаке кунад,
Аз боргоҳи хеш ба расво наронадаш.

Омад ғариб агар ба шаб, аз хонаат марон,
Ҳамроҳи хоҷаест, ки танҳо намонадаш.

Ноқус агар зи кунгура афтад ба амри Ҳақ,
Поп аз куҷо ба авҷи калисо расонадаш?!

Қотил агар гурехт зи тарси қасоси хун,
Теғи фалак расад, ки ба ҳарҷо кушонадаш.

Ман дидаам, ки модари фарзандкардагум,
Сӯзи фироқ ҷониби саҳро кашонадаш.

По рӯи қабри мардуми озурдадил манеҳ,
Нурест аз Худо, ки бар онҷо фишонадаш.

Оҳ аз фироқи ёр, ки сад бор дар нафас
Чун ханҷаре ба мағзи дили мо нишонадаш.

Бар коми мо зи шаҳди висол интизорияст,
Рӯзе расад, ки дилбари танҳо чашонадаш.

* * *

Зарби устоди писар дидӣ, гузар, эй дарднок[32],
Мешавад фарзанди ту одам, надорад ҳеҷ бок!

Сояпарвар гар кунӣ фарзанди худро, эй падар,
Бар даҳонат мезанад рӯзе ба мушти сангу хок!

То наафшуранд бо по хӯшаи ангурро,
Кай диҳад мастии мардум кӯдаки хушбӯи ток?!

Боғбонӣ аз Худованд асту аз ту тарбият,
Тарбият гавҳар кашад аз қаъри обу аз мағок.

Хоксорон хешро бо хоки раҳ омехтанд,
Мева ширин мешавад, гар поя дорад зери хок!

Дардро форам надидам ҳамчу рӯи модарам,
То хароботе нарафтам бо ҳавои иштирок.

Гандум аз Одам нишони ҷаннати рӯъё бувад,
Лола гӯяд қиссаҳо  аз модарони синачок.

Одамӣ бори гунаҳ бардорад, эй Пири Ҳисор,
Таънааш монад, агарчи мешавад чун оби пок!

---

[32] Барои писарам Саидфозили ҷон (Муаллиф).

* * *

Чашми качбин оқибат аз хор меёбад халал,
Гул ба боғ аз ҷилваи бисёр меёбад халал.

Гӯши ғайбат баста кун, аз ҳикмату маънӣ шунав,
Гӯш ҳам аз ҳарзаи гуфтор меёбад халал.

Аз тарозу гар занӣ як луқма бо макру ҳиял,
Нони хонат як тараф, бозор меёбад халал.

Дар намоиш аз чӣ ҳуснатро гузорӣ, духтарам,
Қавми мо бас аз чунин рафтор меёбад халал?!

Ҳеч медонӣ зи покӣ зода шуд алломаҳо,
Миллат аз домони тар ночор меёбад халал?!

Иблис андар ақлу эҳсоси халоиқ мезанад,
То, ки ишқи Ҳазрати Ҷаббор меёбад халал.

Аз нами пешониву шарму ҳаё ғофил машав,
Чунки инсон гашта ноҳамвор, меёбад халал.

Бетамизиҳо калиди дӯзах аст, эй ҷони ман,
Шаъни одамзода аз ин кор меёбад халал.

Лаҳни зебое ба гӯшам омад аз Пири Ҳисор:
«Дар сухан ҳушёр шав, изҳор меёбад халал!»

* * *

Сари шӯрида дорам, пой дар гил,
Суботу тоату аъмоли ботил.

Чаман рафтам, ки бо гул роз гӯям,
Вале дар гул надидам оташи дил.

Дар он ҷо булбуле бо таънаам гуфт:
«Чӣ донӣ рози ин гулҳои бедил?!

Набошад ҷои ту ин маъман, эй мард,
Пас аз марг аст мақсуди ту ҳосил!

Тамошоҳо кунад ин гунбади Арш,
Ҳамон сӯфӣ, ки бошад софу қобил.

Агар тоат ба сидқ оганда бошад,
Сазад пешоният монӣ ту дар гил.

Бувад парвонаро шавқи шаҳодат,
Ту бе шавқӣ, чӣ гардӣ гирди қандил?!

Чаман маъво барои булбулон аст,
Туро дар сояи Тӯбост манзил.

Бирав, бо дил сару корат ҳамесоз,
Ҷафо дил, босафо дил, мубтало дил!»

* * *

Саре шӯрида дорам, доғ дар дил,
Ба дардам рашк дорад мурғи бисмил.

Қазо чизе, ки дар тақдират овард,
Зи оҳу нолаи зорат чӣ ҳосил?!

Ман аз ёри азизе дарс дидам,
Ки илмашро Худо мекард нозил.

Падар бошӣ, ту пушти тарбият бош,
Худо ҳатмӣ диҳад фарзанди қобил.

Ҳазорон хуни заҳмат боядат хӯрд,
Ки то тифле шавад барнову комил.

Худовандо, намирон кӯдаки мард,
Ки монад хушку пояш баста дар гил!

Бисӯзад бутта, дардаш худ бидонад,
Кӣ фаҳмад гиряҳои шамъу қандил?!

Нафасҳо ботил асту луқма макрӯҳ,
Чӣ хонӣ сураи «Ҷинн»-у «Музаммил?!»

Бихез аз ҷо, таҳорат кун, чӣ тарсӣ,
Намози Ҳақ надорад ҳеҷ мушкил!

Намедонам, дили моро чӣ ҷодуст,
Диҳад шодем, агарчӣ заҳр қотил?!

Яқин донам, ки ин Пири Ҳисорӣ,
Бинолад то қиёмат: «Эй дил, эй дил!»

* * *

Даруни сина дорам доғ дар дил,
Надорам тоқати саҳрову манзил.

Куҷо дорам дигар сабру таҳаммул,
Муроди ман дар ин ҷо нест ҳосил?!

Қиёмат роҳи пуршебу фароз аст,
Гуноҳам бешумору кор мушкил.

Вале шавқи лиқои ёр дорам,
Бад-ин бетоативу пой дар гил.

Гаҳе дар барги гул бӯят биҷӯям,
Мисоли пар-пари занбӯри қобил.

Маро ёди ту созад зинда аз нав,
Агарчӣ гаштаам чун мурғи бисмил.

Басо ёрони ман завқе надоранд,
Агар аз ишқи ту гӯям ба тафсил.

Бинол, эй булбули Пири Ҳисорӣ,
Ҷаҳон ҷуз ишқи Ҳақ бод асту ботил!

* * *

Боз омадам ба пеши мазори ту, модарам,
Пеши мазори сабзбаҳори ту, модарам.

Ҳар дам ҳавои рӯи ту девонаам кунад,
Бингар, ки мурдаам ба хумори ту, модарам!

Он пиччаи сафеди ту ҳоло чигуна аст,
Дар зери хоки поки мазори ту, модарам?!

Абрӯи кабки маст буд он абрувони ту,
Мирам ба чашмҳои хумори ту, модарам!

Рухсораҳои барфи сафедат намераванд
Аз пеши чашми кӯдаки зори ту, модарам.

Сӣ соли бардавом шуд аз хона рафтаӣ,
Ҷуз гӯри ту куҷост диёри ту, модарам?!

Хоҳам, ки даҳ дақиқа қиёмат шавад ба по,
Бинам қади чу сарви баҳори ту, модарам.

Бар ин қазову ҳукми Илоҳӣ чиҳо кунам,
Ин гуна карда қисмату кори ту, модарам?!

Аввал Худову рӯҳи ту доим мадад кунад,
То зиндааст баччаи хори ту, модарам!

* * *

Чӣ кунам, ки дард дорам, чӣ кунам, ки ғам зудоям,
Ки ба ҳар нафас бисӯзам сари мӯй то ба поям?!

Ба ҳавои дидани ту ҳама ҷо сафар намудам,
Чи басо хароб гаштам, дари дил киро кушоям?!

Ба дусад ҳазор соқӣ ҳавасам ифода кардам,
Ҳама дар тамасхур омад, ки аз ин ҳавас бароям.

Сари раҳ ба ҳирқапӯше чу замири дил кушодам,
«Ман аз ин ҳавас, – бигуфто, – ки қаландару гадоям!»

Шаби ҷумъае ба гӯшам сухане зи ҳотиф омад,
Ки маро аз ин ҳавоҳо ҳама дам расад ҷазоям!

Ту, ки бо манӣ, Худоё, чи кунам туро бубинам,
Ту бидеҳ саодатеро, ки ба дидани ту оям!

* * *

Бубин, ки мастаму чашми хумор меоям,
Бас аз вилояти сабру қарор меоям.

Маро ту тунд магӯ: Роҳи хеш рост бирав!
Ки ман парешаму девонавор меоям.

Ғубори мо ту чи донӣ, ки бар фалак печад?
Пасон, чу қатраи оби баҳор меоям!

Зи мутрибе, ки ба оҳанги роз пеш омад,
Ки сар ба сангзанон пеши ёр меоям.

Саодате, ки маро додаанд аз малакут,
Агар ишора шавад, шаҳсавор меоям.

Муборакам бигӯ, эй хори роҳи бодияҳо,
Ки ман ба бӯи Расул аз Ҳисор меоям!

* * *

Ман аз ин кунҷи хароботи сафое дорам,
Сад ҷафо бинаму сад бор вафое дорам.

Манзили ёр агар дур бувад, корам чӣ?
Дӯст дорам, ки чунин обилапое дорам!

Ёдам он аст, ки мӯре ба Сулаймон шӯрид:
«Магзар аз водии мӯрон, ки Худое дорам!

Ту чӣ донӣ таги ин хок чи тоҷу тахт аст,
Чӣ ҳазорон шаҳу дарвешу гадое дорам?!

Ту магӯ, аз чӣ заифам, тани ман гашта хароб,
Саҳар аз оҳи балохез дуое дорам?!»

То саҳар бин, ки чароғи шаби ман месӯзад,
Пас, ман аз ишқ шабон сайри ҳавое дорам.

Сари ҳиммат ту қадам неҳу дарамро бикушо,
Аз Муҳаммад, бинигар, созу навое дорам.

Соқиё, субҳгаҳон хезу маям рез, ки ман,
Зи намози саҳарӣ тарси қазое дорам.

* * *

Чи занӣ таъна маро масту харобам, эй дӯст,
Ҳама дам лаб ба лаби ҷоми шаробам, эй дӯст!

Ту чи донӣ, ки басо оташи сӯзон дорам,
Ки зи сар то қадамам лахти кабобам, эй дӯст!

Аҷабо, ин ҳама дардест аҷоиб форам,
Гарчи дар сахттарин сӯзу азобам, эй дӯст!

Гаҳ аз ин дард ба рақс ояму чархам, чархам,
Гоҳ роҳат расад аз дарди иқобам, эй дӯст!

Зоҳиде баҳри чи дарсам диҳад аз ҳушёрӣ,
Ман аз он муътакиди ин майи нобам, эй дӯст!

Магӯ аз мастиву ин мӯи сафедам шармест,
Ман ҷавонам, бинигар таҳти ниқобам, эй дӯст!

Гоҳ аз ламъаи нуре шавам аз хеш бурун,
Гоҳи дигар ҳама ҳайрони саробам, эй дӯст!

Ин ҳама мастии ман аз хами абрӯе ҳаст,
Ки ба дидор расад дидаи хобам, эй дӯст!

* * *

Ҳар куҷо ширинкаломеро ба ҷавлон дидаам,
Дар каломаш ҳикмату links мармузи Қуръон дидаам.

Сар ба ҷайб овардаӣ, эй шайх, дил покиза дор,
Он чи дар узлат ту мебинӣ, ман осон дидаам.

Завқи сайри нуҳ сипеҳр аз синаат покиза кун,
Ман, ки ҳар чи дидаам, асрори пинҳон дидаам.

Саҷдаеро кардан аз маъзурии дил, эй азиз,
Лаззате ширинтар аз парвози Кайҳон дидаам.

Оре, оре дар ҷавонӣ завқҳо дар сина буд,
Як замон дар Моҳ ман ҳам нақши инсон дидаам.

Ин ҳама даври фалак, ҳусни ҷаҳон аз баҳри чист?
– Ҳикмате дорад, ки аз Халлоқи Раҳмон дидаам.

Ҳоҷиё, оё зи даври Каъба чизе дидаӣ?
Фитрате дорад, ки дар қалби мусалмон дидаам.

Ин қадар гӯям, ки ҳар чи хостам аз диданӣ,
Равшан аз ойина андар мағзи Қуръон дидаам!

* * *

Эй мурғи саҳар, аз ту саҳархезтар астам,
Пеш аз ту ба даргоҳи Худо пушти дар астам!

Гулро ба дами хоб бубинӣ ту, чи ҳосил?
Ман дар пайи дидори гулам, дарбадар астам.

То қул-қули май ояду гӯшам бинавозад,
Дар пушти дари коргаҳи шишагар астам.

Чун шиша бигирам, биравам даргаҳи соқӣ,
Бе соғари май хораму бе болу пар астам.

Саҳро биравам дар бари Маҷнуну бигӯям:
«Бо ин ҳама мастӣ зи ту девонатар астам!»

Саҳрои ҷунуну халали хори муғелон,
Осон шуда бар ман, ки аз он ҷо бадар астам.

Дардест маро, нест варо ҳеҷ шифое,
Дар гӯр аз ин дард бубинӣ, батар астам!

* * *

Мастем ҳама, бале, бале, майнӯшем,[33]
Дар пардаи созу барбату най нӯшем.

Хушбахт касонем, аз намози саҳарӣ
То субҳи дигар ҷоми паёпай нӯшем!

Гоҳе зи сари мастии он олами рӯҳ
Бо Нӯширавону Ковусу Кай нӯшем.

Завқи дигарон ба май баҳорон ояд,
Мо з-ин сари дай ба он сари дай нӯшем.

Бо фирқаи ҷаҳрия чи пурсӣ фарқе,
Мо май на ба рақсу «ҳу»-ву «ҳай-ҳай» нӯшем.

Оре, ки ба рақси аҳли дил мафтунем,
Рақсем, агар май аз лаби вай нӯшем.

Мастему ғарибему ҳақирем, вале,
Донем, куҷову бо киву кай нӯшем!

---

[33] Чаҳор мисраи ин ғазал аз беҳтарин марди ирфонии замони мост, ки ба зӯр аз эшон гирифта илҳоқ намудам, то ёдгорие ба ояндагон бимонад. Албатта, умед дорам, ки Акои Шодимурод ин густохии маро мебахшанд. Бо умеди пӯзиш Муаллиф

* * *

Таънаам чаро созӣ ин ки доимо мастам,
Аз Аласт агар бинӣ, ончи будаам ҳастам!

Бо «Нафахту мин рӯҳий» оливу баландам ман,
Дар амал агар бинӣ, як-ду мушти хок астам.

Шодии Азозилро бо ду чашми сар дидам,
Соғару майи худро ҳар гаҳе, ки бишкастам.

Дар ҳавои ин дунё зулмату хатарҳо буд,
Омадам ба соқӣ рост, аз ғами ҷаҳон растам.

Бо арӯси ин олам дар ҷавонии худ ман
Мисли шиша бишкастам, он қадар, ки дил бастам.

То зи по, ки афтодам пири машрабам ин гуфт:
«Ҳолиё диҳам бар ту, солики Худо, дастам!

Чунки то ба мижгонат санги хора нашкофӣ,
Қадри мо чи медонӣ, баски пири халқ астам?!»

Он гаҳ омадам тоқат, сабру ҳам таҳаммулҳо,
То ба кунҷи узлатҳо ман хамӯш биншастам.

Рафтани биёбонат реги оташин дорад,
Рафтаам ба роҳатҳо, ҳар тараф намеҷастам.

«Фаътасим би ҳаблиллоҳ!» то ту гуфтаӣ, ё Раб,
Ришта гаштам аз ишқат, мурдаму набигсастам.

Гоҳ-гаҳ агар аз ман бигзарад гуноҳ, эй ҷон,
Раҳматат бифармо, ман масти масти маст астам!

* * *

Гаҳе зери ғубор астам, гаҳе дар авҷи афлокам,
Гаҳе ғарқи гуноҳ астам, гаҳе озодаву покам.

Ду олам давлате дорам, агар он ёри танҳоям,
Намак баргираду пошад ба захми синаи чокам!

Ба саҳрои ҷунун рафтам, ки зоҳид гуфт: «Масҷид рав!»
Нафаҳмид ин, ки тан дорам, вале бе фаҳму идрокам.

Ба гӯши суратам мегуфт бо лаъну маломатҳо,
Вале даркам намекард ин, ки ман махмуру бебокам?!

Вай аз ангури мастибахши ҷони ман чи медонист?!
Фақат медид ман шохам, фақат медид ман токам.

Аё зоҳид, аз ин саҳро, ба масҷид бошу худро бин,
Маранҷон ин қадар ҷону дили бисёр ғамнокам!

Ман он мурғам, ки аз тири муҳаббат гаштаам бисмил,
Куҷо донӣ ту дардамро, куҷо донӣ ту сӯзокам?!

Маро рӯзе расад, зоҳид, ба саҳрои қиёмат бин,
Ки он ҷо рақсҳо дорам, ки он ҷо ман тарабнокам!

Вале рӯзе, ки даркам кардиву ойӣ суроғи ман,
Дари майхона бикшоӣ, ки ман дар зери он хокам!

* * *

Ман аз кунҷи лаҳад - он хонаи бенур метарсам,
Агарчи марди мардам, дар ҷавоби гӯр метарсам.

Ҳисоби ҳар амал, ҳар як нафас дар пеши рӯ дорам,
Чи аз авлоди Ҷамшедам ва ё Фағфур, метарсам.

Ду чашми одамӣ гар неъмат аст, аммо дар ин олам
Ҳамон чашме, ки дар дилҳост, гардад кӯр метарсам.

Чароғи мазҳаби мо машраби ёрони дерин аст,
Бас аз каҷфаҳмии он гуфтаи Мансур метарсам.

Азозил масти шуҳрат гашт, то беруни даргаҳ шуд,
Сарамро гар хӯрад исме, ки шуд машҳур метарсам.

Дилам хоҳад, ки аз шавқ афканад пешониам бар хок,
Ки аз ишқи дурӯғу тоати маҷбур метарсам.

Кафили ризқи фарзандони ман он Зоти Раззоқ аст,
Вале аз дирҳами нодода бар муздур метарсам.

Нишоти ангубин аз меҳнати поку ҳалолам ҳаст,
Чашидам шаҳд агар бо ноҳақ аз занбӯр, метарсам.

Бувад бар чӯгии пушти дарам боре накардам ман
Ду сомониву як дирҳам агар манзур, метарсам.

Бибӯсам кӯдакамрову ятиме бехабар бинад,
Ду рухсораш бисӯзад гар ба ашки шӯр, метарсам.

Сафои зиндагӣ хуб асту афзун имтиҳони Ҳақ,
Намедонам, чаро аз қисмати ноҷӯр метарсам?!

* * *

Эй ходими Ҳарам, зи Ҳарам аз чӣ рониям,
Дарвеш ё қаландарам, ин ҷо чи дониям?!

Моро, ки гуфт: «ла-л-Лазӣ би Бакката» Худо,
Ӯ Соҳиб аст, аз чи кунӣ бадзабониям?!

Ин Хона гар зи туст касе по намениҳад,
Ман ҳам наоям ар ту бихонӣ-нахониям.

Ҷонам харобу сина кабобу сарам сафед
Гардида буд зи аҳди мисоқу ҷавониям.

Мақсад зи хоку санги Ҳарам ҷустуҷӯи Ӯст,
Он ҷо ишораест аз он ёри ҷониям.

Сар мезанам ба дашту биёбону кӯҳсор,
Ҳар кас, ки дид гуфт, ки: «Маҷнуни сониям!»

Пурсӣ, ки: «Ишқ чист?» – Надонам чи гӯямат,
Гарчи ман он ҳақиқати сирри ниҳониям?!

То май нанӯшӣ аз кафи соқии маърифат,
Кай мебарӣ ту лаззати ширинзабониям?!

Анҷоми ишқи мо на ба рӯзи қиёмат аст,
Ман ошиқу шаҳиди Худо ҷовидониям!

* * *

Агарчи бигзарад аз Арши аъло оҳу фарёдам,
Макун, ё Раб, зи доми ишқи худ беруну озодам!

Дар ин саҳро ҷавонмардӣ ҳамин як ҷумлае дорад:
«Нагирам бозпас аз Ту дилу ҷоне, ки ман додам!»

Ҷунуни ишқи Ту ҳушёрии ҳар ду ҷаҳон дорад,
Ман аз девонагии хеш раҳ сӯи Ту бикшодам.

Дар ин маъво на ақл аст эътимоди ошноиҳо,
Камоли маърифат омад, ки равшан кард бунёдам.

Суханзебои истеъдоди модарзоду тақдир аст,
Ҳасад бурдан чӣ даркор аст, агар марде худододам?!

Ибодат ҳусни дигар дорад андар навҷавониҳо,
Ба пирӣ саҷдаҳо кардам, вале аз по дарафтодам.

Агар ҳусне надорам, таъна бар ман аз чӣ бояд зад,
Ки Наққоши ман он чи хост, шуд он гуна эҷодам?!

Ҳазорон тоати ман арзиши як мижжа кай дорад,
Ки Халлоқи ҷаҳон болои чашм аз раҳматаш додам!

Аё соқӣ, агар мурдам, ту дар майхона хокам кун,
Ки то рӯзи қиёмат шод гардад қалби ношодам!

* * *

Ҳадиси соқиву пири муғон ҳамехоҳам,
Чигаркабобиву оҳу фиғон ҳамехоҳам.

Маро, ки сина бувад чок-чок мисли қафас,
Диле чу булбули масте дар он ҳамехоҳам.

Ба хоки роҳи ту олудаву фитода манам,
Ки сайри Арши ту бо нархи ҷон ҳамехоҳам.

Қатори ҷумла асиру шаҳиди кӯи мурод,
Дар он вилояти ишқат макон ҳамехоҳам.

Мисоли чокаки дил чок-чоки синаи шаб,
Танини тантана то Каҳкашон ҳамехоҳам.

Дубора рӯзи аластеву зам-заму қаҳ-қаҳ,
Зи коргоҳи Худованди ҷон ҳамехоҳам.

Муқими хоки сияҳ гаштаам бад-он хотир,
Ки як назар зи ту, эй меҳрубон, ҳамехоҳам.

* * *

Аз дасти ёр заҳри ҳалоҳил чашидаам,
Бори ғами ҳазору дусад дил кашидаам.

Ноқуси дайру зам-замаи гирди Каъбаро,
Дар гирди дил давида ба ҷое расидаам.

Аълотарин сухан ба Худо роз гуфтан аст,
Розам шуниду ламъаи нуре надидаам.

* * *

Қадам ба дидаи ман мон, ки нақши по гардам,
Зи хоки роҳ шавам пасту интиҳо гардам!

Назар ба зер кунад Холиқе, ки маҳмуд аст,
Чӣ хуш, ҳабиби назархонаи Худо гардам!

Баҳои мо ба ду олам ҳамин ҳавас бошад,
Ки як шаҳиди Худованд ҷо ба ҷо гардам!

Аё, гунаҳ бипазиру ҷаҳон ба тавба гузор,
Расад замона ту гӯйӣ, ки: «Кай қафо гардам!»

Ба мутрибӣ чӣ кунӣ ҷалби духтари маъсум,
Ба шоҳидии ту ман, эй хари дупо, гардам!

Чӣ бухлу кина дар ин миллат аст, бе ҳамто,
Гузар кунам бас аз он, боз бар Худо гардам.

Яке маро зи тариқат бигуфт Пири Хуқанд:
–«Ба даст кору ба дил ёри бовафо гардам!»

Агар ҳаромнонии моро ту як назар бинӣ,
Қасам ба Пири Ҳисор, интиҳо гадо гардам!

* * *

Мо хок, вале мазрааи поки баҳорем,
Дар сина ба ҷуз ишқ дигар дона накорем.

Роҳе, ки барад сӯи гирифтории Маҷнун,
Мо дар ду ҷаҳон пайраҳаву кор надорем.

Бо халқи Худо хоки раҳу масти вафоем,
Дар ҳаҷри Худо пок ҳама гиряи зорем.

Дастат ба дуо нест, аё марди ҳунарманд,
Боз ин, ки чаро нола кунӣ, ризқ надорем?!

Моро ту магӯ шуғли шумо ҷодуйи шеър аст,
Мо аҳли адаб зикри Худоро ҳама дорем!

Шаб дар пайи сирри малакутему саҳаргоҳ,
Ҳамроҳи шумо дар ҳама ҷо бастаи корем.

Маънии ҷазо аҷру мукофоту маош аст,
Сад вой, ки дар савмааву саҷда надорем.

Дар даври Ҳарам музди риёӣ надиҳандат,
Бар зоти Худо такя ба ҳар васваса дорем.

Моро ба дуо бош, аё Пири Ҳисорӣ,
Аз тарси гунаҳ мо ҳамагӣ дар таги дорем!

* * *

Ман қиссаҳои Ҳазрати Мӯсо шунидаам,
Муъҷизаҳо зи Ҳазрати Исо шунидаам.

Рафтам ба хоки роҳ фурӯ, паст аз он шудам,
То ҳикмате зи иқди Сурайё шунидаам.

Вирди забонам исми Худо кардаму Расул,
Як нукта то зи сураи «То-ҳо» шунидаам.

Файзе надидаам ба ҷуз аз хоксориҳо,
Ин буд, ки сирри Арши муалло шунидаам.

Гӯшам кари сиёсати тӯфони баҳр шуд,
То ҳарфи ранги луълӯву лоло шунидаам.

Парво надорам аз туву озорат, эй рақиб,
Мастам, ки рози Ҳазрати Аъло шунидаам!

Бар хоки пасти мо ба дуо мағфират бигӯ,
Зеро ки қаҳрҳо зи «ману мо» шунидаам.

Метарсам аз муносибати Мункару Накир,
Гарчи нидои раҳмати боло шунидаам.

* * *

Барои зикри Ту, ё Раб, зи сар то по забон гардам,
Сарам дар хок бодо, гар туро номеҳрубон гардам!

Ба завқи ҳусни ту гулбоғҳоро сад чаман бинам,
Ба шавқи шаҳди ту гирди сари ширинлабон гардам.

Ба сӯзи васли ту рӯзонаҳо сад бор мемирам,
Ба саҳрои ҷунун аз ғам дар оғӯши шабон гардам.

Сари ҳар кӯча дидӣ сар-сарӣ гашти қаландарро,
Манам! Бо таъна мангар, гарчи ҳамроҳи сагон гардам.

Вафои як саг аз сад дӯстони ҳуққабоз авло,
Маро бо саг хуш аз ёре, ки дар ваҳму гумон гардам!

Туро аз чӣ надонам даҳшати рӯзи қиёмат нест,
Ман аз тарси ҳамон соат, ки созанд имтиҳон, гардам!

Даме, ки ламъаи нурат бубинам, сахт мадҳушам,
Ки то субҳи дигар аз ваҷди воло безабон гардам.

Бале, мо ҳам ҷавонӣ дидаему лаззате гоҳе,
Зи шарми карда кай дидӣ, ки рӯ бар осмон гардам?!

«Гунаҳнокарда Халлоқ асту бас! – Пири Ҳисорӣ гуфт,
Вале ман ҳам гаҳе бо тарсу бо ваҳми гарон гардам!»

* * *

Ту ҳастӣ дар дили ман, ёди дигарон чӣ кунам?!
Ҳаёт бори гаронест, ин гарон чӣ кунам?!

Агарчӣ одамӣ аз рӯзгор хам бихӯрад,
Ба ҷуз ту хамзадагӣ пеши мардумон чӣ кунам?!

Ба мо ҳар он чӣ расад, аз Ту мерасад, ё Раб!
Гадоии раҳи ин шаҳри Шодмон чӣ кунам?!

Агарчи ҳусни арӯси ҷаҳон басо зебост,
Ба ин арӯси сияҳчашми ину он чӣ кунам?!

Ду дона нон агар имрӯз ризқи мо бошад,
Ба сар бирезад агар ганҷи ин ҷаҳон, чӣ кунам?!

Тамоми зиндагиам ёди ҳусну зикри ту аст,
Дигар ҳар он чи бувад рӯи хокдон, чӣ кунам?!

Замин, Замини Худованду мо дар он сарсон,
Туро набинам агар, зери Осмон чӣ кунам?!

«Бирав ба бандагии хеш!» Гуфт Пири Ҳисор,
Ҳало ба бандагиам, варна ҷисму ҷон чӣ кунам?!

* * *

Чист одам? – Гӯшт асту устухон,
Оқибат маҳви даруни хокдон.

Чанд рӯзе мекашад ин ҷо нафас,
Чун шавад забти нафас, гардад ниҳон.

Дил намеҷӯшад агар дар синаат,
Пас, чӣ ҳар ҷо меканӣ беҳуда ҷон?!

Фитрати одам агар покиза нест,
Хок бар он пӯст асту устухон!

Нафс монанди саги беҳудапост,
Луқмаат созад ба дандони зиён.

Каллаи пӯсидаро ман дидаам,
Чашм пурхоку даҳонаш устухон.

Тоати Ҳақ дор то анбори гӯшт,
Гардад, охир, гавҳару ганҷи ниҳон!

Атру мушку анбар асту бӯи гул,
Гар таҳорат созӣ аз ҷӯи равон.

Ҷуз Худову иззату қурби Расул
Нест моро қимати кори ҷаҳон.

«Рӯҳи худро пок дор!» –овоз дод
Сӯи мо Пири Ҳисори Шодмон!

* * *

Эй марг, эй бародари доимхамӯши ман,
Аз хомушӣ насиҳатат ояд ба гӯши ман!

Оре, бародарӣ ту, ки то рӯзи вопасин,
Ҳаргиз фурӯ наомадаӣ ту зи дӯши ман.

Ҳар гаҳ мазори куҳнарафиқон, ки бингарам,
Ёдам ту мерасиву бароя̄д хурӯши ман.

Дар қурбати Худоиву андар шикори халқ,
Гардидааст оҷизи ин роз ҳӯши ман?!

Рӯзе, ки ҷони модари зорам рабудаӣ,
Сӣ сол боз паст нагардад сурӯши ман.

Гӯянд баъди марг бувад зиндагии нав,
То рӯзи ҳашр идома шавад нешу нӯши ман.

Пас, ёди ту шариф бувад, кори ту наҷиб,
Хуш бод гӯшвораи пандат ба гӯши ман!

Пири Ҳисор гуфт, ки: «Чун марг даррасид,
Дидам дубора отифаи гулфурӯши ман!»

* * *

Надонам, аз чӣ қалам меравад ба дафтари ман,
Ба сӯи маърифати ақл мекашад сари ман?!

Даруни сина диҳад бод гарди хокистар,
Аз он шудаст сафедии барф бар сари ман.

Ҳавас махӯр ту ба ҳусни арӯси ин дунё,
Ки гӯшашин шавию бехудо, қаландари ман!

Ба ҳуш дор, ки моро фиреби даҳр чи дод,
Чи фитнаҳост аз ин кисаҳои пурзари ман?!

Касе, ки ранҷ маро доду солҳо мезист,
Пасон ба заҷр кашидаш Худой бар дари ман.

Аз он, ки гуфт: «... ва миммо разақноҳум юнфиқун!»
Биё, биё, бишунав шарҳи он, бишин бари ман!

Ба рӯи теғ равад, ҳар кӣ ин ҷаҳон омад,
Чи раҳнаварди ҷаҳон мешавад, чи раҳбари ман.

«Сухан дароз чи созӣ? – бигуфт Пири Ҳисор,
Агар кашида чунин дардҳо Паямбари ман!»

* * *

Боз биё, баҳори ман, сабзаву лолазори ман,
Майсаву марғзори ман, роиҳаи нигори ман!

Чун ба ту мубтало шудам, дар таҳи сад бало шудам,
Бе чуну бе чаро шудам, марҳами чашми чори ман.

Бошаи хушлиқои ту, саъба шавам барои ту,
Сайр кунам сарои ту, то ту кунӣ шикори ман.

Чун ба ту вобаста шудам, баста будам, раста шудам,
Ҳеч магӯ хаста шудам, эй маҳи пардадори ман!

Ман, ки туро банда шудам, гиря будам, ханда шудам,
Аз ҳама ҷо канда шудам ғайри ту, эй нигори ман!

Маст ман аз шароби ту, ашк ман аз кабоби ту,
Рақси ман аз рубоби ту, ошиқи ноздори ман.

Чист маро баҳори нав, гиряву оҳу зори нав,
Рози маро шунав-шунав, то шиканад хумори ман!

То ба ту рӯ ба рӯ шавам, лоиқи гуфтугӯ шавам,
Дар дили хок мӯ шавам, нола кунад мазори ман!

* * *

Мерасад рӯзе, зи пушти парда ёр ояд бурун,
Чашми доиминтизор аз ҳар мазор ояд бурун.

Кофару муслим ҳама мастанд аз нури лиқо,
Аз мулоқоташ халоиқ шармсор ояд бурун.

Оре, оре шармсориҳост дар тооти мо,
З-он маҷолис кам касе бо ифтихор ояд бурун!

Раҳмати ӯ дар ду дунё беназир аст, эй азиз,
Сад шакардору бубин аз заҳри мор ояд бурун!

То чароғ андар чароғ андар чароғи мо шавад,
Моҳи тобони Худо аз қаъри ғор ояд бурун.

Лаҳни оромӣ надорад хонаи танги лаҳад,
Мурда-мурда мурда ҳам дилбеқарор ояд бурун.

Ин чаман умре надорад, по ба рӯи гул манеҳ,
Ангубин дар барги гул танҳо баҳор ояд бурун.

Дар Бадахшон тинати ҳар санг некӯ бингарӣ,
Бе ғалат аз ҳар яки он лаъли нор ояд бурун.

Авлиёву пардабардорони асрори фалак
Аз Сари Хосору аз мулки Ҳисор ояд бурун.

* * *

Раҳме намо, ки рафт зи даст интизори ман,
Бишкаст ҷому шишаи сабру қарори ман.

Аз мо гузаштаанд рафиқони моҳрӯ,
Андар қиёмат аст бад-эшон дучори ман.

Ҳоло ки додаанд ба мо як-ду-се нафас,
Пеш о, ки бишканад ба тамошо хумори ман!

Мақсуд чист омадану рафтан аз ҷаҳон,
Ин сирри хуфтааст зи Парвардигори ман?!

Сидқат ба ман, ки нест, мазан лофи дӯстӣ,
Гар гул шавам, чи кор ту дорӣ ба хори ман?!

Таскини дил муҳаббати ёрони холис аст,
Бо мо муҳаббате бинамо, эй нигори ман!

Бишнав суруди булбули ин синаи маро,
Мо ҳам ғаниматему намонад баҳори ман.

Охир, ки пир гаштиву пажмурдагул шудӣ,
Боре бикун ту ёд зи чашмони чори ман.

Ҳоло ки зиндаам, ту биё, чунки баъди марг,
Шод аз куҷо шавад зи ту санги мазори ман?!

* * *

Саҳар бархезу сӯи Ҳазрати Ҷаббор ово кун,
Гуноҳе кардаӣ, бо тавбаҳои худ мудово кун.

Ҷаҳонро гуфта будам, бозии лайлу наҳоре ҳаст,
Дигар будаст ин дунёву чашмат бештар во кун.

Агарчи душмани ҳамсоя дарди сар туро гардад,
Ба қадре, ки сабурӣ тан диҳад сабру мусово кун.

Кирое нест мардумро, ки дар дунё биранҷонӣ,
Агар бар ҷони ту таҳдиди шамшер аст, даъво кун!

Надорӣ нон агар бар суфраат, ҷои хиҷолат нест,
Табассум кун ба меҳмонат, мисоли ғунча лаб во кун.

Агарчи ризқ бар ту мерасад аз олами дигар,
Биҳамдулло бигӯ, аз пушти рӯзӣ ҷаҳду парво кун!

Худо як бор баҳри мардуми худ манну салво дод,
Ту бо неши каландат ангубину шаҳду салво кун.

Кафе талқон агар додат Худо, бо хандаву шӯхӣ,
Гузор онро ба коми кӯдакат, монанди ҳалво кун.

Муваққат зиндагӣ дорӣ ту бо ин мору мӯру муш,
Ба иззат хешро чун Одаму Момои Ҳавво кун.

* * *

То кучоҳо меравад ин нолаи шабҳои ман,
Тавбаи бишкаставу илҳони «ё Раб»-ҳои ман?!

Ҳар кучое сачда мекардам хилофи раъй буд,
Аз гулӯ берун наояд ҳарфи матлабҳои ман.

Бас муаллим ончи моро гуфт, онро кардаем,
Менавозад гӯши моро занги мактабҳои ман.

Синаи ман чун танӯр аз ҳачри гулрухсор сӯхт,
Ашк ҳам хушкида, то боло барад табҳои ман.

Бар дили мо бингару таҳқиқи кори мо макун,
Чун ғалатҳое гузашт аз мову мазҳабҳои ман?!

Дар шаробободи ту гаштам басо масту хароб,
Ё Раб, аз ман бигзару аз урфи машрабҳои ман.

Мешавад рӯзе зиёратгоҳи аҳли дил яқин,
Санги гӯру зери хокам шакли қолабҳои ман.

Лек медонам, агарчи марг чонам мебарад,
Ҳамди ту то рӯзи маҳшар мекунад лабҳои ман!

* * *

Ҷустуҷӯи ёр мехоҳӣ, шафақ бояд шудан,
Тозаву озода монанди варақ бояд шудан.

Гар ту мехоҳӣ, ки аҳлуллоҳ гардӣ, эй азиз,
Бо қаландарҳои содиқ ҳамтабақ бояд шудан.

Як ҷавон пурсид аз ман: «Эй муфассир, ишқ чист?»
Гуфтамаш: «Дар ёди он ҷонона шақ бояд шудан!»

Дидаву рӯ монад аз ҳар одаме бар одаме,
Пеши ҳар одам ба одобу насақ бояд шудан!

Ҳикмати бебокият донад шаҳидони Ватан,
Бо дилу ҷон сар ба сар маҳлули Ҳақ бояд шудан!

Дар сафои кибриёӣ раҳ шавад бориктар,
Шавқ агар он ҷо ту дорӣ, берамақ бояд шудан!

Гуфт: «Мехоҳӣ чилое? – сӯи ман Пири Ҳисор, –
Ҳар кӣ бошӣ ҳам ту, сар то по арақ бояд шудан!»

* * *

Чӣ медонӣ Худоро, куҳна айвон,[34]
Чаро обод созад, боз вайрон?!

Туро баҳри ду-се фарзе ато кард,
Ҳамонро бошу онро хону он дон!

Ба рӯи дида мебояд кашидан,
Агар дар хок дидӣ порае нон.

Сахӣ аз пурсиши фардост берун,
Амонуллоҳи моро кор осон!

Сари ҳар ганҷ море посбон аст,
Даҳонашро бибанду ганҷ бистон!

Чунин кор иртиботи ҳотамон аст,
Яке Ҳотам барояд аз ҳазорон!

Туро марди сахӣ рӯзӣ кашонад,
Вагарна кай шавӣ қории Қуръон?!

Бувад гар «Моли муъмин - хуни муъмин!»,
На ҳар кас хуни худ мебахшад осон.

Аҷаб асрор аз Қуръон шунидам,
Пайи Хизр аст Мӯсо лолу сарсон?!

Бирав озод чун Пири Ҳисорӣ,
Худатро бошу Ҳақро дону Ҳақ хон!

[34] Ин ғазал барои акои Амонуллоҳ эҷод шудааст. (Муаллиф).

* * *

Эй хоҷа, агар хоҷа шавӣ, хоҷаи кас шав,
Соҳибдилу як хоҷаи қурбони ҳавас шав!

Гар майли ту хокаст дар ин обу гили хеш,
Дар гарди сари роҳ нишин, тозанафас шав.

Чун қоидаву сабки харобот надонӣ,
Беҳуда бар он ҷо мараву дастмарас шав.

Гар ошиқи шайдо натавонӣ шудан, эй дӯст,
Боре ҳам аз он қумрии болои нигас[35] шав.

То золими мардум шудан, эй пайрави Иблис,
Беҳтар ту бирав як магасе рӯи наҷас шав!

Дар қофилаи умр чаро хоб равонӣ,
Ҳушёр аз ин зам-замаи бонги ҷарас шав.

Ё сар ба гиребон кашу аз халқ бурун о,
Ё роҳкушо сӯи Худо бар ҳама кас шав.

«Ошиқ шудаӣ? – гуфт маро Пири Ҳисорӣ,
Дар синаи худ булбули гӯёи қафас шав!»

[35] Порисаи бом, лаби бом.

* * *

Эй ҷони ман, огандаи соҳибназарӣ шав,
Дар чашми ҳама чӯҷаи зебои парӣ шав.

Дар бодияи мову ту Иблиси лаъин аст,
Берун ту аз ин таънаву оқипадарӣ шав.

Соқӣ, ки надонӣ ту, чаро ходими ҷом аст,
То дарк намоӣ ту, пайи дарбадарӣ шав.

Бо аҳли дил аз дарди дили хастаи худ гӯ,
Дур аз бари он мардуми дар банди харӣ шав.

Қуръон арабӣ омаду вакте ки нафаҳмӣ,
Чун толиби илм аз пайи фарҳанги дарӣ шав.

Саг дида будам, дарс ба он Нӯҳи Набӣ дод,
Бар халқи Худо мояи некӯназарӣ шав.

Халлоқи ҷаҳон гуфт: «Замин баҳри ту додам,
Дар маскани худ рӯз надидӣ, сафарӣ шав!»

Донистаам аз ваъзи ҳамон Пири Ҳисорӣ:
«Эй хоҷа, бирав, соф ба мисли саҳарӣ шав!»

* * *

Аз чӣ менозӣ, ки бошад мардумон мафтуни ту,
Аз дигарҳо нест боло, сурату мазмуни ту?!

Халқи оламро ҳама Парвардигори нозанин,
Кардааст аз қудрати халлоқиаш ҳамхуни ту.

Фарқи ту дар байни мардум ҳусни одоб асту бас,
Рав, ба ҷангал бин, фаровон сурати маймуни ту!

Гар падар пир аст, бархезу таҳорат дорадаш,
То Худовандӣ намояд ризқи ту афзуни ту.

Гӯр мегӯяд насиҳат бар ту, аммо суд чист?
Тавбаат гардад қабул аз ҳастии беруни ту!

Сад биҳишт андар кафи поҳои модар хуфтааст,
Баъди мурдан мебарад ганҷинаи Қоруни ту.

Каллаҳо бисёр дидам аз бадан афтодаро,
Сар макаш боло, ки мерезад ба дастат хуни ту.

Гар ту бар ҳар машрабе рафтӣ, надорӣ бозгашт,
Ғайри ту занҷиркан набвад дар ин Маҷнуни ту.

Бош Одам, чунки тири марг меояд ба шаст,
Кам насозад шасти онро ҳиллаву афсуни ту.

* * *

Мерасад рӯзе, ки пурсӣ: Ёр ку, ҷонона ку?
Ошиқи девона ку, мастии он мастона ку?

Меравӣ сӯи ба сӯ, бас медавӣ кӯи ба кӯ,
Шамъу маҳфилхона ку, он пар-пари парвона ку?

Бар дари девонахона бингарӣ, ҳайрон шавӣ,
Он ҳама девона ку, он кундаву завлона ку?

Солҳо гардидаӣ гум, ҳолиё пурсӣ ту лол,
Соқии мастона ку, он муршиди майхона ку?

Дида чун бар ту бидӯзам, сӯзадам пайванди ҷон,
Маҷлиси он хона ку, он маҳфили риндона ку?

Меравам ҳар сӯ суроғат, мечашам озори дил,
Ҷони ман кошона ку, он сурати бутхона ку?

Гӯядам Пири Ҳисорӣ: «Гар надорӣ саргузашт,
Пас, ҳамон афсона ку, афсонаи сесона ку?!»

* * *

Моро дигар ҷавониву чашми хумор ку?!
Фикру хаёли болу пари беқарор ку?!

Парвози мо, ки то фалаки пардадор буд,
Дар пушти парда суҳбати гарми нигор ку?!

Бар худ агар зи лаззати хобат набигзарӣ,
Нуре туро дар он шаби ялдои тор ку?!

Ҳар як нафас, ки мебарадат сӯи гӯри танг,
Ин ҷо хато ба чанду ҳисобу шумор ку?!

Борони тирамоҳ агарчи мукаррам аст,
Аммо зи файзи он гули фасли баҳор ку?!

То заҳмати ҳазор ба ҷонат намекашӣ,
Аз кӯдаки ту оқибати ифтихор ку?!

Макру фиреби илму адаб хандаовар аст,
Пурсандат ин ки: «Зар будӣ, акнун иёр ку?!»

Ҷӯгӣ ба китф тӯрба ҳар хона меравад,
Аммо ба кунҷи он гуҳари обдор ку?!

Зебо ба шарми шарқии хешӣ ту, духтарам!
Тарсам касе бипурсадам: «Он шарму ор ку?!»

Дар хонадони паст чаро модарӣ кунӣ?
Мероси иффати ту дар ин рӯзгор ку?!

Аз Рӯдакиву Саъдиву Сино ҳазор сол
Бигзашту аз ту як писаре номдор ку?!

Рӯзе ба нанг ойиву пурсӣ зи мардумон:
«Он шоире зи маркази Мулки Ҳисор ку?!»

* * *

Эй модарам, куҷостӣ ҷонам фидои ту,
То бӯса гирам аз сару аз хоки пои ту?!

Ман зиндаам, ки гуфта будӣ: «Деру нек зӣ!»
В-ар не, чи хуш, ки мурда будам аз барои ту!

Бар боғу бӯстон гузарам мефитад, вале
Ку он гуле, ки бишканад аз ман ҳавои ту?!

Булбул ҳазор нағма сарояд ба гӯши ман,
Онро куҷост лаззати ҳарфу садои ту?!

Наззораҳо кунам ба ҳавас субҳи тозаро,
Як зарра менабинам аз он ҳам сафои ту.

Бар обшор менигарам, то расад ба ёд
Он кокулони барфи сапеди дутои ту.

Чун моҳи чордаҳ нигаҳе, кош, тобадам
Симои нурбори ба кунҷи самои ту.

Доим дуо кунам ба намозам, ки: «Модаро,
Бар ҷаннати барин диҳадат ҷо Худои ту!!!»

* * *

Эй модарам, нишастаам андар мазори ту,
То бингарам ба сабзаи сабзи баҳори ту.

Гулҳо шукуфтаанду ба ёдам ту мерасӣ,
Пинҳон чарост гӯшаи чашми хумори ту?!

Боре нигар, ки кӯдаки ту пир гаштааст,
Ман ёд кардаам нигаҳи меҳрбори ту.

Абрӯи кабки маст маро мебарад ба ёд,
Бар ҷилваҳои дилкаши абрӯи мори ту.

Аз чашми ман куҷо равад, эй модари азиз,
Мӯҳои мушкбори басо тор-тори ту!

Мислат зане ба чеҳраи зебо надидаам,
Эй войи ман, ки сӯхтам аз интизори ту!

Армони дил марост, ки мирам ҳазор бор
Дар сояи муҳаббати санги мазори ту!

* * *

Каъбаро гуфтам: «Чаро ту курта мепӯшӣ сиёҳ!»
Гуфт: «Шармам ояд аз ин ҳоҷиёни пургуноҳ!»

«Айбҳо бахшад Худо, – гуфтам, – касе ояд барат!»
Гуфт: «Оре, бе риё оянду бе рӯи сиёҳ!

Аз Ҳарам як лаҳза дур оянд арзи се қадам,
Боз мебинӣ ҳамон ҷурм асту айбу иштибоҳ».

Ҳоҷии беақл гӯяд: «Бегуноҳам!» – дар амал
Не Ҳарам дасташ бигирад, не намози рӯи роҳ.

Дар баландиҳо чӣ донӣ, бо кадомин бори айб,
Моҳро баҳри чӣ олуданд бо доғи сиёҳ?!

Дар ҷавонӣ зери дандон кардани ангушт чист?
Он пушаймонӣ туро орад бурун аз ҳар гуноҳ!

Зоти Ҳақ гӯяд, ки: «Шармам ояд аз мардони пир,
Сӯи оташ мебаранд он гаҳ, ки доранд оҳу воҳ!»

Дар тафаккур будам аз бори гунаҳ, Пири Ҳисор,
Гуфт: «Оре, тавба берун созад аз ҳоли табоҳ!»

* * *

Чаро, эй Хоксор, дар сояи девор пинҳонӣ,
Магар қадрат намедонӣ, ки мисли резаи нонӣ?!

Саре боре бикаш аз чоки зебои гиребонат,
Фаромуш кардаӣ оё, ки ту хуршеди тобонӣ?!

Магӯ, чашми халоиқ аз ту пинҳонанду кӯронанд,
Назарҳое дар ин ҷо ҳаст, к-ононро намедонӣ!

Сарои Каъба аз ҳар сӯ раҳе дорад, даре дорад,
Ки он ҷо ҳоҷие мушкил расад, боқӣ ба осонӣ.

Ба ҳар кас бингарӣ, бингар ба чашму дидаи маҳмуд,
Зи пушти ханда гар дорад ҳазорон макри шайтонӣ.

Биё бо хоксорӣ ибрати донову нодон шав,
Ки мардум аз ту дарёбанд мазмуни мусулмонӣ!

Биҳиштӣ он бувад, ки мебарад бо худ ҳазоронро,
Вагарна беҳтар аз он аст гову ҷуфти деҳқонӣ!

«Магӯ, болотар аз ин! – бо имо Пири Ҳисорам гуфт,
Ки талхии ҳақиқат паст созад қадри Инсонӣ!»

* * *

Маро дил андаруни сина бирён аст, медонӣ?
Ду чашмам аз гуноҳи карда гирён аст, медонӣ?

Агарчи шоҳи як иқлими дунё мард мегардад,
Вале рӯзе ба зери хок ҳайрон аст, медонӣ?

Бас аз ишқи Илоҳӣ чошнӣ хоҳӣ, ҳалолат бод,
Ҷунуноварда бо хори биёбон аст, медонӣ?

Диле озурданат кай дидаӣ мушкил бувад, аммо
Вуҷуди Арш аз кори ту ларзон аст, медонӣ?

Ту вақте гирд-гирди хонаи фоҳиша мегардӣ,
Замин аз шарми корат чашмпӯшон аст, медонӣ?

Зи хуни ноҳақ, эй шамшердор, андешае бинмо,
Танат рӯзе ба зери санг талқон аст, медонӣ?

Магӯ мардони зери сояи девор мазлуманд,
Дар он ҷо авлиёро даври майдон аст, медонӣ?

Бирав бар марқади Пири Ҳисори мо, зиёрат кун,
Ки он ҷо раҳмати Халлоқи Раҳмон аст, медонӣ?!

* * *

Ғами мо чи гуна донӣ, ки ту ишқи мо надорӣ,
Нигаҳе ба завқ боре ба дили само надорӣ?!

На ба хокбозиӣ ту, на ҷадал ба Арши Аъло,
Ту бигӯ: Чӣ зода ҳастӣ? Ту магар Худо надорӣ?!

Нигаҳе ба хеш бинмо, зи куҷо расида бошӣ?
Ту ҳамон ду қатра хунӣ, ки ягон баҳо надорӣ!

Ҳама ганҷу моли дунё ба каф оварӣ, чӣ ҳосил,
Ки туӣ рафиқи Қорун, кафи босахо надорӣ!

Нафас аз ту кай бипурсад, ки: «Дарун равам, биёям?»
Ту захираи сафар кун, ки яқин бақо надорӣ!

Чӣ ба равзаи муборак, чӣ ба Каъба сар халонӣ,
Агарат, ки ишқи Аҳмад, ҳаваси Худо надорӣ?!

Ба ҷаҳон чӣ гаштаӣ ту, ки савоби раҳ наёбӣ,
Ду қадам, ки побараҳна раҳи Карбало надорӣ?!

Чи сухан туро бигӯям, ки ту санги хомуш астӣ,
Лаби ошиқони зору дили босафо надорӣ?!

* * *

Хоҳам, писарам, соҳиби ирфон шуда бошӣ[36],
Қумри ба лаби хирмани Қуръон шуда бошӣ.

Дар фитрати ту аз азал имони Худо ҳаст,
Онро чу гуҳар сахт нигаҳбон шуда бошӣ.

Бар авҷи фалак ҷинну парӣ ҷилва намоянд,
Аммо, чи хуш, аз хок ту поён шуда бошӣ!

Бе ҳиллаву тазвир яқин луқма биёбӣ,
Нек аст агар пайрави деҳқон шуда бошӣ.

Мардони занакфеъл чӣ бисёр ба бозор,
Шукрона, агар аз паи мардон шуда бошӣ!

Хоҳам, ки касе бар ту зи дурӣ диҳад овоз:
«Эй фозили якдона, ҳазорон шуда бошӣ!»

Аз модару аз мо ба ту ин аст таманно:
– Эй кош, ки дар ин ҷомеа инсон шуда бошӣ!

---

[36] Барои писарам Саидфозил, ки дар артиши Тоҷикистони азиз хидмат мекунад (Муаллиф).

* * *

Эй зодаи хок, агар ту аз хок наӣ,
Пас баҳри чи дар чашмаи афлок наӣ?!

Аз боғи биҳишт нафс берунат кард,
Оё зи азал бандаи чолок наӣ?!

Сундус[37] агар ин ҷо ту зи ҷаннат пӯшӣ,
Одам ту наӣ, агар ҷигарчок наӣ?!

Мансаб хоҳӣ, ба тахти дарвеш нишин,
Дарвеш агар наӣ, тарабнок наӣ!

Гар тахти ҷаҳону рӯи олам гирӣ,
Ҷуз мушти пареву тӯдаи хок наӣ!

Бигрезӣ агар зи ҳирси дунё, ҳаргиз,
Муътоду[38] асири бангу тарёк наӣ!

Дар каър нишину гавҳари пок бишав,
Чунки ту хасу хасвалу хошок наӣ!

Вақте ба ту саҷда карда арвоҳу малак,
Охир, зи азал Одами ғамнок наӣ?!

Бархезу бигӯ биҳамдулиллоҳи дигар,
Фахри ду ҷаҳон туӣ, ту нопок наӣ!

---

[37] Навъе аз либос, ки бисёр нафис ва нозук аст.
[38] Одаткарда.

* * *

Поят ба канори гӯр ояд рӯзе,
Ду чашми ту зайли кӯр ояд рӯзе.

Аз қудрати навҷавоният беш маноз,
Чун мӯр танат ба зӯр ояд рӯзе.

Зам-зам чи диҳӣ ба шӯразор, эй нодон,
Аз ҷавҳараш оби шӯр ояд рӯзе!

Он марди ҷафокор ба сӯи масҷид
Бар даст асо ба зӯр ояд рӯзе.

Гандум, ки ба ҷилва сар кашидан дорад,
Дар маҳкамаи танӯр ояд рӯзе.

Андеша ба ҳар сари нафас бояд кард,
Исрофилу бонги сур ояд рӯзе.

Се бор туро чи хоб ё бедорӣ,
Тарсиданат аз қубур ояд рӯзе.

Ғофил машав аз Накиру Мункар, ҳар ду
Як тан шуда бар ҳузур ояд рӯзе.

Гӯйӣ, ки аҷал бахри ҷавонон дур аст,
Дур аст, бале, зи дур ояд рӯзе.

Он гуна бизӣ, туро чу бар хок ниҳанд,
Аз хоки ту ташти нур ояд рӯзе!

* * *

Эй хоҷа, чаро ту нони нопок хӯрӣ,
Аз ризқи ятими зору ғамнок хӯрӣ?!

Дар назди Худованди Карими Ҷабарут,
Беҳтар бувад он, ки кабзаи хок хӯрӣ.

Зулме, ки намудаӣ, магӯ рафту гузашт,
Сад зарбаи соҳибони афлок хӯрӣ.

Соқӣ зи азал насиҳате кард маро,
Мағрур машав, майи тарабнок хӯрӣ.

Ҳар қатраи май, ки то чашидан дорӣ,
Дар сина ҳазор захмаи чок хӯрӣ.

Вақте ки Амири ин ҷаҳон аст, Худо,
Пас аз чи ғами ҷаҳони бебок хӯрӣ?!

Он моли ту, к-он луқмаи мумсик бошад,
Фардо ту ба гӯр хоки намнок хӯрӣ.

Мурдан ба ту беҳтар, ки ту аз бенангӣ,
Дар кӯча занат, ту сояи ток хӯрӣ.

Дар бодия, хуш бош, агар қатраи об
Аз косаи мардони шарафнок хӯрӣ!

* * *

Магӯ, зоҳид, ки софу бегуноҳӣ,
Ту ҳам як бандаиву русиёҳӣ!

Агар дар пояи Юсуф нишинӣ,
Ҳанӯзам ноилоҷӣ, зери чоҳӣ.

Куҷо доғи ду рухсорат натобад,
Агарчи ғарқи нурӣ, ҳамчу моҳӣ?!

Гунаҳ кардан бувад мероси Одам,
Ту одамзодаӣ, дар иштибоҳӣ.

Сари як мӯ шавӣ ғофил Худоро,
Ҷавобаш медиҳӣ хоҳӣ-нахоҳӣ.

Туро ганҷи ҷаҳон рамзи гадоист,
Ту бе ишқи Худо бе молу ҷоҳӣ.

Маноз аз тоат, эй зоҳид, ки умре
Гунаҳкору сияҳкору табоҳӣ!

Агар дастат нагирад зоти Аллоҳ,
Ту раҳгумкардаву мобайни роҳӣ.

Ҳама аз раҳмати Ту зинда ҳастем,
Ба мо бингар ба раҳмат, ё Илоҳӣ!

* * *

Нарафт аз ман хатои ошноӣ,
Ту дар ҳар ду ҷаҳон маҳбуби моӣ.

Яке бар кӯи ту чун Рустам ояд,
Яке ҳамчун Алӣ - Шери Худоӣ.

Дарат бикшо, марон аз даргаҳи хеш,
Ки ман ҳам омадам сӯят гадоӣ!

Ду рухсори туро ҳаргиз надидам,
Вале куштӣ маро бо дилрабоӣ.

Гаҳе аз дарди ишқат хок гардам,
Гаҳе девонаву масту ҳавоӣ.

Гаҳе мирам сари ҳар ояти ту,
Гаҳе шодам ба ҳарфи Мустафоӣ.

Гаҳе чун абри найсони Ҳисорам,
Гаҳе чун риштаам аз роҳпоӣ.

Чу бар пири тариқат роз гуфтам,
Бигуфт: «Акнун ту ҳам шогирди моӣ.

Бирав бо соқиёни даҳр биншин,
К-аз ин боло набошад Кибриёӣ!»

* * *

Бигуфтаӣ, ки ту аз ман марав, ки хор шавӣ,
Басо ба лаззати овозам интизор шавӣ.

Бигуфтаӣ, ки ту ҷаннат чаро фурӯшӣ, оҳ,
Шарику ҳамтабаҷи гову мӯру мор шавӣ.

Бигуфтаӣ, ки ту некӯтар аз фариштаи ман,
Чаро муқими биёбону кӯҳу ғор шавӣ?!

Бигуфтаӣ, ки ту аз ман марав, ки дар раҳи ман
Ҳазор сол нишиниву чашми чор шавӣ.

Бигуфтаӣ, ки ту раззоқи халқи хештанӣ,
Чаро ба нони рибохор қарздор шавӣ?!

Бигуфтаӣ, ки маро кардаӣ ғарибӣ Ватан,
Ки то ба қадри ман охир расиву зор шавӣ.

Бигуфтаӣ, ки ту то авҷи Кибриё бирасӣ,
Ба пастиҳо барамат, хокаи ғубор шавӣ.

Бигуфтаӣ, ки ту бо ин раҳе, ки месипарӣ,
Ба пеши кӯдаки худ хору шармсор шавӣ.

Бале, ту гуфта будӣ, эй Худои Раҳмонам,
Гунаҳфитода, ки гардам, ту дастёр шавӣ.

Зи теғи Пули Сирот он қадар гузар созам,
Ба ҷаҳди ман Ту назар карда, ғамгусор шавӣ.

Қабули тавбаи ман ваъда додаӣ, ё Раб,
Умедам ин, ки дубора маро ту ёр шавӣ!

* * *

Диламро мекунам охир ба сина нури маҳтобӣ,
Пари қуи ҳавас дар баҳри дунё мекунам обӣ.

Ба дом орам даме чуғзи балои наҳси нодонӣ,
Сарам шӯридатар созам ба дилҷӯиву дилёбӣ.

Биомӯзам ба тан ҷони азизам беқарориро,
Дами шодӣ занад зам-зам чу шил-шилҳои селобӣ.

Зудоям пок доғи ин Ватан аз синаи чокам,
Ки гӯӣ меравад рӯ-рӯи оби соф мурғобӣ.

Ғазалҳо гӯяму сӯзам ба ҳаққи оламу одам,
Зи шаҳди меваи мулки Ҳисору хоки Кӯлобӣ.

* * *

Эй Холиқи Раббонӣ, эй чашмаи нуронӣ,
Ман ошиқатам, донӣ, аммо зи чи пинҳонӣ?!

Донам, ки шавад нобуд, ин ҳайкали хунолуд,
Як зарра зи нури худ бинмой ба пинҳонӣ.

Як сӯ ба чаҳ афтодам, як сӯ ба ту дил додам,
Кай мекунӣ озодам чун Юсуфи Канъонӣ?!

Дар сина хумору бим чун Ҳазрати Иброҳим,
Бошад, ки кунӣ тақдим он оташи Яздонӣ.

Чун оҳуи навбисмил дардам ба даво моил,
Бинмо раҳи мо, эй дил, чун моҳи Хуросонӣ!

Дилшод манам аз Ту, ободманам аз Ту,
Барбод манам аз Ту зери фалаки фонӣ.

Дарде кашам ин шабҳо бо нолаи «ё Раб»-ҳо,
Гул мекунадам лабҳо аз ояти Қуръонӣ.

Аз ҷоми лаби майгун, ҳасрат ба дилам афзун,
Кун раҳмати ман акнун, охир, ки Ту Раҳмонӣ!

Афтода ба хок астам, девонаву сармастам,
Маҷнуни дигар ҳастам чун марди биёбонӣ.

Гуфтӣ, ки ба ҳар дар шав, дарвешу қаландар шав,
Чоки дами ханҷар шав, то ёбӣ ту осонӣ!

Донам, ки дар ин олам, то рӯзи қиёмат ҳам,
Як лаҳза намебинам он чеҳраи Раббонӣ.

То омадани маҳшар хоҳад дилам, эй дилбар,
Ҷону тани ман яксар сӯзониву сӯзонӣ!

* * *

Аё ғофил, чаро дар дил ту фикри бешу кам дорӣ,
Намедонӣ, дар ин манзил Худо дорӣ, чи ғам дорӣ?!

Машав бар ҷони худ қотил дар ин дунёи беҳосил,
Ту гавҳар мешавӣ аз гил, Худоро муҳтарам дорӣ.

Яқин медон, ки чун қандил туӣ равшан дар ин маҳфил,
Чаро каҷ бастаӣ маҳмил, раҳе пурпечу хам дорӣ?!

Машав бар Аҳриман пурдил, ки коратро кунад мушкил,
Ба рӯзи маҳшар, эй ҷоҳил, ҷазое боалам дорӣ!

Бар он зоте, ки шуд нозил аз ӯ оёти бас муқбил,
Нагардӣ ҳеҷ гаҳ восил, агар ишқи санам дорӣ.

Намедонам чаро оҷил чу моҳӣ мешавӣ ноқил
Аз ин соҳил ба он соҳил, ки оби чашми нам дорӣ?!

Гуноҳатро шавӣ қоил, ба тавба гардӣ чун моил,
Худои ту бувад одил, чӣ метарсӣ, чӣ рам дорӣ?!

Агар бемори, эй оқил, зи ишқи дилбари хушгил,
Давои пурраву комил ту дар Байт-ул-Ҳарам дорӣ!

* * *

«Сабоҳ-ул-хайр» мегӯяд маро он булбули ҷонӣ,
Чаро дар хоб мемонӣ, намози худ намехонӣ?!

На кам ояд, на беш ояд ҳисоби ту дақиқ он рӯз,
Гадои саҳни бозорӣ ва ё дар тахти султонӣ.

Саволи бечавобе нест, эй ғофил, дар он ҳангом,
Қаландар ё ки пайғамбар, чи Билқис ё Сулаймонӣ.

«Афоаллоҳу анка» бар ту гӯяд Хоҷаи ғамхор,
Ту худ бояд бурун ойӣ зи банди макри шайтонӣ.

Ба амри дил бибояд рафту накди ақл бояд бохт,
Ҳазорон Бӯалӣ гардӣ, дар он маъво ту нодонӣ.

Биёбоне, ки дар пеш аст, он мағлуби дарвеш аст,
Чаро ки ёри танҳоро саре дорад ба қурбонӣ.

Ба ёрони забонӣ ё ки нонӣ илтифоташ нест,
Намегӯяд зи асрораш ба ғайри ҳамдами ҷонӣ.

Арӯси ин ҷаҳон моро набахшад лаззате ширин,
Ба ҷуз оёти Қуръонӣ, ба ҷуз илҳоми раббонӣ.

Ба қанди порсӣ машҳур агарчи Ҳинду Эрон аст,
Вале шаҳди дигар дорад каломи Тоҷикистонӣ.

* * *

Аё ғофил, дар ин манзил чаро бе сӯзу соз астӣ?!
Даруни сина дорӣ дил, чи бедарду гудоз астӣ?!

Агар мардум ҳузуратро ба нафрат рӯй гардонад,
Пас ин айби ту мебошад, ки марде ҳуққабоз астӣ.

Туро дар Каъбаи мақсуд аз он қуфли дараш накшуд,
Ки дар назди Худо умре палиду бенамоз астӣ.

Ба оҳи булбулон гӯшат кару кӯри гулистонӣ,
Аз он, ки бо Азозил байни мардум фитнабоз астӣ.

Магас болотар аз ту мекунад парвоз, эй нодон,
Чи мағрурӣ дар ин майдон, ки дар банди ниёз астӣ?!

Намоӣ забт агар Ҳинду Самарқанду Бухороро,
Чу Маҳмуд охир он гунҷишки дастони Аёз астӣ.

Ба хоки роҳ гӯш андоз, то гӯяд чунинат роз:
«Ту нақши пойи мардум ё ба дасти кӯзасоз астӣ!»

Бирав, дар сояи меҳроб файзи тавбаро дарёб,
Ки ҳоло зиндаӣ, фардо даҳони хушку боз астӣ!

* * *

Вазид ин бомдод охир насими поки хушбӯӣ,
Шудам девонаву масти чунин ҳангоми хӯшрӯӣ!

Расид аз ҳотифи ғайбам аҷаб ин пурсиши зебо:
«Дигар он ёри танҳоро чӣ мепурсӣ, чӣ мегӯӣ?!»

Бигуфтам: «Дар биёбоне, ки он ҷо пойгаҳ дорам,
Дусад ман(н) об нӯшӣ ҳам, вале як баҳр меҷӯӣ!»

Аё зоҳид, аз ин атру сару мангал чӣ мехоҳӣ,
Биё масти майи мо шав, на аз он макру бадрӯӣ!

Насиҳатҳои воиз аз ғуруру аз ҳунар дидам,
Ба мисли тӯтии нодону, аммо қасди хушгӯӣ.

Шунидам пиразан бо баччаҳо пушти рибо мерафт,
Саҳарҳо бенамоз, аз ҳар даре мекард раҳпӯӣ.

Вале дидам пагоҳе дар сари роҳе, ки менолид:
«Писарҳои маро куштанд, оҳ, аз ин писарҷӯӣ!»

Худоё, ҳифзи фарзандони мо кун аз рибохорӣ,
Зи бадҷӯиву бадгӯӣ, зи бадбӯиву бадхӯӣ!

«Ту ҳам бори гунаҳ дорӣ! – маро Пири Ҳисорӣ гуфт,
– Ба сели ашк мебояд гуноҳи хештан шӯӣ!»

* * *

Худонотарсияст ин кинадорӣ,
Чаро қасди касе дерина дорӣ?

Ба рӯи тахт Иблиси лаъинро
Ба нозу ишва андар сина дорӣ.

Туро то мансаб ояд, ёд овар,
Ба поят чоруқи порина дорӣ.

Ба Арши Кибриё ё сӯи дӯзах,
Дар ин дунё фақат як зина дорӣ!

Магӯ, к-андар лаҳад осуда хобӣ,
Ба duздиву ғарӣ ганҷина дорӣ!

Ғалат кардӣ, ки Азроил наояд,
Бимирӣ, сад агар тахмина дорӣ!

Бирав ҳамроҳи мардони Худо бош,
Ту, охир хислати мардина дорӣ!

Маро Пири Ҳисорӣ гуфт: «Хуш бош,
Ки мисли ман ба даст ойина дорӣ!»

* * *

Эй дил, ин ғамҳои ширинро фаровон мехӯрӣ,
Қатра-қатра чун замин аз оби борон мехӯрӣ.

Дарди Ҳақ ширину нодардии он талх асту бас,
З-ин сабаб аз соғари соқӣ фаровон мехӯрӣ.

Эй ки аз ширинии дарди Худо ғофил шудӣ,
Талхии заҳрест, вақти кандани ҷон мехӯрӣ!

Аз зану фарзанди худ эҳсону ҷудатро магир,
Варна рӯзе гӯштат аз лаҳмии рон мехӯрӣ!

Золимо, назди Худо шарманда ҳастӣ, пас чаро,
Нони тар дар хуни мардумро чӣ осон мехӯрӣ!

Зоҳидо, ҳушёр шав ин ҷо, ки он ҷо заҳри теғ,
Аз ҳамин оят, ки мехонӣ зи Қуръон мехӯрӣ!

Хешро зирак магӯ аз хирмани дуздидаат,
Чунки ҳар як донаро бо бавли Шайтон мехӯрӣ!

Зарбҳо бинӣ, зи як ҳарфе, ки ноҷо гуфтаӣ,
Пас чаро аз минбари Зоти Худо нон мехӯрӣ?!

Садқаи Пири Ҳисорам, гуфт: «Акнун тавба кун,
Гар хатое гуфтаӣ, санге ба дандон мехӯрӣ!»

* * *

Худо, ки пеши ту бошад, чаро Ҳарам ойӣ[39],
Чаро ба хории ҳамсоя бе карам ойӣ?!

Худой, бандаи худро ба бешу кам санҷад,
Ту ҳам чу хоҷа карам кун, ки муҳтарам ойӣ!

Ба сина хори биёбон кашидану рафтан,
Камоли ишқи Илоҳист, бе қадам ойӣ!

Ба риши Иблиси малъун агар фиреб хӯрӣ,
Чу зоҳидон ба Ҳарам аз чӣ дам ба дам ойӣ!

Зи сангу хоки Ҳарам, соқиё, ту маст шавӣ,
Даруни сина Ҳарам дориву Ҳарам ойӣ.

Ба номи поки Муҳаммад маро ту наът бихон,
Ки ҳамчу мутриби ошиқ ба зеру бам ойӣ!

Паямбарони гузашта туро ҳасад бибаранд,
Ки сӯи хоки Муҳаммад сари қадам ойӣ.

Ба даври Ҷоми ту гаштан тавофи Каъбаи мост,
Надида рӯи Худо, оҳ, зери ғам ойӣ!

Сукути мост зи Пири Ҳисор ин овоз:
Ки раҳнаварди Худо шав, ки муғтанам ойӣ!

[39] Ин ғазал барои ҳоҷиёни ҳарамайн эҷод шудааст. (Муаллиф)

* * *

Дили моро раҳи майхонаву рози соқӣ
Бикашад аз сабаби ошиқиву муштоқӣ.

Майи раббониву андеша зи Қуръон бояд,
Ки равӣ сӯи хароботу кунӣ машшоқӣ.

Зоҳидо, зиннати дил кун, ки Худованди Карим
На ба дастори ту рӯ ораду не бар тоқӣ.

То камоле нашуд аз мактаби Мулло Исҳоқ,
Сар ба ҷое накашид ин писари қишлоқӣ.

Ҳой махлуқ, ба махлуқии худ бош, ҳаме
Кори ту чист ба он холиқиву халлоқӣ?!

Ғами рӯзӣ чӣ хӯрӣ, чунки аз он рӯзи азал
Нақшаҳо кард Худо аз ҷиҳати раззоқӣ.

Майли дунё ба ҳади хеш кун, эй Пири Ҳисор,
Агарат ҳаст дилу майли ҳаёти боқӣ!

* * *

Чаро шабе ба ҳузурат маро хабар накунӣ,
Ба ҳоли сӯфии танҳо даме назар накунӣ?!

Маро ба сидранишинии осмон ту мабар,
Ду боли ишқ бубахшо, ки мушти пар накунӣ!

Шуниданист ба номи ту аз Муҳаммади ман,
Худо, Худо нашавад гӯши мо ту кар накунӣ!

Дуо кунам ба ту, ё Раб, ки кӯдакони маро
Чу бенамозу рибохор муътабар накунӣ!

Шаҳиди хоки Ватан мешавам, валек маро
Худо, ту ғосиби хоку дари дигар накунӣ!

Даруни шаҳр пур аз навҷавону духтар ҳаст,
Мабод ин ки якеро ту бадгуҳар накунӣ!

Ба бӯсахоҳии пои падар муҳаббат бахш,
Ба оқи ҳеҷ падар қисмати писар накунӣ!

Ба гӯшам омада буд ин садои Пири Ҳисор:
«Накарда хидмати халқ аз ҷаҳон сафар накунӣ!»

* * *

Одам аз рӯҳи Худованд аст, Пайғамбар шудӣ,
Шоҳи ин халқи замину аз малак бартар шудӣ!

Саҷда дар поят ниҳоданд онҷӣ буд аз Кибриё,
Дар миёни он ҳама халқи Худо гавҳар шудӣ.

Эй ки берун гаштаӣ аз пушти Бобои Сафӣ,
Аз чӣ аз думболи Иблис омадиву хар шудӣ?!

Хоки ҷисматро Худо бо дасти худ хелидааст,
Ё аз ин ахбори Ҳақ барқасд гӯши кар шудӣ?!

Лаънати Ҳақ бар ту бод, эй золиму аҳли зино,
Одамат зоданд, гови мастаки амбар шудӣ!

Ҳар нафас бо сӯзише назди Худо дорад ҷавоб,
Аз чӣ бар нафси бади худ бандаву чокар шудӣ?!

Ин ҷаҳонро баҳри ту доданд, ободаш кунӣ
Ҷои ин аз аҳли кучвелону[40] думабтар шудӣ!

Ҷои он, ки даст бикшоӣ ту аз баҳри карам,
Дузди бозору саги дайдуи пушти дар шудӣ.

Дар Сурайё гар нишонандат, аё Пири Ҳисор,
Доимо дар ёд гир, аз мушти хоки тар шудӣ!

---

[40] Беҳудагард, дайду.

* * *

Гунаҳ мероси Одам гашт, дар ҳоли табоҳ астӣ,
Ту мехоҳӣ-намехоҳӣ, гирифтори гуноҳ астӣ!

Аё Иблис, агар дар саҳнаҳои Кибриё будӣ,
Чӣ моро таънаҳо дорӣ, ту ҳам як рӯсиёҳ астӣ!

Ба Маҷнун илтиҷо кардам, ки асроре кушо бар ман,
Бигуфто: «Пургуноҳ астӣ, вале дар нимароҳ астӣ.

Бирав, ин ҷо муҳаббатгоҳи монанди саҳар соф аст,
Ба заҳматҳо дурахшон чун ситора гоҳ-гоҳ астӣ!»

Ҷавоно, модарат ҷисми туро аз тухми одам зод,
Чӣ дарду ғам кашид, аммо чаро дар иштибоҳ астӣ?!

Саодат ҳар ду оламро ба одам «иттақуллоҳ» аст,
Аз ин ганҷи Худо бардор, оё бе нигоҳ астӣ?!

Бурун аз фикри ботил шав, ки дар дунё намемирӣ,
Туро бошад баҳореву хазоне, чун гиёҳ астӣ.

Агар як рӯз тақдири ту бошад зистан хушнуд,
Дигар то мурданат побанди фикру дарду оҳ астӣ!

Аё Пири Ҳисорӣ, раҳнамоӣ кун, ки раҳгумам,
Ту охир дар шабистони гунаҳ моро чу Моҳ астӣ!

* * *

Фиғону сӯзи ҷон дорад ғарибӣ[41],
Ҳазорон имтиҳон дорад ғарибӣ.

Ду соли заҳмати айвони мардум,
Баҳои ними нон дорад ғарибӣ.

Ғарибӣ ҳаст мероси Паямбар,
Чӣ ҳикматҳо ниҳон дорад ғарибӣ!

Бале, авзои мушкил дорад ин ҳол,
Вале дарсу баён дорад ғарибӣ.

Кушояд бар ту розу рамзи дунё,
Калиди ганҷу кон дорад ғарибӣ.

Ғарибӣ гарчӣ маргаш даҳшат орад,
Шаҳиди дар миён дорад ғарибӣ.

Ҷавонон қадри хоки хеш донанд,
Агарчанде хазон дорад ғарибӣ.

Ҳамон миллат ҷаҳонгир аст, медон,
Басо сирри ниҳон дорад ғарибӣ!

Набояд миллат андар хоб бошад,
Камоли зиндагон дорад ғарибӣ.

«Худо, – гуфто ба ман Пири Ҳисорӣ
– Назар бар соликон дорад, ғарибӣ!»

---

[41] Ин ғазал бо хоҳиши писарам Саидфозил оҷилона навишта шудааст. (Муаллиф)

* * *

Эй ошиқи раббонии ман, аз чи харобӣ,
Дар сина туро оташу осудаву хобӣ?!

Асрори худ омӯз, ки дар олами эҳё,
Танҳо на зи хок астиву танҳо на зи обӣ!

Одамбача ҳастиву шарифи малакутӣ,
Бо халқи Худо бош, ки дар банди итобӣ!

Эй марди саҳархез, саҳар хез, вагарна
Ризқи зану фарзанди ту ёбанд харобӣ!

Олам, ки пур аз бехабаронанд, накӯ бош,
То рутбаи одам ту дар ин ҷомеа ёбӣ.

Аз раҳмати Ҳақ ҳар касу нокас баумед аст,
Бо кори худат бош, кӣ донад ба ҳисобӣ?!

Ҳамсоя сафил[42] дораду чашми бад аз он гир,
То рӯзи ҷазо, варна ту дар коми азобӣ.

Қонуни ҷаҳон ин бувад, эй бехабари данг![43]
Заҳр аст гаҳе нони ту, гаҳ масти шаробӣ!

Аъмоли накӯ дон ту, ки меъмори биҳишт аст?
Гар бехабарӣ, рӯзи ҷазо барракабобӣ!

Санҷидани имон ҳама ҳастист, аз ин рӯ,
Эй Пири Ҳисорӣ, ҳама дам дар табу тобӣ!

[42] Сари девор, ки бо хасу чизи дигар пӯшонда шудааст, сархорӣ.
[43] Гаранг, аблаҳ, аҳмақ.

* * *

Нокарда вафо, меҳру вафоро ту набинӣ,
Нокарда ҷафо, ҷабру ҷафоро ту набинӣ.

Эй марди Худо, заҳматат авлост, валекин
То рӯзи ҷазо ҳусни Худоро ту набинӣ!

Як нуқта агар дар дилат аз кибру ҳасуд аст,
Аз тоати садсола сафоро ту набинӣ.

Шукрона ту кай мекунӣ аз ризқи худодод,
То пушти дарат дасти гадоро ту набинӣ?!

Аз қории Қуръон шунавӣ лаззати оёт,
Асрор ҳамин аст, садоро ту набинӣ.

Дар сояи девор мазан таъни қаландар,
Кӯре бишавӣ, пешу қафоро ту набинӣ.

Бо куҳнарафиқон будан аз рамзи биҳишт аст,
Бархез, ки ин кайфу сафоро ту набинӣ!

Як нукта туро гӯям аз он Пири Ҳисорӣ:
«Сад бор баҳор ояду моро ту набинӣ!»

* * *

Сабаб, ки гаштаам имрӯз хору маст, Туйӣ,
Ҳар он чӣ нолаи най аз дилам, ки ҷаст, Туйӣ.

Маро, ки дода будӣ ҷоми Ҷам ба нимаи шаб,
Ҳамин қадар хабарам шуд, ки ҳар чӣ ҳаст, Туйӣ!

Саре, ки шӯр гирифту бирафт кӯчаи шаҳр,
Ба аҳли кӯча дарозӣ кунад ба даст, Туйӣ.

Зи бода рӯй ба хокам, сабаб ки лӯлии дузд
Ба ҷайби ман сари дасташ агар нахаст, Туйӣ.

Сабаб, ба дасти ҷунубаш кунад чу деҳқон кишт,
Зи хок донаи пошидааш нараст, Туйӣ.

Касе ба Каъба нарафт аз камоли доройӣ,
Сабаб, бидон ту, ки домони он тар аст, Туйӣ.

Зи хок то, ки ба по гаштаму вузӯ кардам,
Сабаб, намози қазоӣ маро шикаст, Туйӣ!

Сабаб, барои ягон тавбааш ҳаромхӯре,
Зи тафси оташи дӯзах агар бираст, Туйӣ.

Фурӯ марав ба хаёли Худой, Пири Ҳисор,
Фақат бигӯй, ки халлоқи ҳар чи ҳаст, Туйӣ!»

* * *

Чаро дар сина дил дорӣ, вале ҷонона меҷӯӣ,
Мақомаш дар дилат, онро зи масҷидхона меҷӯӣ?!

Назаргоҳи Худо дил гашт, рақсидан бидоят[44] ёфт,
Бирав бо мутрибон, ин ҷо чаро афсона меҷӯӣ?!

Нигар фарзандҳои ту мисоли гавҳари поканд,
Чаро аз ҷайби мардум гавҳари якдона меҷӯӣ?!

Ба макру ҳилла нони кӯдакони халқ медуздӣ,
Худо Раззоқу қабри оташин то шона меҷӯӣ?!

Ба қадри нӯки сӯзан одамеро дард агар хоҳӣ,
Яқин медон бало бар хешу аҳли хона меҷӯӣ!

Табибе гуфт: «Дарди дил давои хешро ёбад,
Шифобахшони дилро пас чӣ аз Фарғона меҷӯӣ?!»

Зи фикрам рафт, Маҷнуне шавам, Пири Ҳисорӣ гуфт:
«Ту худ девонаӣ, охир, чаро девона меҷӯӣ?!»

---

[44] Ибтидо, оғоз, шурӯъ.

* * *

Чаро, эй ғофил, аз мурдан ба ҳар сӯ сахт мекӯшӣ,
Ҷаҳонро дег бисёр асту дар ҳар дег мечӯшӣ?!

Таманно дар ҷаҳон бисёру аммо як таманно кун,
Ки рӯи ҳарфи Қуръону паямбар доимо кӯшӣ.

Агарчӣ маснади Фиръавну шоҳони Каён ёбӣ,
Адолат кун, ки рӯзе мерасад дар хок хомӯшӣ!

Чаро дар хонадонат ранҷи занро мекунӣ бисёр,
Ки рӯзе мерасад дар домани зан ҳалқабаргӯшӣ!

Мазоқи мардуми бечораро аз чӣ раво дорӣ,
Ки шояд байни онҳо Юсуфе дорад ҳамоғӯшӣ?!

Раҳе дур аст, эй марди мусофир, тӯшаат пур кун,
Ки ин бетоатӣ айб асту доим масту мадҳушӣ?!

Сияҳчашмон чӣ бисёранд, аммо духтари тоҷик,
Ту номуси ҳамин халқӣ, чаро номус бифрӯшӣ?!

«Бирав сӯи амал ҳоло! – Маро Пири Ҳисорӣ гуфт,
– Ки ин номуси миллатро фақат бо гап намепӯшӣ!

* * *

Азизи ман, зи сарои куҳан чӣ мехоҳӣ?!
Ба гӯри хеш ба ҷуз аз кафан чӣ мехоҳӣ?

Тамоми ҳарфи Худоро фаришта масъул аст,
Тафаккуре бинамо, к-аз сухан чӣ мехоҳӣ?

Қариби нисфи рафиқони ту ба хок шуданд,
Зи оҳи булбулаки аз настаран чӣ мехоҳӣ?

Туро, ки парвариши хоки ин Ватан будаст,
Биё ба хидмати ӯ аз Ватан чӣ мехоҳӣ?

Саодати ману ту дар ҳавои хидмати Ӯст,
Бирав ба тоаташ, аз ҷону тан чӣ мехоҳӣ?

Агар ба тифли худ омӯхтӣ фиребу ҳиял,
Ба пирият дигар аз Аҳриман чӣ мехоҳӣ?

Сафову мартаба дар мулки Тоҷикистон аст,
Куҷо равӣ ба Хито, аз Хутан чӣ мехоҳӣ?

Тамоми киштӣ агар мерасад ба соҳили хеш,
Кунун зи соҳили армоншикан чӣ мехоҳӣ?

Ба доманат чу расад гарди хоки Пири Ҳисор,
Муборакат, ту аз ин пераҳан чӣ мехоҳӣ?

* * *

Эй гул, имрӯз чӣ рӯзест, ба чанг омадаӣ?!
Ин қадар дар назарам ранг ба ранг омадаӣ?!

Ҷони ман, пои гурезу пари парвозат ку?
Ту, ки дар қабзаи мисли мани санг омадаӣ!

Во аҷаб, марди хуморӣ сари роҳам пурсид:
«Ту ҳам аз ҳалқаи он дудаи банг омадаӣ?!»

Соқии майкада аҳволи маро диду бигуфт:
«Май нанӯшида, вале масти қашанг омадаӣ?!

То харобот басо ҷангали хор аст азим,
Магар аз суҳбати он шеру паланг омадаӣ?!»

Гуфтам: «Аз он гули хушкарда хуморе дорам!»
«Соҳибо, – гуфт маро, – нек ба танг омадаӣ!»

Ногаҳ омад хабар аз Пири Ҳисор: «Эй солик!
Софии туст, ки чун шиша ба санг омадаӣ!»

* * *

Агар зи шарми гунаҳ бингарӣ, ки об найӣ,
Ба коргоҳи ду олам ту комёб найӣ!

Худо, ки дода туро умри бениҳоят кам,
Чаро зи рӯзи қиёмат ба изтироб найӣ?!

Бидон ки тавбаи ту мекунад Худой қабул,
Чаро ба пушти дари вай ту дилкабоб найӣ?!

Агар, ки ҷои ту гӯр асту тангнои лаҳад,
Азон шунида ба масҷид чӣ бошитоб найӣ?!

«Агар ту ошиқи зорӣ, – бигуфт майзадае,
– Чаро шикастаи сози наю рубоб найӣ?!

Ба рақс агар ту ба оҳанги дил намеойӣ,
Яқин ба дафтари соҳибдилон ҳисоб найӣ!»

Магӯ: «Ба ишқи Худо рафтаӣ, аё зоҳид,
Ки шаб ту хобиву дар сӯзи Ҳақ хароб найӣ?!

Маро василаи Ҳақ гаштааст Пири Ҳисор,
Ту пир агар, ки надорӣ, кафи туроб найӣ!

* * *

Ба пирият бирасидӣ, дигар чӣ мехоҳӣ?!
Дубора сӯи ҷаҳон болу пар чӣ мехоҳӣ?!

Ҷавонии ту дигар рафтасту маҳзунӣ,
Аё хамидамиён, молу зар чӣ мехоҳӣ?!

Ягона роҳати пирӣ ҳавои зикри Худост,
Фузун зи ҳарфи Паямбар дигар чӣ мехоҳӣ?!

Ғарӣ намудиву фарзандат аз зино омад,
Кунун ту некии фарзанди хар чӣ мехоҳӣ?!

Агар барои падар хидмате накарда будӣ,
Ба гиря дар сари гӯри падар чӣ мехоҳӣ?!

Замонаҳо гузаранд, ин ҷаҳон фано гардад,
Баландии ту замин, болу пар чӣ мехоҳӣ?!

Ту, ки ҷавониву сар дар канори модар мон,
Чи давлате ба кафат, эй писар, чӣ мехоҳӣ?!

Магӯ, магӯ, ки: «Маро нест файзи ин олам!»
Фузун зи тоати файзи саҳар чӣ мехоҳӣ?!

Маро ба ханда чунин гуфт боз Пири Ҳисор:
«Ту, эй зи меҳри Худо, бештар чӣ мехоҳӣ?!»

* * *

Таҳаммул боядат, эй дил, ки мисли шонаи чокӣ,
Ба мисли шона чок астӣ, ки наздики Худо покӣ!

Аз он ашке, ки соҳибдил зи сӯзи туст чашмашро,
Бубин соҳибдилатро ифтихори базми афлокӣ!

Саломи мо алайки хеш мехоҳад, аё дилкӯр,
Ки дар бозори дунё қимати як қабзаи хокӣ!

Машав ғофил, ки қонуни ҳаёти ин ҷаҳон ин аст,
Ки бар як шодият шаш рӯзи дигар сахт ғамнокӣ!

Агар фикри қиёмат аз сари ту дур мегардад,
Пас, он гаҳ бандаи Шайтониву умре ту саффокӣ.[45]

Қаламкаш мекашад ҳар гуна тақдират ба пешонӣ,
Дуо кун, то дигар нақше кашад, гар марди идрокӣ!

Ба мақсад мерасӣ дар ҳар ду олам, додари ҷонам,
Агар покиву дилсофӣ, агар мардиву бебокӣ!

Ҳар он чӣ гуфтаам, сармоя аз Пири Ҳисор аст он,
Бигуфто: «Дар хати мо бош, агар хокӣ, шарафнокӣ!»

---

[45] Хунрез, одамкуш; золим, бераҳм.

## МАСНАВӢ

## ЛАҲЗАЕ АЗ ОЯТИ 133, СУРАИ «БАҚАРА», ТАФСИРИ «ЗАРНИГОРИ ВАЛӢ»

Худованди Карими дури анбоз,
Ишорат кард дар Қуръонаш ин роз:

– Чу марг оғоз кард аз ҷони Яъқуб,
Ба Юсуф гуфт; «Эй фарзанди маҳбуб!

Ҳамеша риштаи ҷонам ту будӣ,
Асои дасти ларзонам ту будӣ,

Туро дар синаи худ парваридам,
Басо дарду фироқатро кашидам!

Замоне ҷабр дидӣ аз бародар,
Ба ҷурме зодаӣ аз батни дигар.

Даруни сина дарду оҳу доғат,
Намудам дашту ҳомунро суроғат.

Натарсидам аз он гурги биёбон,
Суолаш карда будам аз ту, эй ҷон,

Ки фарзанди азизамро ту хӯрдӣ,
Магар шаҳзодаи Чинам ту бурдӣ?!

Вай, охир, мисли моҳи осмон буд,
Ду абрӯи хамаш тирукамон буд.

Маҳин аз чеҳраи ӯ ҳар пагоҳӣ
Ҳамеборид хуш нури Илоҳӣ!

Варо ман дар канорам парваридам,
Ба ҷуз аз вай ҷаҳонро ҳеҷ дидам.

Аз он рӯзе, ки аз пешам ҷудо шуд,
Тану ҷони фигори  ман адо шуд.

Кунун по мезанам андар биёбон,
Дилам аз мурдани вай сахт ларзон.

Куҷо ӯро, бигӯ, эй гург, бурдӣ
Ва ё бо кӯдакони хеш хӯрдӣ?

Яқинам соз то, ки зору ҳайрон
Нагардам ин ҳама дашту биёбон.

Равам бар хона, ҷонамро супорам,
Ки беш аз ин дигар тоқат надорам!»

Будаш ҳарчанд чашми оташангез,
Чу ханҷар чангу дандонаш балохез.

Ба раҳм омад, фиғон бардошт он гаҳ,
Парӯ афтида андар хоки он раҳ.

Бигуфто: «Эй чу ман ошуфта, Яъқуб,
Набурдам аз ту ман фарзанди маҳбуб!

Қасам бар холиқи ин кӯҳу барзан,
Накандам риштаи ҷони туро ман!

Маро сӯзи даруни туст маълум,
Ки аз ман ҳам шуда фарзанд маъдум.

Маро гоҳе хумори рӯяш ояд,
Бисӯзад устухон, ҷонам барояд,

Биборам ашк ҳамчун абри найсон,
Сар андозам ба ҳар дашту биёбон.

Яқин доғаш мисоли оташу дуд
Тану ҷонам кунад як рӯз нобуд!»

Бигуфт инрову сӯи шӯразорон
Зи наздам рафт гурги синабирён

Кашидам оҳ, афтидам сари роҳ,
Набуд ёри ман он дам ғайри Аллоҳ!

Басо аз ҳаҷри ту ранҷур гаштам,
Заифу нотавону кӯр гаштам.

Вале, дидӣ дилат чун босафо буд,
Даруни синаат нури Худо буд,

Туро Ҳақ давлати шоҳӣ ато кард,
Маро бо васлат аз кӯрӣ раҳо кард!

Миёни он ҳама ҷони бародар,
Ба фармони Худо гардӣ Паямбар!

Кунун имрӯз, фарзанди накӯям,
Маро марг аст андар рӯ ба рӯям...



Ҳар гул азизи боғу гулистон намешавад.
Ҳар дида зеби чеҳраи хандон намешавад.
Ҳар мард агарчи даст ба шамшери адл бурд,
Шери худову Рустами дастон намешавад.
Булбул агарчи нола кунад аз самими дил,
Як гарди пои ҳофизи Қурбон намешавад.
Оре, гил аз ҳарорати дил санг ~~намешавад~~ бастааст,
Ҳар санги роҳ лаъли Бадахшон намешавад.
Ҳар шаҳр шаҳри Маккаву мулки Ҳисор нест,
Ҳар остони куде Хуросон намешавад.
Нозам ба ҳарфу суханҳои пири хеш,
Мислаш дар ин замона сухандон намешавад.
Пири тариқатест дар ин минбар, эй азиз,
Бе ӯ вуҷуди даҳр фурӯзон намешавад.
Исмоиле дигар Талабӣ, рав ҳамӯ бош,
Пайдо чунин гуле ба гулистон намешавад.

**Намунаи дастхати Устод Саидалӣ Саид бо хатти муосир**

# РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

## РУБОИҲО

Булбул, ки бирафт, аз он садо мемонад,
Дар хотира ранги гул ҷудо мемонад.
Озурда макун диле, ки он Арши Худост,
Равшан ҳама дар ёди Худо мемонад.

Ханҷар, ки задӣ ту чоки рах-рах бинӣ,
Хун аз сари санг то сари шах бинӣ.
Осуда машав, ки бе ҷазо хоҳӣ монд,
Ин дард ба ҷӯши деги дӯзах бинӣ!

Он миллати бехайр агар нангаш нест,
Як мушт Ватан чӣ?! – Хокаи сангаш нест!?
Сад бор уқоб агар парафшон бошад,
Афтода бимирад он, агар чангаш нест.

Бо хуни ману ту мушти ин хоки Ватан,
Гар лола насабзонаду гулзору чаман,
Мову ту ҳамон харему пӯсидаву лос,
Андар лаби ҷар, ки мехӯрад зоғу заған.

Эй Бор Худо, ҷафо макун ҷони маро,
Пажмурда макун лабони хандони маро!
Дар сояи раҳмати худат ҷой бидеҳ,
Ин духтаракони Тоҷикистони маро!

Ё Раб, ки Ту холиқи тану ҷони манӣ,
Пас, дар ду ҷаҳон Ту худ нигаҳбони манӣ.
Хурсандам агар, ки то ба рӯзи маҳшар,
Дар фикри ҳаёти Тоҷикистони манӣ!

Эй кош, ҳалолу поку хандон мирам,
Як мӯй гунаҳ накарда, осон мирам.
Ё Раб, назаре намо, ки чун бандаи Ту
Дар сояи хоки Тоҷикистон мирам!

Ман бандаи пургуноҳу исён астам,
Саргашта дар ин даҳри ғамистон астам.
Пурсанд: куҷоии ту, рӯзи маҳшар,
– Фарзанди ҳалоли Тоҷикистон астам!

Қомат хаму мӯ сапеду борам чу хас аст,
То мурдани мо куҷо дигар пур нафас аст!?
Аммо ба бари санги мазори модар
Бинҳода сару ба шавқ мурдан ҳавас аст!

Эй модари ҷони ман, басо маъюсам,
Аз ҳаҷри ту вобастаи сад афсӯсам!
Буйида мазори ту, биёям ба ҳавас
Он кафши арӯсии туро мебӯсам!

Фарёд, ки ин ҷаҳон адо хоҳад буд,
Ҳамвору хамӯшу бесадо хоҳад буд!
Вақте ки ба саҳрои қиёмат оранд,
Дар пеши Худо ҳама гадо хоҳад буд!

Эй банда, чаро ту ҳеҷ ғамнок наӣ?!
Аз теғи ҷафои ошиқи чок наӣ?!
Маҷрӯҳ агар набошӣ аз ханҷари ишқ,
Шӯянд ба Зам-зам ҳам агар, пок наӣ!!!

Эй соқии базми ишқ, ман масту ту маст,
Ин шодиву ғам дар асл даркори кӣ ҳаст?
Гуфто, ки ҳамин нукта барои ту бас аст,
– Омад магасе зи хоку бар хок нишаст!

Гар нест хару аробаву хору алаф,
Ин роҳи дароз рафтани мо чӣ ҳадаф?
Дунё агар ишқам асту ин хидмати хар,
Пас, мо ба куҷо равему ку шаъну шараф?!

Эй мард, туро шукри саҳар мебояд,
Бар аҳли аёли худ назар мебояд.
То файзи Худо бубинӣ аз ҳастии хеш,
Гаҳ-гаҳ хабар аз гӯри падар мебояд.

Дидам сари кӯча мардаки сарсоне,
Дар ҳосили ризқи кӯдакаш ҳайроне.
Гуфтам: «Ту ба гунҷишк нигар, он гаҳ пурс,
Онро зи куҷо расад ғизое, ноне?!»

Дунё, ки фарозу шеби саҳро дорад
Сад ағбаву кӯҳу дашту паҳно дорад.
Гар нест вуҷуди одамӣ дар хокаш,
Пас, ҳастии ин ҷаҳон чи маъно дорад?!

Эй хок, чӣ шодӣ, ки ба гӯрам бибаранд,
Дар оғуши танги ту ба зӯрам бибаранд?!
Бингар, ки замонае расад, аз бари ту
Бар боғи биҳишту назди ҳурам бибаранд.

Аз қатъи ҷаҳон хотираҳо мемонад,
Шодиву ғаму дарду бало мемонад.
Сад бор агар ҷаҳон дигаргун гардад,
Он даҳшати дашти Карбало мемонад!

Зоҳид ба ду саҷдаи риё менозад,
Сӯфӣ ба камоли софиаш мебозад.
Як рӯз чаро Худо тамоми инро,
Дар зери замини бегияҳ андозад?!

Ман аз нафаси Худову аз хок шудам,
Аз муждаи дидор ба афлок шудам.
Чун ваъда ба саҳрои қиёмат омад,
Дар хеш фурӯ рафтаму ғамнок шудам.

Эй дил, нашавад хастаи нурат бинам,
Дар сина хамӯшу беҳузурат бинам?!
Аз ишқи Худо даме, ки дурат бинам,
Эй кош, ки дар мағоки гӯрат бинам!

Донам, ки ту ҳар чи ҳаст, дарёб кунӣ,
Беоб шавад ҷаҳон, ту шодоб кунӣ.
Эй хоҷа, туро ҳеҷ балое нарасад,
Як шаб сари гӯри модарат хоб кунӣ!

Баҳри чӣ саломи Ҳақ туро нанг ояд?
Бӯи бадат аз ҳазор фарсанг ояд!
Дар ҷомеъа як бош, ки аз теғи аҷал
Хунобаи ту ба ҳар сари санг ояд!

Ё Раб, чу маро зи хоки тар сохтаӣ,
Донам, ки ба сози ман диле бохтаӣ.
Дил бохтаву сохтаӣ, ҳайронам,
Дар хоки сиёҳам аз чӣ андохтаӣ?!

Ин кӯзагар аз азал аҷаб сохт маро,
Аз нақши накӯи хеш пардохт маро.
Бо хоки ман асрори вуҷудаш бикшод,
Баргашта чаро ба хок андохт маро?!

Овора манам, ғарибу ночор касам,
Ё Раб, Ту агар хоҳӣ ба хонам бирасам!
Розӣ чу бубинам очаи пурҳавасам
Парво накунам агар, сар ояд нафасам!

Бедай бачае такя ба бедай бачае,[46]
Ду чашми сияҳ, сурхосафедай, бачае.
Ду чашми сияҳ дораву абру думи мор,
Дар синаҳакуш ҳазор умедай бачае.

Эй додари ҷон, туро Ватан мебояд,
Эй фохта, бар ту ҳам чаман мебояд!
Обе, ки ту аз кишвари мардум нӯшӣ,
Ҳайфи туву ҳайфи он даҳан мебояд!

Бо майзадагону май ҳузур аст маро,
Бе май дилу ҷону дида кӯр аст маро.
То маънии ҳарфи ман ту дармеёбӣ,
Дар хоки дари майкада гӯр аст маро.

---

[46] Дар ҳавои рубоии халқӣ (Муаллиф).

## ДУБАЙТИҲО

Шаби моро саҳар мебояд, эй дӯст,
Худоро як назар мебояд, эй дӯст.
Ки то бинӣ сафои зиндагонӣ,
Ду нони хушку тар мебояд, эй дӯст!

Ба зӯри таъна марде гуфт моро,
– Назар кун гоҳ-гоҳе зери поро.
Ту дар авҷи фалак асло наёбӣ
Назаргоҳи шарафманди Худоро!

Дар ин дунё ману ту меҳмонем,
Ба зери сақфи гардунӣ равонем.
Фалак дар гирди худ гардону гардон,
Дареғо, мову ту дар хокдонем!

Бидидам шайхаке биншаста мағрур,
Ба гирдаш мардуме чун лашкари мӯр.
Нишаста дар баландиҳои минбар,
Валекин бехабар аз даҳшати гӯр.

Худоё, пасту болоям Ту донӣ,
Ҳақирам ё ки волоям Ту донӣ!
Ба маҳшар обрӯи ман равад ҳам,
Дилам хоҳад, ки аълоям Ту донӣ!

Кушо чашми дили махмури худро,
Бубин имрӯзу ҳоли дури худро.
Агар ойинаи ойин фурӯшӣ,
Ба дастат меканӣ ту гӯри худро.

Аё оқил, агар бо ақлу ҳушӣ,
Ту андар деги мо бояд бичӯшӣ.
Саге гардиву пушти дар бимонӣ,
Агар ту мазҳабу динат фурӯшӣ.

Гуле ҳастӣ ба дасти боғбонат,
Ки гӯӣ ғайри ӯ ку меҳрубонат?
Фиребашро ту он вақте бидонӣ,
Гулоб, эй гул, кашад аз мағзи ҷонат.

Саге бо ҷак-ҷаку бо ҳав-ҳаву шаст,
Гузашт аз бӯстоне волаву маст.
Фиғон зад булбуле аз шохаи гул:
«Чӣ донад қадри гулро ин саги паст?!»

Ҷавонӣ рафту ҷонам беқарор аст,
Маро пирӣ сари раҳ интизор аст.
Агар бо вай сару коре бигирам,
Нишони ман дигар санги мазор аст.

Агарчи ақли одам шаҳри бозест,
На ҳар боғу дарахташ дилнавозест.
На бо ҳар кас бигӯяд рози худро,
Ки худ ошуфтаи донои розест.

Агар мардӣ, ту доно бошу огоҳ,
На чун занҳои беномусу гумроҳ.
Агар шерӣ, бимир, аммо раҳо кун
Шикор аз дасти хунолуди рубоҳ!

Ду-се рӯзаст моро зиндагонӣ,
Шукӯҳу ғайрату умри ҷавонӣ.
Бимир аз гушнагиву дур бигрез,
Аз он аҳли рибову марди зонӣ![47]

Ҷавоне дидам андар кӯча сармаст,
Ба абру сурмаи хокӣ ҳамебаст.
Бад-ӯ гуфтам: «Чӣ ҳикмат дорад ин кор?»
Бигуфто: «Хоки пои модарам ҳаст!»

Агар умрам замоне, ки сар омад,
Чу аз дар ҷонситони ман даромад.
Чи хушбахтам агар як сура хонам
Хуш аз оёти Қуръони Муҳаммад!

Ғалат кардӣ, ки моҳӣ бе садо нест,
Диле дорад, ки бе дарду нидо нест.
Ту бар ҳоли гадо бахри чӣ хандӣ,
Гадо ҳам бе назаргоҳи Худо нест.

Намози бомдод омад ба гӯшам,
Садое, ки рабуд идроку ҳушам.
Бигуфто: «Пои гулро хор гаштӣ!
Баро бар кӯча, ки ман гулфурӯшам!»

Шунидам воизе бо сӯзу соз аст,
Зи минбар то Сурайё ғарқи роз аст.
Валекин синаашро бингаристам,
Шаби торику зоташ ҳуққабоз аст.

[47] Зинокор.

Гуле дидам, вуҷудаш дил надорад,
Ба ғайри рангу бӯ ҳосил надорад.
Зи рангу бӯи он бар мо чи ҳосил,
Агар дар синааш бисмил надорад!?

Касе бо қаҳру бо тезӣ ситезад,
Ба  ноҳақ ӯ агар хуне бирезад,
Яқин донад, ки дар рӯзи қиёмат
Ба паҳлуи Муҳаммад барнахезад!

Маро чашмест мафтуну хуморӣ,
Гирифтори ҷафои интизорӣ.
Ки боре дар тамошо ғарқ гардам,
Ба рафтори ғизолони ҳисорӣ.

Басо хуни ҷигар мебоядам шуд,
Ки то соҳибназар мебоядам шуд.
Барои хидмати ойину кешам
Ба монанди падар мебоядам шуд.

Дилам хоҳад шаробеву кабобе,
Табу тобе, канори ҷӯйи обе.
Бирақсад, ишва созад Моҳтобе
Ба созу нолаи чанге, рубобе.

Ба дил дарду ба дил дарду ба дил дард,
Лабонам ташнаву рухсораам зард.
Чаро аз пушти ман бо ханҷар ойӣ,
Ту номардӣ, ту номардӣ, ту номард!

Намедонам ҷавонам ё ки пирам,
Худовандо, Ту бошӣ дастгирам!
Бисӯзам, кош, аз ишқи Муҳаммад,
Ба оятҳои Қуръонат бимирам!

Назар кун ин дили мафтуни моро,
Ду чашми доимо маҳзуни моро.
Ҷафо бар ҷони ман овар, валекин
Дар ин саҳро марезон хуни моро!

Ба шоҳинбачча панди модар ин аст,
Ки ҷойи ту на паҳнои замин аст.
Пару болат кушо то авҷи афлок,
Нигаҳбонат Худои нозанин аст!

Саҳар кардам гузори шохсорон,
Бидидам булбуле хомӯшу ҳайрон.
Ба ман гуфто: Фалак акнун бигиряд,
Зи ишқи гул ба сони сели борон!

Намебинӣ, ки чашмам ашкбор аст,
Туро то рӯзи маҳшар интизор аст!?
Диле дорам, ки танҳо бар ту додам,
Ки он чун чашмасорони Ҳисор аст.

Азоби ҳар ду оламро кашидам,
Зи сӯзи по ба ҳар дарё давидам.
Маро пурсӣ, ки душманзодаат кист?
– Ҳамон одам, ки бо ҷон парваридам!

Маро бар гул нигоҳи зор будаст,
Чаро дар чанги нафъи хор будаст?
Магар нақши азалро ҳикмате ҳаст,
Ки бо хор аз таваллуд ёр будаст?!

Худо донад фақат амри қазоро,
Кадом одам канад ин гӯри моро?
Куҷо донам кафандӯзам кӣ бошад,
Кӣ менолад мани бишкастапоро?!

Намедонӣ, ки инсон омадӣ ту,
Ақиқи поки имон омадӣ ту.
Чаро сар мекашӣ амри Худоро,
Магар аз пушти Шайтон омадӣ ту?!

Чаро ту мезанӣ бо қаҳр нешам,
Ки бе ин ҳам ғизоли реш-решам?!
Бирав, аз ман, ки ман аз рӯзи бунёд
Шаҳиди мазҳабу ойини хешам!

Бидидам булбуле дар шохаи тӯс,
Ба гул мегуфт: Бархез, аз лабам бӯс!
Маҷоли болу пар дигар надорам,
Бимирам, оқибат афсӯс, афсӯс!

Даву този ҷавонӣ тез-тез аст,
Ғизоли масту доим дар гурез аст.
Чаро худро занӣ дар баҳри дунё,
Ки обаш тунду феълаш мавҷхез аст?!

Бувад қонуни ин дунё пасопеш,
Равад охир паси ҳам шоҳу дарвеш.
Шавад шарманда дар назди Худованд,
Касе, ки мефурӯшад мазҳаби хеш!

Шунидам булбули ҳолаш табоҳе,
Кашид аз дарди дил ингуна оҳе:
– Худовандо, ба гул ҷонам фидо кун
Барои хандае, лутфе, нигоҳе!

Ба ҷои дил на ҳар тан санг дорад,
Бувад низ одаме фарҳанг дорад.
Вале гирди сари қавме бигардам,
Ки дар мағзи вуҷудаш нанг дорад!

Бирав, эй ҷӯраи номарду нодон,
Шудам аз кинаи ту хонавайрон!
Ту море будаӣ дар остинам,
Ки аз неши ту гаштам зору ҳайрон.

Нагӯям, эй писар, монанди ман шав,
Чу Саъдӣ шоири зебосухан шав!
Ҳар опчи мешавӣ, хуш бош, аммо
Шаҳиди хоки поки ин Ватан шав!

Ҷаҳони мо арӯси пиразол аст,
Талоқаш гар диҳӣ коре ҳалол аст.
Бирав майхонаву май нӯшу биншин,
Ибодат бе маю соқӣ вубол аст!

Ҳаёти ин ҷаҳон пурпечу тоб аст,
Гаҳе обод он гоҳе хароб аст.
Равад аз дасташ обу хоку номаш,
Ҳамон қавме, ки бепарвою хоб аст!

Маро бо Тури Сино кору бор аст,
Чу Мӯсо ошиқи он кӯҳсор аст,
Ҳанӯзам оташе дар сина дорад,
Ки аз ишқи баланди Кирдугор аст.

Гулеро парварад чун боғбонаш,
Гулобашро кашад аз мағзи ҷонаш.
Куҷо парво намояд марди сайёд
Ба сайду нолаву оҳу фиғонаш?!

Наёбад равшанӣ гар ҷони фонус,
Намегардад варо парвона побӯс.
Ҳамон миллат шавад барбоду нобуд,
Ки бифрӯшад агар ӯ нангу номус.

Ба дунё ғайри номи ӯ намонад,
Зи мо абруву чашму мӯ намонад.
Равад булбул ба оҳу дарду афғон,
Дареғо, гул бимирад, бӯ намонад!

Ҳамеша ҳар касе шоҳу гадо нест,
Шикасти шишаи дил бесадо нест.
Чи механдӣ ту масти рӯи раҳро,
Диле дорад, ки он ҳам бе Худо нест?!

Қаландар меравад манзил ба манзил,
Ба ҳар сӯе ба ҳар дарёву соҳил.
Агар миллат надорад нангу номус,
Аз он миллат дар ин дунё чи ҳосил?!

Ту не шоҳу на дар Арши Худоӣ,
Чаро аз хулқи инсонӣ ҷудоӣ?!
Ман имрӯзам агар пушти дари ту,
Ту фардо дар сарои ман гадоӣ!

Ай инсон, пешаи худ кун вафоро,
Бирон аз феъли худ ҷабру ҷафоро!
Ки дар пеши Худо шарманда созӣ
Халилу Ҷабраилу Мустафоро!

Ман акнун серам аз андарзу аз панд,
Зи шаҳди ангубину лаззати қанд.
Маро танҳо бигӯ то рӯзи маҳшар
Зи авсофи Бухорову Самарқанд!

Чӣ ранҷонӣ маро, ман дарднокам,
Ба мисли булбулони чок-чокам?!
Кашам оҳе, ки сӯзад хонумонат,
Агарчи пеши ту як мушти хокам!

Фалак, донистамат, номард будӣ,
Ки ту ёрони деринам рабудӣ!
Ду-се ноне, ки ризқам аз Худо буд,
Ту заҳри ҷони ширинам намудӣ!

Саҳар вақти намоз омад нидое,
Зи лаҳни булбули ширинадое:
– Фидои он касе гардам, ки дорад
Диле, пайғамбаре, пире, Худое!

Чаро, эй марди золим, бевафоӣ,
Зи некӣ мегурезӣ, пурҷафоӣ?!
Намедонӣ дар ин дунёи ғафлат,
Ту ҳам аз умматони Мустафоӣ!?

Ту аз гул бурдаӣ рангеву бӯе,
Зи соқӣ соғару ҷому сабӯе.
Куҷо донӣ дил андар синаи мо,
Чи дорад оҳу дарду гуфтугӯе?!

Ҳар он мардум, ки бераҳманду тезанд,
Баҳори нав чу сабза барнахезанд.
Чаро ки ҷои об аз хуни одам
Ба ҳалқи танги он миллат бирезанд.

Агар бар дасти золим наштаре ҳаст,
Ба дафъаш гиряву чашми таре ҳаст.
Магӯ, донои рози ин ҷаҳонӣ,
Ки болои сарат Донотаре ҳаст!

Саре дорам, ки савдои ту дорад,
Сафои ишқу парвои ту дорад.
Агар Маҷнуни дигар гардам, ин дил
Ҳавои дашту саҳрои ту дорад.

## АНДЕШАПОРАҲО

Онгаҳ ки ба даҳр омадам тифле хурд,
Халлоқи ҷаҳон ду ғам ба дастам бисупурд.
Як ғам, ки чи гуна зиндагӣ бояд кард?
Як ғам, ки чи гуна дар ҷаҳон бояд мурд?

Аз Дарғ баромадам, ки Похут омад,
Пире ба либоси сурхи моҳут омад.
Ҳотиф хабарам дод, ки: «Эй масти Худо,
Ин марди Худой дар паноҳут омад!»

Эй бехабар, зи лаззати он хоби ноз хез,
Баҳри Худо ба тоату зикру намоз хез!
Садҳо ниёз дар дилат имрӯз хуфтааст,
Бархез, баҳри рӯзиву ризқу ниёз хез!!!

Ба номи он, ки абрӯ каҷ кашида,
Касе ингуна каҷ зебо надида.
Кашад бе мӯқалам ҳар гуна тасвир,
Куҷо бинӣ чунин Зоти Мусаввир!

Эй модар, он чи ранҷ, ки бурдам барои ту,[48]
Дил пора-пора карда супурдам барои ту.
Афсӯс мехӯрам, ки дар ин рӯзгори талх
Мурдам ҳазор бору намурдам барои ту.

Дар савмаа мурғаке маро омаду гуфт:
– То чанд туро намозу ин гуфту шунуфт?

---

[48] Бо хоҳиши Мулкиябонуи Зайниддин эҷод шудааст (Муаллиф).

Ё сина ба ханҷари Худо бояд зад,
Ё ҳалқаи даргоҳи Худоро барсуфт!

Дар майкада май агар бинӯшам, ба ту чӣ?
Дар деги шаробу май биҷӯшам, ба ту чӣ?
Гар ояти Қуръон ту фурӯшӣ, чӣ ба ман?!
Ман май ба баҳои зар фурӯшам, ба ту чӣ?!

Иҷрои баду нек дар ин ҷаҳони гузаро,
Гар ҳаст ба амри вай дар ин куҳнасаро.
Гӯяд ба касе: «Ҷаҳаннамиӣ ту!» – Чаро?
Гӯяд ба каси дигар: Ту Фирдавс даро!?

Бар шохаи ҷони ман биё, булбули ман!
Бингар ту гаҳе ба ман, гаҳе бар гули ман.
Ман май шаваму ту бар гулӯ рез маро,
То масти Худо шавӣ ту аз қул-қули ман!

Ҳушёр шав, эй мард, чӣ некиву чӣ зишт
Рӯзе ту ҳам инҷо шавӣ чун донаи кишт.
Он кун, ки Худо туро ба тақдир навишт,
Ё оташи дӯзахат диҳад ё ки биҳишт.

Нола кун, дар гиря бош, эй ошиқи Пири Ҳисор,
Қадри ту назди Худо бе чашми пур аз об нест!

* * *

Рӯҳ агар аз нафси тан берун кашӣ, ошиқ шавӣ,
Дидаи Маҷнун ҳавои дашту ҳомун мехӯрад!?

* * *

Сафедии сари сахтам гувоҳи бегунаҳист,
Вале бигӯ, чи касе ҳам гунаҳ накарду бизист?!

* * *

Гарчи дар дунё мақоми меҳри пок аз модар аст,
Дар муҳаббат нисбати одам Худо болотар аст!

* * *

Ҳар куҷое қатраи хун дидам аз дил мечакад,
Чун бипурсидам, бигуфто: «Хуни Бедил мечакад!»

* * *

Фаҳмиши Бедил ривоятҳо таҷассум мекунад,
Берун аз Қуръон касе хонад, раҳаш гум мекунад.

* * *

Агар бар миллате парчам набошад,
Вуҷудаш дар хати олам набошад!

Эй раҳгузар, аз мо шунав ин арзу нидо,[49]
Мо шоҳу вазирему фақирему гадо,
Моро ту агар бипурсӣ аз баҳри Худо,
Муҳтоҷи дуоему дуоему дуо!

Эй марди шариф, агар дилат огоҳ аст,[50]
Умри ману ту дар ин ҷаҳон кӯтоҳ аст.
Ин ҷо ба дуо бош, ки оромгаҳ аст,
Як мушти сияҳхоки гадову шоҳ аст!

* * *

Ман бода ба ишқи Ҳамадон менӯшам,[51]
Ҳам бодаи ҷоми софи он менӯшам.
Гар бадгуҳаре таъна занад майнӯшам,
Май ҷома кунам, ба қасди аблаҳ пӯшам!

---

49 Катиба бар дарвозаи мазори Белайдуз
50 Катиба бар дарвозаи мазори Бағалак
51 Аз ашъори Акои Шодимурод

* * *

Чунин гуфт Баҳлули фархундафол,[52]
Ки ман аз Худо пеш будам ду сол.
Ҳамон вақт онро намудам суҷуд,
Ки Зоту сифоти Худо ҳам набуд.

*Шарҳи ин гуфтаҳо:*

Замоне Худованди буду набуд,[53]
Ки ин буду ин шуду ҳастӣ набуд,

Зи нураш яке рӯҳи пок офарид,
Нафас нокашида намудаш суҷуд.

Суҷудаш хуш омад ба Парвардигор,
Ба якбора дарҳои сунъаш кушуд.

Бигуфто, ки: «Худро намоям шинос,
Ба халқе, ки ҳоло надорад вуҷуд».

Аз он пас ҷаҳонро, ки «ҳастист» ном,
Ба «Шав!» гуфтани хеш пайдо намуд.

Фалакҳо ба як сӯву сайёраҳо,
Яке сурху обиву зарду кабуд.

---

52 Баҳлули Маҷнун – яке аз шогирдони Имом Ҷаъфари содиқ.

53 Вақте ин гуфтори Баҳлули Маҷнунро нашр намудем, аз аҳли дил хоҳиш намудем, ки шарҳу андешаҳояшонро бигӯянд. Шахсан ба ман бисёр гуфтанд ва шояд пеш-пеш дар саҳифаҳои фейсбук низ изҳори ақида намоянд. Вале ман як Акои бисёр ирфонӣ дорам ба номи Шодимурод, ки дирӯз шарҳи ин рубоиро бисёр зебо гуфтанд ва байти аввали шарҳашонро тариқи назм гуфта, ҳамчун Ако супориш доданд, ки онро анҷом дода, нашр намоям. (Муаллиф)

Заминро пур аз халқу мавҷуд кард,
Ба шаклу ба рангу ба нафъу ба суд.

Аз он лаҳза то ҳол чизе, ки ҳаст,
Бихонанд аз баҳри зоташ дуруд.

...Хулоса, ҷаҳонро аз он офарид,
Ки зебо Муҳаммад намудаш суҷуд.

Шунав аз ман акнун, ки Баҳлули вақт,
«Ду сол» аз чи дар сатҳи гуфтор-ш буд?

– Ду сол он масоҳат бувад бо Худой,
Ки байни Худо то Муҳаммад намуд.

Ҳама чо, ки бошад қарори Худо,
Нагуфту нагӯяд ба аҳли вуҷуд.

Фақат ломакон гӯяд онрову бас,
Варо ақли инсон натонад кушуд!

Кунун фикр кун, ки як ломакон,
Ки не арз дорад, на тӯлу ҳудуд,

Ҳамон оламе, ки Худо халқ кард,
Набошад ба ин даҳри мо ҳамнамуд.

Набуд ин ҷаҳони ману ту, вале
Буд он Холиқи ломакони Вадуд.

Чу дид аз Муҳаммад накӯ саҷдаро,
Дари ҳастии ин ҷаҳонро кушуд.

Набудӣ агар саҷдаву зоти ӯ,
Набуд ин ҷаҳони пур аз деру зуд!

Аз он ломакон Ӯ маконе бисохт,
Ки ҳар ҷузъи олам бисозад суҷуд.

Бале, гар намебуд ба ҷуз аз Худой,
Ба Зоту сифоташ киро роҳ буд?!

Басо аз муҳаббат ба зоти Расул,
Чу қуфле дари ҳастии мо кушуд,

Аз он пас сифоташ ба мо гуфт Ӯ,
Ҳам аз васфи зоташ, ки бар вай дуруд!

Ҳамин аст розе, ки Баҳлул гуфт,
Ки мо назм кардему мардум шунуд.

* * *

Аз дасти аҷал ҳеҷ касе зинда намонад,
Ҳам шоҳу гадо, давлати поянда намонад!
То зинда туӣ биханду базме орой,
Дар мурда бубин он лаби пурханда намонад!

* * *

Ин соғари пири мо Ҷомест аз Искандар,
Парҳез макун ҳаргиз аз бодаи ин соғар.
Сирри ду ҷаҳон хоҳӣ, асрор зи Пайғамбар,
Май нӯшу ба мастӣ рав бисёр аз он дигар!

* * *

Шармам ояд миллатеро хоки ӯ душман гирифт,
Вай ғулому душманаш дар хоки он маскан гирифт!!!

# МЕҲРГОНӢ

***Раҳмат Назрӣ***

## НИЁИШИ НИЁГОНӢ

*Ҳафт барги сабз ба дӯсти*
*фарзонаам Саидалӣ Саид*

**I.**

Эй Худованди сипеҳри бекарон,
Ҳастии ҷовиду меҳри бекарон!
Дар хами гардуни гардон сӯи ту
Кай кунад истораи бахтам қирон?
Рӯшноии ту мехонад маро,
Сӯзадам дар офтоби Ховарон.
Домани сабзи туро орам намоз,
Гул кунад аз ранги зардам заъфарон.
Сар ниҳам сӯи ту дар роҳи умед
Сарнагуну саргарангу саргарон.
Дар ту меҷӯям паноҳ аз хештан,
Эй Худои ман, маро аз худ марон!

**II.**

Диламе, во диламе, во диламе,
Сӯхт сӯзи дилам обу гиламе!
То нависам алами хеш, бубахш,
Эй Худованди қаламкаш, қаламе!
Гардам аз номаи пешонии худ,
Зарнависии ту шуд зарҳаламе.
Дар сипоси ту бигирям, ки диҳӣ
Посдори ғами худро аламе.
Роҳ бинмой, ки аз боғи умед
Мурғи раҳгумзадаи ҷангаламе.
Моҳ бинмой, ки дар тирашабон
Рӯзи дидори туро маъталаме...

**III.**

Ҷуз Худо ёдрасе нест маро,
Ҷуз Худо додрасе нест маро.
Ҷуз Худои азаливу абадӣ
Ҳеҷ фарёдрасе нест маро.
Зиндагонӣ ғаму шодии Худост,
Дар сипосаш сипасе нест маро.
Ҷуз ҳаводории ҷовиди Худо
Дар сари худ ҳавасе нест маро.
Ҷуз дили эзадии синаи пок
Мурғи зори қафасе нест маро.
Ҷуз Худо ҳастии ҳастӣ ҳеҷ аст,
Дар каси хеш касе нест маро.

**IV.**

Сармаст ё сарсахт худро худ кунем,
Хушбахт ё бадбахт худро худ кунем.
Пас бо ҳама чуну чарои худ чаро
Дар зери гардун шиква аз эзад кунем?
Аз нек некӣ мерасад, аз бад бадӣ,
Бо худ кунемаш, ҳар чи неку бад кунем.
Зиштӣ нағунҷад дар шумори бешу кам,
Бояд ки як хубии худро сад кунем.
Дар ҳастии кас кина орад нестӣ,
Бояд, ки меҳри хешро сармад кунем.
То дар замири худ Худоро ҷо диҳем,
Бояд, ки худро дар дили худ рад кунем!

**V.**

Раҳ ба даргоҳи Худо овардаем,
Ғам ҷудо, шодӣ ҷудо овардаем.
Доғи дунё дар дили пурсӯзи хеш,
Дар кафи холӣ дуо овардаем.

Чашми худ пӯшидаем аз орзу,
Ормон дар чашми во овардаем.
Гиряҳои талху ширини хамӯш,
Нолаҳои бесадо овардаем.
Доди худро сӯи додори бузург
Аз ҷаҳони маргзо овардаем.
Дар дили мо зиндагонӣ мурдааст,
Бандагии худ ба ҷо овардаем.

**VI.**

Ҳастии мо, эй Худо, ҳасти ту бод,
Ҷони мо ҷовид пайвасти ту бод!
Ҳамчу гулхан дар намози офтоб
Ишқи рӯҳонии мо масти ту бод!
Чун дуои нек дар тӯмори пок
Сарнавишти мо ба фехрасти ту бод!
Дар набарди ҷовидони неку бад
Панҷаи гирои мо шасти ту бод!
То кароматҳи қаландар сайри ӯст,
Дар танобӣ роҳ побасти ту бод!
Эй Худо, дар ин ҷаҳони бепаноҳ
Бар сари мо сояи дасти ту бод!

**VII.**

Бо ҳазору як ниёиш, эй Худо,
Бо ҳазору як ситоиш, эй Худо,
Дар гулӯ оҳи гиреҳ андар гиреҳ,
Аз ту мехоҳам кушоиш, эй Худо.
Таҳ ба таҳ месӯзам аз андӯҳи дил,
Нест сӯзамро намоиш, эй Худо.
Сӯи оташ хуни оташгуни ман
Мекунад аз таб гароиш, эй Худо.

Дар ҷаҳон ҳамвора сарсахтии ман
Мехӯрад бар санг соиш, эй Худо.
Зери бори чарху сарбории он
Мекунам то чанд поиш, эй Худо?!

*Соли 1997*

## МЕҲРИ СИПЕҲРӢ

*Соядасте барои Саидалӣ Саид*

Гарданафрозиву гардунзодаӣ, эй дӯст,
Даст бар гардуни гардон додаӣ, эй дӯст.
Аз рухат меҳри сипеҳрии ту метобад,
Дар замин аз осмон афтодаӣ, эй дӯст.
Мекунӣ бовар ба мардум аз самими дил,
Бо ҳама доноии худ содаӣ, эй дӯст.
Гарчи аз андешаи дунё парешонӣ,
Бо сари озоди худ озодаӣ, эй дӯст.
Оташи ҷовиди покиро ту аз хуршед
Дар ниҳоди неки худ бинҳодаӣ, эй дӯст.
Аз сиришти хеш сӯи сарнавишти хеш
Гирди гардун роҳи дил бикшодаӣ, эй дӯст!

*Соли 1998*




**Намунаи дастхати Устод Саидалӣ Саид**

# СӮГНОМА

* * *

Эй дӯст, ту ҳам рафтиву ногоҳ гиристам,
Вомонда дар ин манзалати роҳ гиристам.
Ин умр, чӣ умрест, ки як лаҳза дар онӣ,
Нодидаву нашнидаву худхоҳ гиристам.
Асрори азал раҳм надорад ба ману ту,
Дарёфтаам, рафт, ман огоҳ гиристам.
Чун шуълаи барқе хабар аз марги ту омад,
Бо ҳастии афсурдаи гумроҳ гиристам.
Ин одамӣ аз асл гунаҳгор расида,
Бар қисмати одам ба ҳазор оҳ гиристам.
Эй дӯст, ту ҳам рафтиву ногоҳ гиристам,
Рӯ ҷониби хилватгаҳи Аллоҳ гиристам.

***Ҳабибулло Нозирӣ***

* * *

Рафтӣ аз мо, монда бар мо чашми тар, ёдат ба хайр!
Кошта тухми сухан дар баҳру бар, ёдат ба хайр!
Хушкалому меҳрубон, дунёи маънӣ чокарат,
Ту суханро карда будӣ тоҷи сар, ёдат ба хайр!
Зарнигорӣ кардаӣ ҳарфи Худои зулҷалол,
Бошӣ акнун назди Ӯ бологузар, ёдат ба хайр!
Зузанабсон тарк кардӣ осмони бахти мо,
Монда ёрон ногаҳон чашмон ба дар, ёдат ба хайр!
Шарҳи қилу қол маънои ҳаётат гашта буд,
Ғарқ буд дунёи ту бо шеъри тар, ёдат ба хайр!
Орифи кохи ғазал, Пири Ҳисорат хондаанд,
Бар ғазал бахшида рафтӣ зебу фар, ёдат ба хайр!
Аз дареғогӯйӣ ашки чашми ёрон рӯд шуд,
Во дареғо, Сайдалии хушназар, ёдат ба хайр!
Орзуи мо дуое буд аз кафҳои ту,
Мекунем акнун дуо шому саҳар: Ёдат ба хайр!

Гуфт Султон ин ғазал бо сад алам аз сӯзи ҷон,
Дар фироқи дӯсти кӯҳи гуҳар, ёдат ба хайр!

***Султонмуроди Одина***

* * *

Аз дидани ту сафед мехест дилам,
Чун тифл ба субҳи ид мехест дилам.

Идонаи ман каломи ширини ту буд,
Ширинсуханӣ тарзи ту, оини ту буд.

Пеши даҳанат гарм буд аз лутфи Худо,
Дар гунаат озарм буд аз лутфи Худо.

Аз лафзи тари ту об мехӯрд дилам,
Аз хандаат офтоб мехӯрд дилам.

Аз чини ҷабини ту ҷамоли хуршед
Метофту мешуд рухи иқбол сафед.

Аз шаҳр ба шаҳр дар равуо будӣ,
Аммо ҳама умр марди танҳо будӣ.

Ғам кушт турову кас хабардор нашуд,
Хобидаи гӯши фил бедор нашуд.

Ҷонат, ки ба танг омад, аз тан бигузашт,
Афшонда ба дарду ранҷ доман, бигузашт.

Ҳарчанд ҳама ситора хонданд туро,
Хомӯш шудӣ, ба хок монданд туро.

Аз сӯзи дил аст, он чӣ мегӯям ман,
Дар хуни ду дида рӯй мешӯям ман.

Ин ашк, ки дона мекунам, аз ғами туст
В-ин хун шудану чакидан аз мотами туст.

Ай муршиду ай пир, Худо ёрат бод,
Ай соҳиби «Тафсир», Худо ёрат бод!

Ай Ҳақ ба ту наздик, паноҳат ба Худо,
Дар хонаи торик паноҳат ба Худо!..

*Давлати Раҳмониён*

* * *

Он ки тоҷи сару болу пари мо буд, бирафт,
Он ки ҳам довару ҳам ёвари мо буд, бирафт.
Гумраҳонем дар ин ғамкада, он Пири Ҳисор –
Беҳтарин пири ҳидоятгари мо буд, бирафт.
Қиммату қадри каломи сара нашнохтаем,
Хирмани гавҳару симу зари мо буд, бирафт.
Дидаем оби дари хона чаро лойолуд,
Ганҷи ноёбтарин дар бари мо буд, бирафт.
Гули ҳар мисраи ӯ накҳати Қуръон дорад,
Зеби ҳар маҷлису ҳар минбари мо буд, бирафт.
Дар ҳама кор ба мо ёри қариб аз мо буд,
Ҷигари мо, акаву додари мо буд, бирафт.
Ҳар каломаш ҳама саршори муҳаббат буду сидқ,
Дар дилу дар қаламу дафтари мо буд, бирафт.
Дошт бардошт, ки бардошти ӯ дошт надошт,
Огаҳ аз ҳар гапу шӯру шари мо буд, бирафт.
Дӯсташ ҷумла ба ҷон аз таҳи дил медоштем,
Бовари мо буду нобовари мо буд, бирафт.
Эй Худо, ёри Худоҷӯ бишав, он Пири Ҳисор
Раҳнамову ҳакаму раҳбари мо буд, бирафт.

* * *

Пири дарёдили дарёсуханон, Пири Ҳисор,
Хондадонандаи асрори ниҳон, Пири Ҳисор.
Хостӣ, ман бисароям ғазали ирфонӣ,
Решапайванд ба ирфони ҷаҳон, Пири Ҳисор.
Гоҳ чун баҳри дамон будию гаҳ уқёнус,
Дилзанон, мавҷзанон, ҷӯшзанон, Пири Ҳисор.
Ҳамчу бӯйи гули садбарг бирафтӣ зи ҷаҳон,
Доғ мондӣ ба дили пиру ҷавон, Пири Ҳисор.
Пирҳои ҳама дунё зи ту ибрат гиранд
Ҳам ба дил, ҳам ба амал, ҳам ба баён, Пири Ҳисор.
Ҳарф ширину садо фораму равшан чеҳра,
Лаҳни ҷаннат ба даҳони ту забон, Пири Ҳисор.
Лутфи ту бо ҳама дилкаш, дили ту бо ҳама хуш,
Хуш ба ҳолат, ки будӣ марҳами ҷон, Пири Ҳисор.
Иди Қурбон пагаҳаш омаду хандон рафтӣ
Пеш аз ид, саҳар, баъди азон, Пири Ҳисор.
Бар Худо ишқи Худоҷӯ ту бикардӣ афзун,
Сайргоҳат абадӣ боғи ҷинон, Пири Ҳисор.

* * *

Дигар он Пири Ҳисор, он шамси ҷонафрӯз нест,
Дигар он тақдири сабзу толеи пирӯз нест.
Дилдиҳӣ мекард моро айни рӯҳафтодагӣ,
Дигар он пири хирад, устоди пандомӯз нест.
Рӯ ба Қуръон оварам, то сабз гардам ҳамчу ӯ,
Дигар андар рӯзгорон рӯзии Наврӯз нест.
Сер аз ҳарфаш намегаштем дар дидорҳо,
Дигар он армони ҷон, он орифи дилсӯз нест.
Ҷурми мо пайваста мепӯшиду мешуд раҳнамо,
Дигар андар қисмати мо он савобандӯз нест.
Ҳар нафас, ҳар лаҳза, ҳар суҳбат ғанимат будааст,
Дина ӯ ҳамроҳи мо буду дареғ, имрӯз нест.

Эй Худоҷӯ, бар Ҳисори Шодмон шодон марав,
Дигар он Марди Худо дар самти Белайдӯз нест.

***Хайрандеш***

* * *

Яке фарзонаи давру замон рафт,
Яке нозукбаёни нуктадон рафт,
Яке наҷми дурахшон з-осмон рафт,
Яке дурдонае аз баҳру кон рафт,
Аз ин маҳфил чароғи дӯстон рафт.

Касе, ки дӯстдори олимон буд,
Харидори каломи шоирон буд,
Муриди Бедилу шореҳи он буд,
Чу Мӯсо бо таҷаллӣ ҳаминон буд,
Чу Исо покбозу покҷон рафт.

Умедам дидани руйи маҳаш буд,
Ду чашмам доимо андар раҳаш буд,
Ба лабҳо нақши номам ҳар гаҳаш буд,
Пур аз нури Илоҳӣ даргаҳаш буд,
Чу рӯҳи пок сӯйи ломакон рафт.

Намонд акнун ривоҷи «Сайди маънӣ»,
Зи сар афтод тоҷи «Сайди маънӣ»,
Шикаст якбора оҷи «Сайди маънӣ»,
Наҷӯяд кас хироҷи «Сайди маънӣ»,
Ки як сайдафкане, шери жаён рафт.

Каломи «Зарнигор»-аш нотамом аст,
Дигар шодӣ барои дил ҳаром аст,
Ба шаҳри ишқ на бода, на ҷом аст,
Дареғо, тири гардун каҷхиром аст,
Ғиреви оҳи ман аз мағзи ҷон рафт.

Видояш бурд аз дил комронӣ,
Ба худ бурда нишоти зиндагонӣ,
Намегӯям сухан аз ҷовидонӣ,
Кунун корам шуда марсияхонӣ,
Нишоне аз ҷаҳони бенишон рафт.

Зарифӣ хуни дил аз дида борем,
Бисабзад гул, ба қабри ӯ гузорем,
Зибаски тоқати ҳиҷрон надорем,
Маҳу рӯзи ҷудоӣ мешуморем,
Азизе аз қафои корвон рафт.

* * *

Раҳнамою муршиди хурду калон Пири Ҳисор,
Ҳамнишини  оқилону орифон Пири Ҳисор.
Монд баҳри дӯстон абёти худ бар ёдгор,
Бурд бо худ, эй басо рози ниҳон, Пири Ҳисор.
Аз самуми ногаҳонии аҷал ҳангоми субҳ,
Рахти худро баст аз мулки ҷаҳон Пири Ҳисор.
Ишқи Ҳақро месуруд як умр дар тафсири хеш,
Дошт номи Ҳақ ҳамеша бар забон Пири Ҳисор.
Рафтанаш дар синаи мо доғ бинҳоду вале
Ёфт бар худ тахту шони ҷовидон Пири Ҳисор.
Оқибат боди саҳар ӯро ба худ ҳамроҳ бурд,
Рафт аз олам чу як барги хазон Пири Ҳисор.
Медамад гул аз сари хоки сиёҳаш баъд аз ин,
Рафт чун ахтар ба сӯи осмон, Пири Ҳисор.
Кай дигар пайке зи Белайдӯз ояд сӯи мо?
Хушк шуд чун чашмаи оби равон, Пири Ҳисор.
Эй Зарифӣ, марги ӯ бошад аҷаб бистуданӣ
Ҷой дорад дар дили боғи ҷинон Пири Ҳисор.

* * *

Ҳодии роҳи тариқат, пири пандомӯз рафт,
Ганҷи дунёи муҳаббат, толеи фирӯз рафт.
Бурд бо худ аз дили мо сабру тамкину нишот,
З-осмони толеи мо моҳи шабафрӯз рафт.
Баъд аз ӯ аз Меҳргони тоза кай ёд оварам?
Аз баҳори умри ман файзи хуши Наврӯз рафт.
Шеъри тар мекард Қуръони азимушшаънро,
Қории Қуръону ровии хуши гулдӯз рафт.
Дӣ ба мо медод таълими сухандонӣ, вале
Аз гулистони таманно ногаҳон имрӯз рафт.
Мефиристод ӯ дуъо бар рӯҳи поки Нақшбанд,
Иди Азҳо даррасиду муршиди дилсӯз рафт.
Эй Зарифӣ, гиря кун аз субҳ то домони шаб,
Ахтари кохи Ҳисору шамъи Белайдӯз рафт.

***Исмоил Зарифӣ***

* * *

Худо созад раҳат пурнур, эй устод, хуш рафтӣ,
Ба сӯйи охират масрур, эй устод, хуш рафтӣ.
Ту тафсири Худо гуфтӣ, дуруди Мустафо гуфтӣ,
Муҳиббонро шудӣ мазкур, эй устод, хуш рафтӣ.
Дилат дарёи ирфон буд, маонӣ дурру марҷон буд,
Дар ӯ ишқи Худо мастур, эй устод, хуш рафтӣ.
Ту пирӯз омадӣ бо нафси фиръавнии маккора.
Чу Мӯсо бар фарози Тур, эй устод, хуш рафтӣ.
Дар он маҳфил туро бори нахустин дидаму гуфтам:
Хушо, чашми бад аз ту дур, эй устод, хуш рафтӣ.
Садоят дилнишину лаҳҷаат зебову гуфторат
Зи ҳарфи нохирад манфур, эй устод, хуш рафтӣ.
Надонистам, ки бори дигарат нодида хоҳам мурд
Аз он дам то макони сур, эй устод, хуш рафтӣ.

Хабар омад, ки эй Наққош, пири нуктадон рафта,
Ҷаҳонро карда чун дайҷур, эй устод, хуш рафтӣ!

***Иброҳим Наққош***

* * *

Эй бехабарон, Пири хирад аз бари мо рафт,
Афсӯс, сад афсӯс, ки бе чуну чаро рафт.
Ҷонаш, ки барои Ватану халқ ҳамесӯхт,
Чун буд амонат, ба алам сӯи само рафт.
Худро, ки фидо кард ба халқу Ватани хеш,
Дар даҳр нағунҷиду аз ин кухнасаро рафт.
Мардум, ки набишнохт варо дар Ватани хеш,
Фарзанди худогоҳи Худо сӯи Худо рафт.
Бо хомаи худ бар дили мо нуру зиё рехт,
Бо рафтани ӯ аз дили мо нуру зиё рафт.
То буд, варо қадр накардем, сад афсӯс,
Сад вой бигӯем замоне, ки зи мо рафт.
Дирӯз аз ӯ маҳфили мо буд шакаррез,
Фардош чи донем, ки аз баҳри видо рафт.
Ангуштшуморанд чу ӯ орифи маъруф,
Ҳамсояю ҳамдеҳаю ҳампешаи мо рафт.
Тафсиру ғазалҳои гуҳаррезу гуҳарбор
Вомонд аз ӯ бо дили пуршӯру садо рафт.

***Усмон Сабз***

* * *

Дареғо, аз ҷаҳон Пири Ҳисорам рафт,
Чароғи равшани шабҳои торам рафт.
Ҳабибу ошиқи илми Худо ӯ буд,
Ба кӯи раҳмати Парвадигорам рафт

* * *

Зи мо он ахтари илму адаб рафт,
Чу нақши зӯзанаб бар коми шаб рафт.
Ба Тафсири Каломи Зарнигораш,
Сано зикри Худо бар зери лаб рафт.

* * *

Зи сӯзи марги ту Устод, чашмам хунчакон гиряд,
Хаёлам то ҷаҳон бошад, замину осмон гиряд.
Барои лутфу эҳсонат, ба ёди рӯи хандонат,
Аё Пири Ҳисори мо, ҳама пиру ҷавон гиряд.
Дуои хайри худ гуфтӣ, нагуфтӣ хайрбоде ту,
Дили ношоди мо сӯзӣ, Ҳисори шодмон гиряд.
Зи Тафсири каломи ту, зи роҳи нотамоми ту
Тамоми ҷисму ҷон сӯзад, умеду ормон гиряд.
Чунон гирям, чунон сӯзам, чунон сӯзам чунон гирям,
Ки аз рашку ҳасад бинӣ тамоми душманон гиряд.

***Ибодуллоҳи Солеҳ***

* * *

Ҳай дареғо, аз бари мо ёри ҷонӣ рафт-рафт!
Он ҳабиби ҳозиқи сайри маонӣ рафт-рафт!
Ҳай дареғо, дар дили шаб бо камоли офият,
Муршиди роҳи тариқат ногаҳонӣ рафт-рафт!
Дар камоли умри шаст аз кавни фонӣ даргузашт,
Он зарифи покдомони замонӣ рафт-рафт!
Аз пайи Ҳофизу Бедил рафт бар дорулбақо,
Ҳамчу Мавлоно, ба кӯйи ҷовидонӣ рафт-рафт!
Ҳай дареғо! Ҳазрати Пири Ҳисори шодмон,
Бо ҳазорон орзуяш ормонӣ рафт-рафт!
Ҳай дареғо, ҳай дареғо, ҳай дареғо, ҳай дареғ,
Аз бари мо кони ганҷи пурмаонӣ рафт-рафт!

***Аъло Умарзод***

* * *

Имшаб ба даргоҳи Худо як орифи бедор рафт,
Аз мо ҷудо сӯи само маҳбуби беозор рафт.
Захме даруни синааш аз неши ғадри нокасе
Бинҳода рӯи хоки тар, бар гулшани бехор рафт.
Гардуни ирфону адаб шуд торикистон, вой-вой
Аз осмони илму фан як моҳи пуранвор рафт.
Зери ливои ёри мо байти муҷалло кард нақш,
Дар иди Қурбон ин малак бо иззату дастор рафт.
Тафсири Зарринро навишт бо ҳарфҳои зарҳалӣ,
Лаббайка гӯён дар лабаш меҳмон ба пеши ёр рафт.
Сӯзи камолашро надид оне, ки шамъаш мурда буд,
Ҳайҳот соҳибмактабе бо синаи абгор рафт.
Бо лаҳни зебои дарӣ, дар дида сӯзи муштарӣ,
Бар гулшани сабзи ҷамол ёри фалакосор рафт.
Пири Ҳисори Шодмон, сайёди сайди маънавӣ,
Баҳри саломи дилбараш бар дидани дидор рафт.
Пайдовар андар сӯзи ӯ бигрифт мотам бо қалам
Бинвишт, аз боғи адаб солеҳи хушгуфтор рафт.

***Шараф Пайдовар Умарзода***

* * *

Пири кори Ҳисор аз мо рафт,
Ифтихори Ҳисор аз мо рафт.
Дар раҳи илму маърифат умре
Сарбадори Ҳисор аз мо рафт.
Қадри ӯро, ки мо надонистем,
Дилфигори Ҳисор аз мо рафт.
Карда ҷонро фидои шеъру сухан,
Ҷоннисори Ҳисор аз мо рафт.
Кай дигар аз Ҳисор гул рӯяд,
Чун баҳори Ҳисор аз мо рафт.

***Кӯҳзоди Фатҳулло***

* * *

Афсӯс, ки як булбули ирфонии мо рафт,
Як умр Худо гуфта дигар пеши Худо рафт.
Бо ашки қалам оҳкашон гуфт дили ман,
Ин пири хирадманд ба нохост куҷо рафт?
Он оби равоне, ки давон буд ба боғаш,
Бо дидаи гирён тарафи боғи азо рафт.
Гулзор, ки аз дасти гулаш хуб сафо дид,
Пажмурда шуду нолакунон гуфт «Сафо рафт».
Дар назди дараш болзанон тӯтии илҳом
Нодида варо, омаду чун боди сабо рафт.
Имрӯз саҳаргоҳ Валӣ сӯи Алӣ гуфт;
–Дар рӯзи саид нури Саид сӯи само рафт.

***Фарҳод Ализода***

* * *

Аз олами мо, як чаманистони сухан рафт,
Покизатарин толиби ирфони куҳан рафт.
Ин ғам на фақат дар дили ман боиси сӯз аст,
Як гавҳаре аз сайди маонии ватан рафт.

***Хусрав Ҳабибзода***

* * *

Ёрон ғами гаронест, к-он фарди ошно рафт,
Исторае раҳо шуд, аз домани само рафт.
Моро гузошт боқӣ «Тафсири зарнигораш»,
Пири Ҳисор аз мо бибриду бо Худо рафт.

***Баҳриддин Хоҷаев***

* * *

Дил зи ғам садпора шуд дар синаи сӯзони мо,
Не дигар як чорае дар дидаи ҳайрони мо.
Шамъи ҳар як маҳфиле буд бегумон Пири Ҳисор,
Ашки шамъи ормон аз дидаи гирёни мо.

***Шодимурод Адлонов***

* * *

Ё Раб, ту чаро бурдӣ лахти ҷигари моро,
Якрангу сияҳ кардӣ, шому саҳари моро.
з мо чи хато бигзашт, эй подшаҳи хубон,
К-ин гуна задӣ бар хок ту тоҷи сари моро
Ё Раб, ту ба лутфи худ, ё сабр ато фармо,
Ё ин ки тамошо кун ин чашми тари моро.
Ночор чи сон бошем дар зери ғаму андӯҳ,
Охир шиканад рӯзе ин ғам камари моро.
Оҳ аз дили ҳайронам, дар ёди ту пазмонам,
Бошад, ки ту бозоӣ, бинӣ гузари моро.
Ё Раб, бишунав имшаб рози дили муштоқон.
Омурзишу раҳмат кун акнун падари моро.

***Муҳаммадҷон Иброҳимӣ***

* * *

Дареғо аз ҷаҳон Пири Ҳисорам рафт,
Ба дил доғу алам бар пеши ёрам рафт.
Ба ғафлат монда мо аз рафтанаш ёрон,
Дареғо, орифи чобуксаворам рафт.
Каломи нутқи ӯ шаҳду шакарвор аст,
Муфассири бузурги Зарнигорам рафт.
Тамоми хоки тоҷик мотамаш гирад,
Сухансанҷу сухандони диёрам рафт.

Худовандо бигардон марқадаш равшан,
Ба мисли ахтари шабзиндадорам рафт.

***Раҷабалӣ Файзулло***

* * *

... Дигар ҳарфе надорам дар баёнаш,
Туӣ, огаҳ, Худоё, аз ҷаҳонаш,
Каломатро ба назм овард ҷонаш,
Биҳишти ҷовидон бодо маконаш!

* * *

Бузурге аз Ҳисори Шодмон рафт.
Ба авҷи осмон аз остон рафт.
Хазон омад ба боғи фазлу ирфон,
Дареғо, сад дареғо, боғбон рафт!

***Маъруф Ниёзӣ***

* * *

Шореҳи ҳазор шеъру ашъори ниё,
Кардаст кунун азми сафар назди Худо.
Бардоштани ғамаш агарчи мушкил,
Хуш боядамон буд, ки буд як Бедил!

***Шариф Файзӣ***

* * *

Эй ту, Устоди накӯ, Пири Ҳисор,
Эй мураббии ҳаким, омӯзгор!
Эй сухансанҷу суханвар, хушсухан,
Эй насиҳатгӯ, ҳалиму хоксор!

Марги ту на як ҳамин марги ту аст,
Марги ту марги ҷаҳон аст ошкор!
Мавти олим, мавти олам гуфтаанд,
Гаштаем бо мавти ту инро дучор!
Рафтӣ, бо ту рафт он чи бо ту буд,
Ганҷҳо аз маъниҳои бешумор!
Қисмати мо буда ҳаҷри талхи ту,
Ҷуз дуову сабр моро нест кор!
Ранҷи дурии ту талхасту гарон,
Дӯши ҷону қалби моро гашта бор!
Чорсӯ холист, ин ҷо ҷойи ту
Байни пайвандонату хешу табор!
То ба рӯзи ҳашр моро алвидоъ,
Гуфтиву рафтӣ зи аҳди рӯзгор!
Хонаи қабрат шавад боғи биҳишт,
Бо карамфармойии Парвардгор!
Ҳашри ту бо солеҳон якҷо кунад,
Шофеат гардад Шафеи номдор!
Ҳақ таоло бо камоли марҳамат
Дохили ҷаннат кунад рӯзи шумор!
Худ ба дидораш расонад Ӯ туро,
Дар канори Мустафову чорёр.
Бо дуо ёд оварад Шамъун туро,
Солу моҳу ҳафтаву лайлу наҳор!

***Шамъуни Шиҳобиддин***

* * *

Дар пеши назар марди Худо буд,
Аз олами шӯру шар ҷудо буд.
Вақте, ки сухан зи меҳр мегуфт,
Аз ҳар суханаш ба дил сафо буд.

***Нусратуллои Шамсулло***

* * *

Ба марги фозиле дунё бимирад,
Замину осмон якҷо бимирад.
Ба марги фозиле бо ҳасрати талх
Чароғи маърифат ҳар ҷо бимирад.

***Нуриддини Садриддин***

* * *

Ӯ Пиру Валию раҳнамо буд,
Монанди ситораи само буд.

Шореҳу муаллиму муаббир,
Ҳам олиму воизу муфассир.

Ин кони сафову илму ирфон
Бинҳод қадам ба роҳи имон.

Дар дидаву қалбҳои ёрон,
Буд нури ду чашму қуввати ҷон.

Афсӯс, ки бармаҳал сафар кард,
Овард ба қалби ҷамъи мо дард.

***Ҷаҳони Андеша***

* * *

Агар бошад ба дунё фозиле чанд,
Бидидам ман туро бо ҷумла пайванд.

Будӣ аз ровиёни бофасоҳат,
Ки буд моро зи гуфтори ту роҳат.

Вале, афсӯс, коми дил надидӣ,
Гуле аз гулшани мақсад начидӣ.

Ба “Сайди маънӣ”-ат будӣ замоне,
Бадасторандаи гавҳар зи коне.

Ба ҳангоми сухан кардан зи Бедил,
Чароғон менамудӣ хонаи дил.

Туро лутфи сухан буд гулшани роз,
Сухан буд маъниву маънӣ ба парвоз.

Мисолат хушбаён дигар наояд,
Ки раҳ дар дидаи дилҳо кушояд.

Чу гаштам бохабар аз реҳлати ту,
Ба хок афтодани он қомати ту.

Бигуфтам: Шоҳи маънии сухан рафт
Гумонам офтоби анҷуман рафт.

Ту рафтиву фиғон дар ҳар макон шуд,
Ду чашми сайди маънӣ хунчакон шуд.

***Бекназари Хушзод***

* * *

Омад хабари фавти туву зор гиристам,
Бо синаи чоку дили хуншор гиристам.
Бигрифт саропои маро ларзаи ҷонсӯз,
Биншастаму маҳзуни ту бисёр гиристам.
Афсун ба суханҳои пур аз ҳикмату маъни-т,
Эй марди Худо, марди накӯкор, гиристам!

Эй шамъи пур аз нур, задӣ шуълаи реҳлат,
Парвонасифат доғи ту бе ёр гиристам.
Бо ваъдаи дидор чӣ новақт бирафтӣ,
Пазмони ту дар ҳасрати дидор гиристам.
Ҳар бор, ки тафсири туро дидаму хондам,
Аз ҳарфи ту бо дидаи хунбор гиристам.
Бигзор, равони ту бувад шод ҳамеша,
Бо ёди ту такрор ба такрор гиристам.

***Қадриддин Бобоев***

* * *

Саҳар якбора гӯшӣ ғамсадо дод,
Қалам бишкасту аз дасти ман афтод.
Хабар омад ба ҳангоми саҳаргаҳ,
Ки ногаҳ тарки мо бинмуд Устод.
Само шуд тира дар чашми ман аз ғам,
Замин ларзиду дил омад ба фарёд.
Ҷигар дар ёди ӯ ғарқоби хун гашт,
Чу овардам ба ҳасрат ман варо ёд.
Ба вақти рафтанаш мо зору нолон,
Вале ӯ сокиту зебо буду шод.
Сано бодо ба номи ин суханвар,
Сано бар модаре, к-ӯ мар варо зод.
Дуо Сармад, бигӯям аз барояш,
Макони ӯ абад хулди барин бод!

***Афсар Сармад***

## МУНДАРИҶА

**Шарҳи ҳол** ........................................................ 4
**Хотираи шикаста** ................................................ 5
**Ғазалиёт** ........................................................... 9
Ин саҳар дар хоби ғафлат будам, омад пири мо ........ 10
Мушкил бувад кушодани он ақди бастаро ................. 11
Аз ман чӣ талаб мекунӣ собитқадамиро ................... 12
Эй пастрафиқи бемудоро ....................................... 13
По мазан, эй паҳлавон, марди ба хок афтодаро ......... 14
Аз куҷо донӣ ту ҳоли ошиқони зорро ....................... 15
Оина аст ин дили шоирхаёли мо ............................. 16
Гар ту ошиқ нестӣ, кай донӣ оҳи зорро ..................... 17
Рафтӣ, ҷавониям, нанамудӣ хабар маро ..................... 18
Азроил он бувад, ки надонад баҳонаро ..................... 19
Баҳри чӣ таъна мезанӣ аҳли шаробро ........................ 20
Ман чӣ созам дарди ишқи рӯз-афзуни туро .................. 21
Табибам, аз куҷо донӣ давои ғамбарориро .................. 22
Дил додаам он чӯҷаи зебои париро ........................... 23
Ё Раб, аз чӣ кардаӣ афсона тақдири маро .................. 24
Меҳӯрам аз тоати кам доим афсуси туро .................... 25
Бар дари бозор дидам соқии афтодаро ....................... 26
Чаро сар мекашӣ, эй ҷони ман, фармони карданро .. 27
Бе амри Ҳақ зи ҳам наканӣ ҳеҷ риштаро ..................... 28
Зи гул бояд бипурсӣ хори ҷон дар пой бастанро ....... 29
Одат макун ин феъли бади «мову манӣ»-ро ................. 30
Тане бемору ҷоне хору теғи интизор ин ҷо ................ 31
Чӣ мағрурӣ, аё нодон, аз ин боло нишастанҳо .......... 32
Гирифторӣ маро дорад азоби он тағофулҳо ................ 33
Куҷо медонӣ, эй ғофил, ғами Маҷнуни шайдоро ...... 34
Эй ҷони ман, чаро шиканӣ ҷоми нобро ...................... 35
Бемори дилам, ку сабабе ин дили моро ...................... 36
Эй муғаннӣ, бар наво каш нолаи танбӯрро ................ 37

Эй ҷунунафтода, нолон дам ба дам ойӣ, чаро ........... 38
Такопӯҳо кунад одам пайи асрорҷӯийиҳо .................... 39
То ба кай ин фиребу бозиҳо ........................................ 40
Куҷо донӣ ту рози булбули дар шоха нолонро ......... 41
Он рӯз, ки бишнидам лаҳни ту зи лаъли ноб ............. 42
Ранҷи бисёр мекашам, ё Раб ....................................... 43
Омад хабарам зи ҳотифи рӯзи аласт .......................... 44
Лаби гулғунча вақте баста аст – озоду обод аст ....... 45
Моро ҳамеша ёди ҳамон Гулниҳоли мост ................. 46
Моро зи оҳи булбули шайдо хабар куҷост ................ 47
Бош ҳушёр, ки ин мурғи аҷал хафгир аст .................. 48
Олами мо ҳосил аз меҳри Паямбар будааст .............. 49
Фарёд, ки ҷони ман ба танг омаданист ...................... 50
Ғампарварии мо зи дили ғамгусори мост .................. 51
Ошиқ агар шудӣ, дили ту бениёз нест ........................ 52
Дили мо дар муҳаббат булҳавас нест ......................... 53
Чун ба ҷаннат волидайн аз донаи гандум шикаст .... 54
Дар хаёлам буд, ки ин дунё хами идроки мост .......... 55
Сурати бе доғи дил ҳатто, ки дар Маҳтоб нест ......... 56
Дунё на ҷои базми ду-се-чор аҳмақ аст ...................... 57
Моро нафас, ки нисфи ҳаётам бурида рафт .............. 58
Ба гумонат, ки ҳамон фасли хазон ёдам рафт ........... 59
Дигар Искандару афсонаи Доро дигар аст ............... 60
Умри ман, то хабарам гашт, басе рафт, ки рафт ....... 61
Эй хок, маро дари ту доим боз аст ............................ 62
Доимо мулки Худо ҳам сард нест ............................... 63
Боз омад навбаҳори кӯҳу дашт ................................... 64
Дар мазҳаби мо хоби саҳар беадабист ....................... 65
Гар биларзад панҷаи сайёд, айб аз тир нест ............. 66
Моро ба сина ҷуз дили соҳибхиром нест .................. 67
Аз ман ту чӣ мепурсӣ, ин чанду ваяш чанд аст ......... 68
Ҳар куҷое дил бубинӣ, дар суроғи Бедил аст ............ 69
Зораҳои мо ба сӯят аз дили осуда нест ...................... 70

Дидаӣ, бе реша гандумро ривоҷи поя нест ................ 71
Кофару муслим ба Зоти Ҳақ муносо доштаст ........... 72
Шуълаи оташ адабгоҳу камоли оҳан аст .................. 73
Иди Қурбон омаду ҳар хонаеро ҳам дар аст ............... 74
Дар минбару меҳроб касе ёри касе нест ....................... 75
Фарзона он ки ошиқи ранги либос нест........................ 76
Кори ҷаҳон ба зодаи Одам накӯй нест ......................... 77
Маро бо дарди ишқат ошноист ..................................... 78
Биё, бо ман, ки бо ту мурданам сад бор осон аст....... 79
Куҷо дидӣ дар ин олам касеро доимо шод аст ........... 80
Хуш ба ҳоли он диле, к-он сард нест ............................ 81
Моро хаёли дидани ҷонон ғанимат аст......................... 82
Ин ҷаҳон анҷоми раъю рой нест................................... 83
Саҳар вақти намоз аз пеши ман он бевафо бигзашт .. 84
Аҷаб дорам аз ин дунё, ки доим гирдгардон аст........ 85
Занбӯри асалро асари неш азиз аст ............................. 86
Тақдири мо ба қудрати Омурзгори мост ..................... 87
Шаб то саҳар зи дарди ту ҷонам хароб гашт ............. 88
Эй бехабар, ҳаёти ту вақфи давом нест........................ 89
Эй ғофил, ин ҷаҳон ба ту доимсарой нест................... 90
Андар қафас барои дили мо фасонаҳост...................... 91
Дар ин дунё ҳар он чи сохтӣ охир, ки вайрон аст ...... 92
Ҳайфи касе ба тарфи ҷаҳон дилнавоз нест ................. 93
Ҳар гул дар ин чаман гули зебохиром нест ................ 94
Ҳаргиз намеравад зи дили ман хумори дӯст............... 95
Ин ҷо на ҷои хандаву шодиву пар-пар аст ................. 96
Аз худ марав, ки умри ҷавонат гузаштанист ............. 97
Ногаҳ хабар омад, ки ҷаҳон чизе нест.......................... 98
Дар кӯча маро ту дидӣ, эй хоҷапараст ........................ 99
Сари моро хаёли дигаре нест ..................................... 100
Агар аз барги гул хуни ҳаё рафт ................................ 101
Ба гардун сар кашидан кори мо нест ........................ 102
Дар он манзил, ки нуре аз чароғест........................... 103

Он ҷо, ки номи Ӯст, ба дӯзах чӣ кор ҳаст ..................104
Соқӣ аз майкада берун шуду соғар бишкаст.............105
Ҳар ҷо, ки ошиқ аст, гирифториву ғам аст................106
Ҳарчанд, ки дунё зи сари мо гузарон аст...................107
Ҳар он ки бори гунаҳро дароз мебардошт ................108
Номи ман Сайиду пайвасти ҳамон исми Алист ........109
Бинол, эй булбул, айёми баҳор аст............................110
Эй падар, хоҳам, ки рӯзе пой то сар бинамат............111
Воизе дидам, гумонам омад онро тоб нест................112
Ошиқам бар сунбуле, ки рангу рӯву бӯ-ш нест .........113
Гар ба пеши чашми ту ҳусни рухи ҷонона нест ........114
Ҳар киро дар шаб агар тасбеҳи «ё Раб-ё Раб» аст ....115
Ҳар саҳар дар пеши дил бисёр мебояд гирист...........116
Нуре ба чашмам имшаби тор омаду гузашт ............117
Ба оқил як нафас будан дар ин дунё ҳама панд аст ..118
Ҳар ҷо, ки диле ҳаст, басо хонахароб аст.................119
Кучо дидӣ дили бе мушкиле ҳаст .............................120
Болинталаб мабош, туро вакти хоб нест...................121
Паҳлавонӣ дигару хондани Қуръон дигар аст..........122
Дар ин манзил касе бе муддао нест ..........................123
Дар қазои Ҳақ ҳама тақдир ҳаст ..............................124
Қафас танг омад имшаб, ин дили бечора маҳзун гашт....125
Кулфати ин ҷаҳон зи бехабарист..............................126
Нафас чун рафт, гӯё хатми як бикшода авроқ аст ....127
Нола гар зоғ мекунад, аҷаб аст ................................128
Ҳар чи бар мо бигзарад, аз теғи ишқи ёри мост .......129
Эй ҷони ман, чӣ донӣ анису ҳузур чист ....................130
Ба ҳоли майзада бингар шароб мегиряд...................131
Боди сабо зи Арш маро дар бадан расид...................132
Бош хомӯш, ки хунинҷигарон меоянд .......................133
Ҳаст хоке, к-он ҳанӯзам моли Қорун мехӯрад ..........134
Ҷилваи хуррамӣ аз боғу гулистон ояд .......................135
Ин ҷаҳон бар ману ту бори гарон мемонад..............136

Ошиқ аз ҳасрату аз ҳаҷру фиғон месӯзад.................. 137
Одаме ҳаст, ки чашми нигарон мемирад .................. 138
Ҳар кӣ аз ғуссаи дунё нигаҳи тар дорад..................... 139
Роҳи саҳрое, ки дидӣ, пои Маҷнун меравад ............. 140
Ин чӣ хунест, ки аз дида чакидан дорад .................... 141
Худо ба хотири як мӯр як ҷаҳон шиканад ................ 142
Хаёли ман ба гузаргоҳи дӯст роҳате дорад................ 143
Эй Хоҷа, бигӯ, ки лаби гуфтор намонад.................... 144
Эй булбули ман, туро чаман мебояд ......................... 145
Рушди ободӣ зи файзи марди шабхезе бувад............ 146
Андар ниҳоди мо ҳама ғамҳо ниҳодаанд.................. 147
Ба сад рӯзи ғами одам ду-се ҳангоми шод омад....... 148
Кай дар бари ин олам як зода ду бор ояд ................ 149
Хезед, ба рақс оед, маҳбубаи дур омад ..................... 150
Шаб, ки шуд аз корвон сози ҷарас бардоштанд....... 151
Дилам сайри фалак хоҳад, зи поям хок медорад...... 152
Садои мо, ки дарунист, аз само бошад ..................... 153
Агар аз дасту пои ту диле ғамнок мегардад ............. 154
Ҳар куҷо, ки нӯш дидӣ, дар муқаддам неш буд........ 155
Чаманро маъмани гул офариданд ............................ 156
Як назар созад валӣ гар, ҳар ду олам тай шавад...... 157
Эй дил, аз чӣ метарсӣ, ёри ту Худо бошад................ 158
Ба поси шабнишиниҳо диле бедор мебояд ............... 159
Эй духтари тоҷик, ба Худо шарми ман ояд .............. 160
Ашки шаб дар киштаи ҷон файзи борон медиҳад.... 161
Шаҳидони Ҷанги Ватан зиндаанд............................ 162
Ҳайфи касе, ки луқмаи нопок мехӯрад..................... 163
Чӣ суд аз қомате, раъно набошад............................ 164
Дил агар моил нагардад, сина кай бирён шавад ...... 165
Нигори ман ба ду ҳарфе асар ба ҷонам кард............ 166
Дар он ҷамоа, ки сидқу вафо асар накунад .............. 167
Ҳар гул азизи боғу гулистон намешавад................... 168
Аз оташи ишқи ёр ҷонат сӯзад................................. 169

Намебинӣ, чаро дар пояи гул хор мепечад................170
Гул дар бари марде, ки бувад пир, назебад ..............171
То даре бар ту шавад боз, нидо бояд кард ................172
Санг аз шӯри шарар лаъли Бадахшон гардад ..........173
Ё Раб, аҳволи маро хайри дигар мебояд....................174
То ту дар дунё, ки ҳастӣ, бори ҷон бояд кашид ........175
Дили моро машикан, заҳри ҷафо мегузарад .............176
Ба ҳар ҷое сурохӣ ҳаст, он ҷо мор меояд ..................177
Донои ҷаҳон роз ба ҳар банда нагӯяд.......................178
Дар каромоти Худо роҳи ту осон набувад ................179
Тарзи гуфтори маро мазмуни дигар бошаде.............180
Синну сол оҳиста моро пой дар гил мекашад ...........181
Қиссае донам, ки ҳар кӣ зулми мардум мекунад.......182
Бе сӯзи сина ҳаргиз лабро сухан наояд ....................183
Ҳар кӣ аз мо гузарад, боз дигар бор ояд ..................184
Кам одам дидам, озоре надорад...............................185
Макуш як мӯри ланге, к-он Худо болои сар дорад...186
Ба ҳайратам, ки маро навбаҳор буд, набуд...............187
Меравад фаслу гули пажмурда меояд ба ёд .............188
Раҳид аз чанги расвоӣ, ки бар ёраш вафо дорад.......189
Касе завқи ҳавас бар кисаи бегонагон дорад ...........190
Барои қомати хам зӯри мавзунӣ намезебад...............191
Гирифторони сӯзи ишқ аз бахри чӣ хомӯшанд .........192
Чӣ бо заҳри забон фахрӣ, ки онро мор ҳам дорад....193
Баски хомӯшиву хобӣ, лек соат меравад ..................194
Шакармаст аст занбӯре, агар он болу пар дорад......195
На ҳар як лола андар синааш доғи сияҳ дорад .........196
Аз ин манзил, ки оҳанги ғамангези рубоб ояд..........197
Ба гӯшам ин саҳар овози танбӯру дутор омад ..........198
Ин чӣ ашкест, ки аз дида чакидан дорад...................199
Заҳр мебояд хӯрӣ, то он ки он дил дил шавад...........200
Макун коре, ки охир хандаву зарбулмасал гардад...201
Кист дар дунё касе, ки бад намуду бад надид ...........202

Кори мо мушкил намегардад, Худо хоҳад агар ....... 203
Як рӯзи нек Холиқи Ҷаббору Бениёз ....................... 204
Шабе бо булбуле гаштам ҳамовоз............................ 205
Накди одам аз ҷаҳони пир имон асту бас ................ 206
Марав, эй гавҳари одам, ба пушти ҳар дари нокас.. 207
Лаззати субҳи сафо марди Худо донаду бас............ 208
Зиндагиро гарчи мебояд барӣ бар коми хеш............ 209
Эй хоҷа, аз чӣ ҷилва намоӣ ту зӯри хеш.................. 210
Бар дари майхона рафтам то бубинам пири хеш ..... 211
Эй ҷони ман, ба дард кашидан сабур бош............... 212
Моро ҳикоятест, ки доно надонадаш........................ 213
Зарби устоди писар дидӣ, гузар, эй дарднок ............ 214
Чашми каҷбин оқибат аз хор меёбад халал.............. 215
Сари шӯрида дорам, пой дар гил.............................. 216
Саре шӯрида дорам, доғ дар дил ............................. 217
Даруни сина дорам доғ дар дил .............................. 218
Боз омадам ба пеши мазори ту, модарам ................ 219
Чӣ кунам, ки дард дорам, чӣ кунам, ки ғам зудоям . 220
Бубин, ки мастаму чашми хумор меоям.................. 221
Ман аз ин кунҷи харобот сафое дорам .................... 222
Чи занӣ таъна маро масту харобам, эй дӯст ............ 223
Ҳар куҷо ширинкаломеро ба ҷавлон дидаам .......... 224
Эй мурғи саҳар, аз ту саҳархезтар астам................. 225
Мастем ҳама, бале, бале, майнӯшем......................... 226
Таъна ам чаро созӣ ин ки доимо мастам ................. 227
Гаҳе зери ғубор астам, гаҳе дар авҷи афлокам......... 228
Ман аз кунҷи лаҳад - он хонаи бенур метарсам ....... 229
Эй ходими Ҳарам, зи Ҳарам аз чӣ рониям .............. 230
Агарчи бигзарад аз Арши аъло оҳу фарёдам .......... 231
Ҳадиси соқиву пири муғон ҳамехоҳам..................... 232
Аз дасти ёр заҳри ҳалоҳил чашидаам....................... 233
Қадам ба дидаи ман мон, ки нақши по гардам ........ 234
Мо хок, вале мазрааи поки баҳорем ........................ 235

Ман қиссаҳои Ҳазрати Мӯсо шунидаам....................236
Барои зикри Ту, ё Раб, зи сар то по забон гардам ....237
Ту ҳастӣ дар дили ман, ёди дигарон чӣ кунам ..........238
Чист одам? – Гӯшт асту хуну устухон .......................239
Эй марг, эй бародари доимхамӯши ман ....................240
Надонам, аз чӣ қалам меравад ба дафтари ман ........241
Боз биё, баҳори ман, сабзаву лолазори ман ..............242
Мерасад рӯзе, зи пушти парда ёр ояд бурун.............243
Раҳме намо, ки рафт зи даст интизори ман ...............244
Саҳар бархезу сӯи Ҳазрати Ҷаббор ово кун .............245
То куҷоҳо меравад ин нолаи шабҳои ман .................246
Ҷустуҷӯи ёр мехоҳӣ, шафақ бояд шудан....................247
Чӣ медонӣ Худоро, куҳна айвон ...............................248
Эй хоҷа, агар хоҷа шавӣ, хоҷаи кас шав.....................249
Эй ҷони ман, олудаи соҳибназарӣ шав.......................250
Аз чӣ менозӣ, ки бошад мардумон мафтуни ту.........251
Мерасад рӯзе, ки пурсӣ: Ёр ку, ҷонона ку .................252
Моро дигар ҷавониву чашми хумор ку .....................253
Эй модарам, куҷостӣ, ҷонам фидои ту .....................254
Эй модарам, нишастаам андар мазори ту ..................255
Каъбаро гуфтам: «Чаро ту курта мепӯшӣ сиёҳ!» .....256
Чаро, эй Хоксор, дар сояи девор пинҳонӣ ................257
Маро дил андаруни сина бирён аст, медонӣ .............258
Ғами мо чи гуна донӣ, ки ту ишқи мо надорӣ...........259
Хоҳам, писарам, соҳиби ирфон шуда бошӣ ..............260
Эй зодаи хок, агар ту аз хок наӣ.................................261
Поят ба канори гӯр ояд рӯзе.......................................262
Эй хоҷа, чаро ту нони нопок хӯрӣ..............................263
Магӯ, зоҳид, ки софу бегуноҳӣ....................................264
Нарафт аз ман хатои ошноӣ ........................................265
Бигуфтаӣ, ки ту аз ман марав, ки хор шавӣ ...............266
Диламро мекунам охир ба сина нури маҳтобӣ .........267
Эй Холиқи Раббонӣ, эй чашмаи нуронӣ ...................268

Аё ғофил, чаро дар дил ту фикри бешу кам дорӣ..... 269
«Сабоҳ-ул-хайр» мегӯяд маро он булбули ҷонӣ....... 270
Аё ғофил, дар ин манзил чаро бе сӯзу соз астӣ......... 271
Вазид ин бомдод охир насими поки хушбӯӣ ............ 272
Худонотарсияст ин кинадорӣ ................................... 273
Эй дил, ин ғамҳои ширинро фаровон меҳӯрӣ........... 274
Худо, ки пеши ту бошад, чаро Ҳарам ойӣ ................ 275
Дили моро раҳи майхонаву рози соқӣ ...................... 276
Чаро шабе ба ҳузурат маро хабар накунӣ ................ 277
Одам аз рӯҳи Худованд аст, Пайғамбар шудӣ ......... 278
Гунаҳ мероси Одам гашт, дар ҳоли табоҳ астӣ ........ 279
Фиғону сӯзи ҷон дорад ғарибӣ ................................. 280
Эй ошиқи раббонии ман, аз чи харобӣ ..................... 281
Нокарда вафо, меҳру вафоро ту набинӣ ................... 282
Сабаб, ки гаштаам имрӯз хору маст, Туйӣ ............... 283
Чаро дар сина дил дорӣ, вале ҷонона меҷӯӣ ............ 284
Чаро, эй ғофил, аз мурдан ба ҳар сӯ сахт мекӯшӣ.... 285
Азизи ман, зи сарои куҳан чӣ мехоҳӣ....................... 286
Эй гул, имрӯз чӣ рӯзест, ба чанг омадаӣ................... 287
Агар зи шарми гунаҳ бингарӣ, ки об найӣ ............... 288
Ба пирият бирасидӣ, дигар чӣ мехоҳӣ....................... 289
Таҳаммул боядат, эй дил, ки мисли шонаи чокӣ...... 290
**Маснавӣ** ..................................................................... 291
**Рубоӣ ва дубайтиҳо** ................................................. 295
**Андешарезаҳо** ........................................................... 310
**Меҳргонӣ** .................................................................. 317
**Сӯгнома**...................................................................... 323

**САИДАЛӢ САИД**

# НИЁИШНОМАИ ПИРИ ҲИСОР
(*маҷмӯаи шеърҳо*)

**Муҳаррири техникӣ** *Меҳроҷ Муродов*
**Таррох** *Ш. Ҳабибуллозода*
**Ҳуруфчин** *Нозанин Ҳамроева*

Чопаш 20.10.2020 ба имзо расид.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 22,0.
Адади нашр 300 нусха.

Китоб бо тамғаи Муассисаи нашриявии
«Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 а

Дар чопхонаи ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.